кардани механизми ҳуқуқии куҳнашуда, бе иваз намудани он ба механизми нави бозорӣ боиси фалаҷ гардидидани амали механизми хоҷагидорӣ, кандашавии алоқаҳои шартномавӣ, ҳукмфармоӣ, бартер ва дар натиҷа паст рафтани сатҳи иқтисодиёт мегардид. Ба ҳамаи ин бисёр вақтҳо "ҷанги қонунҳо" ва мухолифати онҳо мусоидат менамуданд. Ҳангоми дар ҳайати ИҶШС будани Тоҷикистон як қатор қонунҳое қабул карда шуд, ки барои рушди соҳибкорӣ бояд заминаи ҳуқуқӣ муҳайё менамуданд. Аз сабабе, ки қонунҳо на танҳо ҷузъӣ, балки гуногунсоҳа буданд, барои инкишофи муносибатҳои нави бавуҷудомадаи соҳибкорӣ мусоидат карда наметавонистанд. Аз тарафи дигар қабули қонунҳои нави танзимкунандаи иқтисодиёт кашол дода мешуд, ки дар натиҷа боиси мухолифати қонунҳо мегардиданд. Даҳҳо "қонунҳои бозорӣ" қабул карда нашуда буданд, аз ин ҷо меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ низ амал намекарданд. Инчунин дар ин давра дар Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон Қонуни ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи иҷора дар ҶШС Тоҷикистон" (6.12.1990)[1], "Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон" (5.12.1991)[2], "Дар бораи ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (21.02.1991)[3], ва ғ-ҳо қабул карда шуда буданд. Қонунҳои қабулкарда аввалин маротиба муносибатҳоро дар соҳаи моликият, иҷора, соҳибкорӣ ба танзим дароварда бошанд ҳам, вале характери декларативӣ доштанд, механизми амалишавиашон мавҷуд набуд.

Бояд қайд намоем, ки аввалин маротиба дар бораи гуногуншаклии моликият дар Қонуни ИҶШС " Дар бораи моликият дар ИҶШС" ва Қонуни ҶШС "Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон" сухан мерафт. Қонунҳои мазкур агарчанде, ки дар бораи моликияти хусусӣ ёдовар намешуданд, вале дар бораи ҳамаи хусусиятҳои он, аз ҷумла моликияти шаҳрвандон, коллективӣ ва давлатӣ, инчунин имконияти истифодаи меҳнати кироя дар ҳамагуна шаклҳои моликиятҳои зикршуда, додани воситаҳои истеҳсолот ба моликияти шаҳрвандон ва ғ-ҳо имконият медоданд. Дар онҳо аввалин маротиба ба ҳамаи соҳибмулкон, аз ҷумла шаҳрвандон иҷозат дода шуда буд, ки молумулке, ки ба онҳо тааллуқ дорад дар ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолияти хоҷагӣ, агар қонун манъ накарда бошад истифода баранд (бандҳои 2 ва 4, моддаҳои 1. Қонуни ИҶШС "Дар бораи моликият", банди 2, моддаи1 ва банди 1, моддаи 7, " Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон"). Давоми мантиқии қонунҳои қабулкарда Қонуни ИҶШС аз 2 апрели соли 1991 "Дар бораи асосҳои умумии соҳибкории шаҳрвандон дар ИҶШС" ба ҳисоб мерафт. Тибқи он объекти моликияти хусусии шаҳрвандон корхона ва дигар молумулки комплексӣ, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, дигар воситаҳои истеҳсолӣ ва ҳамагуна дигар молумулки таъиноти истеҳсолӣ эътироф карда мешавад.

Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 давраи дигари инкишофи қонунгузории соҳибкорӣ оғоз гардид, ки он зарурияти мувофиқгардонии иқтисодиётро ба шароити нави идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатдорӣ тақозо менамуд. Зеро тарзҳои пешинаи танзими фаъолияти идоракунию иқтисодӣ дигар самаранок буда наметавонист. Барои ҳамин ҳам зарурияти аз нав кор каркардабароии механизми таъмини ҳуқуқии нави иқтисодӣ ва интихоби воситаҳои ҳуқуқии баамалбарорӣ лозим буд. Вале мураккабшавии вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, бекурбшавии пул, набудан ва норасоии воситаҳо, кандашавии алоқаҳои шартномавӣ дар байни субъектҳои хоҷагӣ низ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ имконият намедод. Аз ин лиҳоз дар назди давлати навини тоҷикон дар қатори проблемаҳои ҳалталаби сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ барпо намудани механизми ҳуқуқии баамалбарории муносибатҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ меистод. Зеро ба даст овардани истиқлолият ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои иқтисодӣ ва соҳибкории озод бе мавҷудияти қонунгузории мукамал, босифат ва самараноке, ки муносибатҳои зикршударо ба танзим дарорад ғайриимкон буд. Аз ин ҷо фавран зарурияти на танҳо такмил, балки куллан дигаргун намудани қонунгузории соҳаи

[1]Ведомостьҳои СО РССТ. 1990. №24. мод. 415
[2]Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1990. №24. Ст.408.
[3]Коммунист Таджикистана.1991, 6 марта.

соҳибкорӣ ба миён меомад. Вале ин кори осон набуд, барои ҳамин ҳам ташакул ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳибкорӣ дар шароити таърихии махсуси кишвар ва бо назардошти ҷараёни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин дар зери таъсири сабабҳои субъективӣ ва объективӣ ва шароити дохилию берунӣ давра ба давра ва бо суръат рушд ёфт.

Дар ин давра як қатор қонунҳое қабул карда шудаанд, ки мақсади онҳо танзими муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ буданд. Ба монанди, Қонунҳои ҶТ "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (23.12. 1991); "Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (23.12. 1991); "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" (23.12.1991); " Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ"(10.03.1992); "Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (10.03.1992); "Дар бораи қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ (10.03.1992); "Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон" (25.11.92) ва ғайраҳо. Хусусияти характерноки давраи мазкур аз он иборат буд, ки маҳз аввалин заминаи қонунгузории миллӣ оид ба рушди фаъолиятӣ соҳибкорӣ оғоз гардид. Дар қонунҳои қабулшуда аввалин маротиба мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ, биржаи молӣ, биржаӣ фондӣ, коғазҳои қимматнок, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ғ-ҳо дода шуд. Соҳибкорӣ (фаъолияти соҳибкорӣ) тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ аз 23 декабри соли 1991 "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ"[1], ҳамчун фаъолияти ташаббускоронаю мустақили шаҳрвандон, ки ба гирифтани фоида нигаронида шудааст ва аз номи худ, таввакалан ва таҳти масъулияти амволии худ ё аз ном ва таҳти масъулияти шахси ҳуқуқӣ -корманд сурат мегирад. Ҳамин тавр тибқи Қонуни мазкур фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин буд.

1. ташаббуснокӣ;
2. мустақилият;
3. таввакал;
4. ҷавобгарии молумулкӣ;
5. гирифтани фоида.

Ҳамзамон дар Қонун ифода карда шуда буд, ки дар ҳолати соҳибкор барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ кормандеро, ки шахси ҳуқуқӣ(юридикӣ) аст, бунёд намояд ё бихарад, фаъолияти он тибқи Қонун дар бораи корхонаҳо ба танзим дароварда мешавад(моддаи 2). Бояд зикр намоем, ки тибқи мафҳуми мазкур корманд шахси ҳуқуқӣ (юридикӣ) ҳисоб карда мешуд.

Дар ин давра инчунин як қатор қонунҳое қабул карда шуд, ки онҳо мафҳум ва намуди корхонаҳо, низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагӣ ва намудҳои рақобати бевиҷдонона, мафҳум ва намудҳои андозҳое, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ руёнида мешавад, суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии молумулкии субъектҳои хоҷагӣ, гарав ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва дигар муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагӣ, инчунин байни онҳо ва давлатро ба танзим медароварданд. Ба онҳо Қонунҳои ҶТ "Дар бораи корхонаҳо" (25.06.93); "Дар бораи низоми пулӣ" (27.12.93); "Дар бораи маҳдудияти фаъолияти инҳисорӣ ва равнақи рақобат" (27.12.93); "Дар бораи фаъолияти иқтисоди берунӣ" (27.12.93); "Дар бораи бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (27.12.93); "Дар бораи асосҳои системаи андоз" (20.07.94);"Дар бораи суғурта" (20.07.94); "Дар бораи гарав" (20.07.94); "Дар бораи боигариҳои зеризаминӣ (21.07.94) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Бояд зикр намоем, ки давраи сипаришуда марҳилаи нахустини инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла муносибатҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барқарорнамоию инкишофи низоми қонунгузории давлати мустақил ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Қабули Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 давраи навро дар таҳия, такмил ва қабули қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории соҳибкорӣ оғоз намуд. Конститутсия бо назардошти дурнамои инкишофи кишвар шаклҳои гуногуни моликиятро ба сифати асоси иқтисодиёти кишвар эътироф намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти

[1]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992, №4. М.37

хусусиро(моддаи 12) кафолат дод. Ҳамин тавр дар Конститутсия бори аввал оид ба ибораи "моликияти хусусӣ" сухан рафта, принсипи озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар сатҳи Конститутсия муқаррар карда шуд. Дар баробари ин Конститутия ба ҳар кас озодии меҳнат ва ҳифзи он, инчунин озодии интихоби касбу корро ҳақ дод (моддаи 35), ки яке аз шартҳои дигари рушди соҳибкорӣ мебошад. Бо ҳамин ниҳоят саҳеҳ муайян карда шуд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо истифодаи молумулк, балки истифодаи озодонаи қобилияти ҳар кас низ муҳим мебошад. Ҳамин тавр тибқи Конститутсия шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ озод буда, ҳуқуқи молу мулкро дар моликияти хусусӣ дошта ва истифода бурдани онро дар ҳамагуна фаъолияти қонунии манъ нагардида пайдо намуданд, инчунин дар интихоби ихтиёрдорӣ кардани қобилияти худ ба меҳнат низ озод гардиданд. Аз гузориши зикргардида маълум гардид, ки дар ин давра барои рушди соҳибкорӣ гуногуншаклии моликият ва пеш аз ҳама моликияти хусусӣ эътироф гардида, машғул шудан ба ҳамагуна фаъолияти қонун манъ накарда, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодӣ иҷозат дода шуда ва кафолати ҳуқуқии интихоби озодонаи функсияи меҳнатӣ таъмин карда шуд. Дар маҷмуъ унсурҳои зикршуда заминаи иқтисодию ҳуқуқии бавуҷудоӣ ва инкишофи фаъолияти соҳибкориро дар кишвари мо ташкил медиҳанд.

Бо мақсади ба танзим овардани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи нишондоди Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила қонунҳои, аз ҷумла Қонунҳо ҶТ "дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизмат" (12.12.96); "Дар бораи стандартикунонӣ" (12.12.96); Қонуни ҶТ "Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (14.12.1996); "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизмат" (12.12.97); "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ" (16.05.97); "Дар бораи монополияҳои табиӣ" (12.12.97); "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" (22.05.98); "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" (23.05.98); "Дар бораи ҳисоби бухгалтерӣ" (14.05.99); ва ғайраҳо қабул карда шуд. Инчунин дар ин давра ба низомдарории муносибатҳои ҳуқуқӣ ба воситаи Кодексҳо оғоз гардид, ки марҳила ба марҳила Кодекси мурофиавӣ хоҷагӣ(2.11.95); Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.12.1996); Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (15.05.97); Кодекси андоз (12.11.98) қабул карда шуданд. Бояд зикр намоем, ки дар Кодекси андози соли 1998 мафҳуми соҳибкории инфиродӣ ҳамчун унсури олами ҳуқуқ дода шуд. Тибқи он соҳибкории инфиродӣ ҳамчун фаъолияти шахси воқеие маънидод карда шуд, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, таҳти таваккал ва масъулияти молу мулкии худи соҳибкор амалӣ карда мешуд.

Хусусияти характерноки қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин давра қабулшуда аз он иборат буд, ки ба воситаи онҳо танзими муносибатҳои уфукӣ ва амудии иқтисоди бозорӣ пайваста амалӣ карда мешуд. Аз як тараф ба инкишофи муносибатҳои бозории уфукӣ ба монанди; хариду фурӯши давлатии мол, кор ва хизмат, фаъолияти аудиторӣ, бухгалтерӣ, муносибати байни бонкҳо, байни бонкҳо ва мизоҷон, муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба воситаи судҳои иқтисодӣ шароит муҳайё карда шуд. Аз тарафи дигар танзими давлатии муносибатҳои бозорӣ ба воситаи стандартикунонӣ, маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ, танзим ва назорати асъор, инчунин ба воситаи омилҳои муҳими таъсиррасонӣ ба монанди андоз ва пардохт пурзӯр карда мешавад. Ин кӯшишҳо дар ҳамон давра натиҷаи мусбӣ ҳам доданд, аммо аз сабаби инкишофи сусти муносибатҳои уфукӣ, танзими давлатии муносибатҳои бозорӣ натиҷаи дилхоҳ дода натавонист. Зеро бе қабули Кодекси гражданӣ ва қонунҳои нишондоди онро амалкунанда, ки бояд баробарии субъектҳои хоҷагӣ, шаклҳои ташкили ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, шаклҳои моликият, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро ба танзим медароварда рушди соҳибкорӣ ғайриимкон буд. Аз ин рӯ 30 июни соли 1999 қисми якуми Кодекси гражданӣ ва 11 декабри соли 1999 бошад, қисми дуюми он қабул ва аз 1 январи соли 2000 мавриди амал қарор дода шуд. Қабул ва мавриди амал қарор додани кодекси мазкур дар баркарорнамоӣ ва

инкишофи низоми қонунгузории соҳибкорӣ нақши муҳимро бозида, давраи навро дар инкишофи қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ оғоз намуд. Инчунин асоси ҳуқуқии фаълияти соҳибкорӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии онро муайян намуд. Кодекси мазкур муносибатҳои соҳибкории байни субъектҳои гуногунро ба танзим дароварда, ҳадди иштироки давлатро дар чунин муносибатҳо муайян намуд, шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро муқаррар ва шартномаҳое ки дар байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ баста мешаванд муайян кард. Ҳамчун механизми асосии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ баромад намуда, барои рушду нумӯи он минбаъд шароит муҳайё кард. Соҳибкорӣ тибқи қисми сеюми моддаи 1 Кодекси граждани фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар кардаи қонун ба қайд гирифта шудае эътироф карда шуд, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Аз таърифи расмии мазкур маълум мегардад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1.Мустақилияти соҳибкор.

2.Таваккали соҳибкор.

3.Мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат.

4.Фаъолият кардани шахсоне(шаҳрванд ва шахсони ҳуқуқӣ), ки ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудаанд.

Бояд зикр намоем, ки дар фарқият ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ" соли 1991, Кодекси граждани таркиби фаъолияти соҳибкориро аз баъзе аломатҳои дар боло зикрёфта иборат дониста, ташаббус, ҷавобгарии молумулкӣ ва кормандро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ истисно намуд ва ба сифати яке аз аломатҳои расмии мафҳуми соҳибкорӣ, ба ҳайси соҳибкор ба қайд гирифтани шахс (шаҳрванд ва шахси ҳуқуқӣ)-ро эътироф намуд. Азбаски дар моддаи 12 Конститутсия дар бораи фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ сухан меравад, на дар бораи муносибатҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ барои ҳамин ҳам дар қисми 3 моддаи 1 Кодекси граждани оид ба танзими муносибатҳои байни шахсони амаликунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ё бо иштироки онҳо дарҷ гардидааст. Ҳамин тавр Кодекси граждани моҳияти фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкориро, ки дар Конститусия баён гардидааст ифода намуда, ҳангоми муайян намудани доираи амали ҳуқуқи хусусӣ ба соҳибкорӣ аз лиҳози танзими фаъолият, баҳо медиҳад на муносибат. Аз ин ҷо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ифода карда шуд, на муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкие, ки оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд. Бояд зикр намоем, ки қонунгузор мафҳуми фаъолияти соҳибкориро дар Кодекси граждани ифода намуда, нисбат ба он аз лиҳози мафҳуми фаъолияти тиҷоратӣ баҳо медиҳад, на фаъолияти соҳибкорӣ. Шояд чунин мафҳум дуруст ҳам бошад, зеро Кодекси граждани танзимкунадаи муносибатҳое мебошад, ки дар ҷараёни озоди муомилоти граждани ба вуҷуд меоянд ва ҳамзамон "тоҷир " ва "соҳибкор" ҳаммаънӣ нестанд, агарчанде ки бо ҳам алоқаманданд. Бинобар ин тибқи мафҳуми соҳибкорие, ки дар Кодекси граждани дода шудааст, мунтазам гирифтани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат ба даст оварда мешавад. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ кафолат дода шуда (моддаи 12), фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ баҳо дода мешавад. Агар фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун фаъолият оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ дар ҷараёни истеҳсол ва фӯрӯши мол, на танҳо ҳамчун истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат баҳо дода шавад, пас фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ нисбат ба фаъолияти тиҷоратӣ васеъ буда, ҷараёни истеҳсолро низ дар бар мегирад. Ҳамзамон чи хеле, ки дар боло қайд карда будем, меҳнат ҳамчун сарчашмаи ҳамагуна неъмат дар мафҳуми соҳибкорӣ таҷассуми худро наёфтааст, ҳол он ки ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он комплексӣ мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд мафҳум, шаклҳо ва намудҳои фаъолияти соҳибкориро дар Қонуни ҶТ аз 10

маи соли 2002 " Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"[1] мушаххас намуд. Тибқи он соҳибкорӣ ба тарзҳои бо истифодаи меҳнати кироя; бе истифодаи меҳнати кироя; бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом дода шуда, дар шаклҳои соҳибкории инфиродӣ ва соҳибкории шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Бояд қайд намоем, ки дар Қонуни мазкур дар фарқият ба Кодекси граждани , ки мафҳуми ягонаи "соҳибкориро" муқаррар менамояд мафҳуми "соҳибкории инфиродӣ" аз мафҳуми "соҳибкории шахси ҳуқуқӣ" фарқ карда мешавад. Тибқи моддаи 6 он соҳибкории шахси ҳуқуқӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи ташкилотест, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, истеҳсол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст.

Чи тавре, ки аз мазмуни мафҳуми додашуда маълум мегардад дар таркиби он яке аз аломатҳои "фаъолияти соҳибкорӣ", яъне ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудани шахс ифода нагардидааст. Бараъкс "истеҳсол" ҳамчун воситаи ба даст овардани фоида эътироф карда мешавад. Соҳибкории инфиродӣ - бошад дар моддаи 6 Қонуни мазкур ҳамчун фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие эътироф карда мешавад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии (молумулкии) худ ва барои гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст. Бояд зикр намоем, ки тибқи тағйиру иловаҳои аз 28 декабри соли 2012 ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, таҳти мафҳуми соҳибкории инфиродӣ шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамояд. Инчунин дар ҳамин қисм қайд гардидааст, ки гуё чунин мафҳумро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекарда бошад (қисми 5 моддаи 29). Ба ақидаи мо чунин тарзи гузориш қобили қабул намебошад. Аввал ин ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахси воқеӣ ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, шакли фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон буда ва доштани патент ва ё шаҳодатнома(бақайдгирии давлатӣ), гувоҳи эътирофи шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ мебошад. Вале ин аломати моҳиятии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба ҳисоб намеравад. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст бе бақайдгирии давлатӣ низ амалӣ карда шавад (қ. 4. Моддаи 24 КГ). Аз ин ҷо моҳияти мафҳуми фаъолияти соҳибкориеро, ки дар қонунгузории Тоҷикистон дода шудааст ифода карда наметавонад, зеро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми соҳибкориро аз лиҳози аломатҳои моҳиятии соҳибкорӣ ва ҳам аз лиҳози унсури расмӣ, яъне бақайдгирии давлатӣ баҳо медиҳад.

Зимнан дар Кодекси андози соли 2004 соҳибкории инфиродӣ ҳамчун фаъолияти шахси воқеӣ, резидент ё ғайрирезидент бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, таҳти таваккал (риск) ва масъулияти молу мулкии худ эътироф намуда буд(моддаи 15). Ҳамин тавр дар Қонунҳои мазкур дар фарқият ба қисми 3 моддаи 1 Кодекси граждани аломати дигар "бо масъулияти молумулкӣ (амволии) худ"-ро илова мегардад. Бояд зикр намоем, ҷавобгарии молумулкӣ аломати муайянкунандаи соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инфиродӣ ба ҳисоб намеравад, зеро он на танҳо барои соҳибкорон, балки барои дигар субъектҳои муносибатҳои граждани низ хос мебошад.

Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 январи соли 2013 амал менамояд барои мақсадҳои андозбандӣ, фаъолияти соҳибкориро ҳамчун фаъолияти мустақиле эътироф менамояд, ки таҳти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст (моддаи 8). Мафҳуми зикршуда ба мафҳуме , ки дар қисми 3 моддаи 1 КГ ифода ёфтааст мувофиқ мебошад.

Ҳамзамон фаъолияти соҳибкорӣ тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии

[1]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷум?урии Тоҷикистон, соли 2002,№4, ?.1,мод.293;соли 2005,№7, мод.400; соли2007,№5, мод.364; соли2008, №12, ?.2, мод.997; соли 2011, №3, мод. 168.

давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба намудҳои зерин ҷудо карда шуд:

1)соҳибкории хурд

2)соҳибкории миёна

3)соҳибкории калон.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуле дохил мешаванд, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи иштироки давлат аз 25 фоиз зиёд набуда, андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда аз ҳадди чоркаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 (ҳоло 161) Кодекси андоз зиёд набошад, инчунин шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсол-кунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бошад то 50 нафар бошад.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои истеҳсоли молҳои зераксизӣ, таҳвили алюминийи аввалия, фаъолият дар соҳаи истифодабарии қаҳри замин, фаъолияти бонкӣ (ё барои машғул шудан бо намуданҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ) ва суғуртавӣ, фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои инвеститсионӣ ва фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок машғул мебошанд, дохил карда намешаванд (Моддаи 7 Қонуни зикршуда).

Ба субъектҳои соҳибкории миёна, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие дохил мешаванд, ки агар андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз бе дарназардошти андоз аз арзиши иловашуда аз ҳадди чоркаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 (ҳоло 161) Кодекси андоз аз 15 миллион сомонӣ зиёд набуда, инчунин агар шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ аз 30 то 100 нафар, вале барои истеҳсол-кунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз 50 то 200 нафар бошад.

Субъектҳои соҳибкории калон соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие эътироф карда мешаванд, ки яке аз меъёрҳои фаъолияти онҳо аз ҳадди ниҳоии меъёрҳои муқаррарнамудаи қисми якуми моддаи мазкур зиёд бошад (Моддаи 7)

Тазаккур бояд дод, ки дар ин давра қабули қисми зиёди қонунҳои характери хусусию оммавӣ, моддию мурофиавии танзимкунандаи фаъолиятӣ соҳибкорӣ ба анҷом расид. Аз ҷумла; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуд (10.05.2002), Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ (2.12.200), Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (10.05.2002), Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг) (22.04.2003), Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (9.12.2004), Дар бораи реклама (1.08.2003), Дар бораи корхонаҳои давлатӣ (28. 02. 2004), Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд (17.05.2004), Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ (3. 03.2006), Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолиятӣ инҳисорӣ дар бозорҳои мол (28.07.2006), Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.07.2006), Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ (5.03. 2007), Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ (5.03.2007), Дар бораи сармоягузорӣ (12.05.2007), Дар бораи сирри тиҷоратӣ (18. 06. 2008), Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (19.05.2009), Дар барои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (19.05.2009), Дар бораи фаъолиятӣ бонкӣ (19.05.2009), Дар бораи стандартонӣ (29. 12.2010), Дар бораи қоғазҳои қимматнок (28.06. 2011), Дар бораи консессияҳо (26.12.2011), Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд (16.04.2012), Дар бораи фаъолиятӣ савдои хориҷӣ (3.07.2012) ва дигар қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ қабул карда шуданд. Дар ҳамин давра кодификатсияи қонунгузорӣ низ ба анҷом расид. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (3.12.2004), қисми 3-юми Кодекси граждани (1.03.2005), Кодекси мурофиавӣ граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (5.01.2008), Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурофиаи иқтисодӣ" (5.01.2008), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи судҳои ҳакамӣ" (5.01.2008), Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.09.2012), ки танзимкунандаи фаъолиятӣ соҳибкорӣ ва ҳифзкунандаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон мебошанд, қабул карда шуданд. Яъне ҷараёни қабул ва такмили қонунгузории соҳибкорӣ дар оянда

низ идома хоҳад ёфт. Вале ин ҷараён бояд дар асоси низоми муайян инкишоф ёбад. Зеро иқтисоди бозорӣ на танҳо иқтисоди худтанзимшаванда(озод) мебошад, балки танзими ҳуқуқии он бояд дар шароити ҳозира аз тарафи давлат низ сурат гирад. Шакли танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ гуногун мебошад. Ба онҳо бақайдгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ , иҷозатдиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият, танзими зиддиинҳисорӣ (зиддимонополистӣ), танзим ба воситаи андоз, танзими асъорӣ ва гумрукӣ, танзими нархи истеҳсолоти корхонаҳои монополистӣ ва ғ-ҳо дохил мешаванд. Чунин танзимнамоӣ ба воситаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Истифодаи чунин шаклҳои танзимнамоӣ то дараҷае ба шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ мувофиқ буда, ҳамзамон имконият медиҳад, ки озодии фаъолияти соҳибкориро дар асоси мувофиқоии манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ суръат бахшанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бе давлат, бе таъсири танзимнамоии он ба иқтисодиёт, инкишофи муътадили муносибатҳои бозорӣ ғайримкон мебошад. Аз тарафи дигар истифодаи муносибатҳои молию пулӣ дар бунёди иқтисоди бозорӣ маънои дур шудани давлат аз идоракунии иқтисодиётро надорад. Аз ҷониби дигар давлат бояд дар иқтисоди бозорӣ функсияи тамоман дигарро нисбат ба оне, ки пеш иҷро мекард ба ҷо орад. Давлат иқтисодиётро то дараҷае ба асосҳои худидоракунӣ гузаронида бо ҳамин ба субъектҳои хоҷагӣ мустақилият, озодӣ ва имконияти васеъи ташаббус намуданро муҳайё менамояд. Онҳо бояд дар ҳамин ҷода фаъолона амал намуда, ҳуқуқи ба онҳо додашударо ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани манфиатҳои моддӣ ва маънавии худ истифода баранд. Маҳз дар ҳамин ҳолат нақши бузурги иқтисоди бозорӣ, нисбат ба низоми фармонфармоӣ ифода меёбад. Асосҳои худидоракуниро давлат амалӣ намуда, мумкин аст, ки нақши худро дар идораи иқтисодиёт вобаста ба сатҳи инкишофи иқтисодиёт суст ё пурзӯр намояд. Вале он дар шароити ҳозира набояд худро аз идоракунии иқтисодиёт дар канор гирад, чунки дар канор гирифтани давлат мумкин аст, боиси оқибатҳои номусоиди инкишофи иқтисодиёт гардад.

Бояд зикр намоем, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкуние, ки дар кишвари мо барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ равона карда шудааст хеле пурмаҳсул ва самаранок мебошад. Бо воситаи қонунҳои қабулкардашуда фазои муносибатҳои соҳибкорӣ зери назорати меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор гирифт. Аз тарафи дигар ҳаёт доимо дар инкишоф мебошад пас низоми ҳуқуқи низ доимо тағйир ёфта ва бо баробари тағйирёбӣ мумкин аст мунтазам боиси мухолифатҳои нав гардад. Аз ин ҷо аз имконият дур нест, ки мухолифат дар байни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулкардашуда ба миён меояд ва мутаносибан самаранокии онҳо паст гардад. Хусусан вақте, ки ҳамон як масъала дар қонунҳои гуногун бо тарзи гуногун ҳал карда мешавад, вале ҳамаи ҳамон қонунҳо дар як вақт амал менамоянду ба онҳо дар сари вақт тағйиру иловаҳо ворид карда намешавад. Пас минбаъд низ зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ё ин ки қабули қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада вуҷуд дорад. Давлат муносибатҳои мавҷударо ба танзим дароварда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки асосҳои ягонаи ҳуқуқиро барои танзими муносибатҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар намояд. Бо ин мақсад қонунҳое қабул шуда истодаанд, ки на танҳо муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи муайян, балки муносибатҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро ба танзим медароранд. Онҳо на танҳо муносибатҳои сирф оммавӣ ё хусусиро ба танзим медароранд, балки онҳоро дар алоқамандӣ ба танзим медароранд, ки ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ ба ҳам мувофиқоии элементҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ таҷассуми худро меёбанд. Маҳз ягонагӣ ва баҳамалоқамандии воситаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ имконияти самараноконаи танзими фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз қонунгузории амалкунандае, ки муносибатҳои соҳибкориро ба танзим медароранд, бештар характери комплексӣ доранд. Дар онҳо маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии хусусӣ ва оммавие, ки амалинамоӣ ва ташкили фаъолияти соҳибкориро ба танзим медарорад дарҷ карда мешаванд. Комплексӣ будани қонунгузории

танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ характери объективӣ дорад, зеро дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз як тараф таъмини оқилонаи бартарии манфиати давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз тарафи дигар риояи тавозуни байни манфиати ҷамъиятӣ ва манфиатҳои хусусии соҳибкорон махсусан муҳим мебошад. Ба назар нагирифтани тавозуни байни манфиати ҷамъиятӣ ва хусусии соҳибкорон метавонад боиси самаранокона амал накардани меъёрҳои ҳуқуқии қабулкарда гардад. Агар чанде, ки муносибатҳои характери хусусӣ доштаи танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ асосан аз ҷониби Кодекси гражданӣ(Кодекси гражданӣ низ аз муносибатҳои характери оммавӣ дошта холӣ намебошад) ба танзим дароварда шавад ҳам, аз тарафи дигар қонунгузории амалкунандаи соҳаи соҳибкорӣ на танҳо муносибатҳои характери хусусӣ доштаро ба танзим медароранд, балки танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ ва контролу назоратро дар соҳаи мазкур низ муқаррар менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои комплексии соҳибкориро ба танзим медароранд на танҳо дар қонунҳои алоҳида (Қонунҳои ҶТ дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд, дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, дар бораи корхонаҳо ва ғ -ҳо), балки дар кодексҳои гуногун муқаррар карда шудаанд. Бояд зикр намоем, ки дар шароити ҳозира чи хеле ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, дар қатори кодексҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳавии муайян[1], кодексҳои танзимкунандаи муносибатҳои гуногуни вобаста ба намуди фаъолияти муайян , аз ҷумла соҳибкорӣ амал менамояд. Мисоли равшани он кодекси замин, кодекси андоз, кодекси меҳнат ва ғ-ҳо шуда метавонанд. Дар кодексҳои мазкур фаъолияти (соҳаи) муайяне ба танзим дароварда мешавад, ки дар он муносибатҳои гуногун (гражданӣ, соҳибкорӣ, маъмурӣ ва ғ-ҳо) ба вуҷуд меоянд. Гуногунии санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамзамон як низоми муайян надоштани онҳо, инчунин аз лиҳози истифода начандон мувофиқ будани онҳо дар амал (яъне як қонуни мукаммал мавҷуд набудан) боиси масъалагузорӣ дар бораи қабули кодекси (қонуни) танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ мегардад. Ин бесабаб намебошад, зеро вақти он расидааст, ки тибқи қонунгузорӣ ба муносибатҳои соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) ҳам аз лиҳози танзими уфуқӣ ва ҳам аз лиҳози амудӣ муносибати ягона бошад, зеро фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби меъёрҳои соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ ба танзим дароварда мешавад.

Қайд намудан бомаврид аст, ки қабули Кодекси гражданӣ агарчанде , ки барои то дараҷае ба низом овардан ва танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ заминаи асосӣ шуда бошад ҳам, вале барои дар оянда дар як қонуни муайян муттаҳид намудани муносибатҳои зикршуда мусоидат карда натавонист. Баръакс қонунҳои зиёде қабул карда шуданд, ки муносибатҳои гражданӣ ва соҳибкориро новобаста аз Кодекси гражданӣ ба танзим даровардаанд. Аз як тараф қабули як қатор қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои гражданӣ ва соҳибкорӣ дар худи Кодекс дар назар дошта шуда бошанд ҳам аз тарафи дигар қонунҳои зиёде қабул карда шуданд, ки қабули онҳоро Кодекси гражданӣ дар назар надошт. Қабули кодексҳои андоз, меҳнатӣ, замин, Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танзими омехтаи муносибатҳои уфуқи ва амудии ҳуқуқиро то дараҷае ба роҳ монданд, ки дигар дар бораи танҳо аз тарафи Кодекси гражданӣ ба роҳ мондани танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ сухан рондан душвор мебошад. Мисоли равшани он тағйиру иловаҳои навбати ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №891 , ки тибқи он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ музднок ё бемузд, муҳлатнок ё бемуҳлат истифодаи қитъаи замини меросиро аз худ бегона карда метавонанд. Тибқи Моддаи 22. Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ эътироф када шуд. Аз ин рӯ ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, метавонад предмети хариду фурӯш, туҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад. Танзими аз

[1]Ниг.: Иоффе О. С. Понятие права и его типы // Гражданское законодательства Республики Казахстан/ Под ред. А. Г. Диденко. Вып. 12. Алматы, 2001. Са?. 56-57.

ҳад зиёди муносибатҳои граждани аз ҷониби кодексу қонунҳои дигар иддаоро дар бораи оне, ки дар шароити ҳозира Кодекси граждани гуё нақши "Конститутсияи иқтисоди"-ро иҷро мекарда бошад зери суол қарор додааст.

Аз тарафи дигар дар солҳои охир кушишҳо оиди дар худи Кодекси граждани ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии уфуқӣ ва амудии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ , инчунин корпаративӣ боиси нофаҳмиҳо дар предмети танзими ҳуқуқии муносибатҳои граждани гардида истодааст. Ба ақидаи мо нуфузи Кодекси граждани ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои уфуқӣ дар ҷомеа ҳамон вақт баланд мегардад, ки ба қадри имкон предмети танзими ҳуқуқии он - танзими сифатан якхелаи муносибатҳои ҷамъиятии молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бошад, на омехтагии аз ҳад зиёди муносибатҳои оммавию хусусӣ . Зеро тибқи моддаи 7 Қонуни ҶТ аз 26 марти соли 2009 "Дар бораи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ" Кодекс қонуни ягона ва мураттабгаштаест, ки тавассути он соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, бевосита ва бонизом танзим карда мешавад. Ҳамзамон бояд зикр намоем, ки аз эҳтимол дур нест дар оянда зарурияти гузаронидани ислоҳотҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ ба миён меояд, аз ин ҷо мумкин аст ба қонунгузории амалкунанда низ бо мурури вақт тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд ё қонунҳои мукаммал қабул карда шуда, механизмҳои нави танзими ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шавад. Дар чунин шароит стратегияи ба мақсад мувофиқи ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи он зарур аст, ки бо назардошти ҳалли талаботи вазифаҳои дарозмуддат дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо инкишофи қонунгузорӣ амалӣ карда шаванд. Бо назардошти ҳолатҳои зикргардида қонунгузории ҳозиразамон бояд ба консепсияҳо ва барномаҳои дарозмуддати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ гардонида шавад то дар алоқамандӣ барои рушду нумӯи кишвар мусоидат намояд. Барои амалӣ намудани мақсади мазкур тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, таҳти №1021 Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Бо мақсади татбиқи талаботи Консепсияи инкишофи қонунгузорӣ якчанд барномаҳо, аз ҷумла дар соҳаи қонунгузории граждани ва соҳибкорӣ аз 1 марти соли 2012, инчунин молия,андоз, гумрук ва фаъолиятӣ бонкӣ аз 3 апрели соли 2012 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар барномаҳои қабулкардашуда ба масъалаи такмили қонунгузории соҳаҳои граждани, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, меҳнатӣ, молия, андоз ва бонкӣ аҳамиятӣ махсус дода шуда, ворид намудани тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ба қисми 1, 2 ва 3 Кодекси граждани, қабули Кодекси бонкӣ , Кодекси буҷетӣ, инчунин дигар қонунҳои танзимкунандаи соҳаҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ пешбинӣ карда мешавад.

Аннотатсия

Қонунгузории соҳибкорӣ: инкишоф ва проблемаҳо.

Дар мақола оид ба инкишофи қонунгузории соҳибкорӣ сухан меравад. Муаллиф инкишофи қонунгузории соҳибкориро аз охири солҳои ҳаштодуми асри XX то ба имрӯз марҳила ба марҳила мавриди таҳлил қарор додааст. Доир ба ҷабҳаҳои гуногуни инкишофи қонунгузории соҳибкорӣ ва проблемаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақола ибрози ақида менамояд.

Аннотация

Предпринимательское законодательство: развитие и проблемы.

В статье рассматриваются вопросы развития предпринимательского законодательства. Автор поэтапно анализирует развитие предпринимательского законодательства с второй половины 80

годов по настоящее время. Излагаются различные аспекты развития предпринимательского законодательства , а также проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан.

Annotation

Entrepreneurial legislation: development and problems.

In the article discusses the development of entrepreneurial legislation. The author analyzes the development entrepreneurial legislation step by step from the second half of the 80's to the present time. Author present different aspects of entrepreneurial legislation and problems of legal regulation of entrepreneurial activity in the Republic of Tajikistan.

Бозоров Р. Б.,
доцент кафедры коммерции и предпринимательного права юридического факультета Таджикского национального Университета кандидат юридических наук.

ПРАВОСУБЪЕКТНОСТЬ В ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРАВООТНОШЕНИЯХ

Калидвожаҳо: *соҳибҳуқуқӣ, сармоягузорӣ, сармоягузор, сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ, ташкилоти тиҷоратӣ бо сармоягузории хориҷӣ, ширкатҳои фарромиллатӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, сармоягузорӣ.*

Ключевые слова: *правосубъектность, инвестиция, инвестор, иностранный и национальный инвестор, коммерческая организация с иностранными инвестициями, транснациональные корпорации (ТНК), инвестиционная деятельность, инвестирование.*

Keywords: legal personality, invest, investor, foreign national vestors, commercial the organization with foreign investments, korparatsi multinatinal (MNCs), investment activities, investing.

В соответствии с инвестиционным законодательством Республики Таджикистан (РТ) субъектами инвестиционных отношений могут быть физические и юридические лица, независимо от государственной принадлежности, в том числе государства и международные организации.

Для того чтобы признать субъект в качестве участника инвестиционных правоотношений, он должен обладать правосубъектностью. В отношении понятия, содержания и сущностных признаков правосубъектности в гражданско-правовой литературе нет единого мнения[1]. Не вдаваясь в суть их противоречий, хотелось бы подчеркнуть точку зрения Н.И. Матузова по данной проблеме. По его мнению, "правосубъектность - это лишь один из наиболее общих способов юридического закрепления свободы и статуса личности в обществе. Именно один из способов, так как правосубъектность сама по себе еще не раскрывает ее характеристику и в полной мере - действительное правовое положение личности в обществе"[2]. Согласно точке зрения М.Н. Раджабова, "…правосубъектность объединяет способность гражданина быть субъектом права и обязанностей и способность реализовать потенциальные способности, вследствие чего он приобретает права, создает для себя обязанности и осуществляет их"[3].

Некоторые авторы, проанализировав указанный вопрос, подразделяют правосубъектность на определенные группы. Так, В.В. Гущин подразделяет правосубъектность на следующие виды: общая (способность, по сути дела, абстрактная, быть субъектом права вообще), отраслевая (способность быть субъектом права соответствующей отрасли права) и специальная (способность быть субъектом определенной группы общественных отношений в рамках конкретной отрасли права)[4].

Правоспособность - это способность иметь только гражданские права и нести гражданскую

[1]См.: Тагайназаров Ш.Т. Субъекты гражданского права: Учебное пособие. Душанбе, 1979. С. 23; Бегичев Б.К. Трудовая правоспособность советских граждан. М.: Юрид. лит., 1972. С. 64, 74 и др.

[2]См: Матузов Н.И. Личность. Права. Демократия. М., 2001. С. 202.

[3]См: Раджабов М.Н. Гражданско-правовой статус иностранцев в РТ. Душанбе, 2004. С. 95.

[4]См.: Гущин В.В. Инвестиционное право. М., 2006. С. 135.

обязанность, это универсальное определение, которое признается за всеми гражданами с момента рождения (ст.18 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (ГК РТ). Дееспособность - это более сложное и ответственное поведение лица, которое создает для себя гражданские обязанности, а в случае невыполнения или ненадлежащего выполнения обязанности - вероятность возникновения ответственности (ст. 22 ГК РТ). В последнем случае речь идет о деликтоспособности лица, которое, являясь субъектом правоотношений, создавая для себя гражданские обязанности, не выполняет их. В совокупности правоспособность, дееспособность и деликтоспособность составляет правосубъектность.

Правосубъектность в инвестиционном отношении объединяет те же правовые категории.

Субъектами инвестиционных правоотношений признаются инвесторы, которые осуществляют инвестиционную деятельность в экономику государства реципиента. В экономической литературе указывается, что "Инвестор - это юридическое или физическое лицо, принимающее решение и осуществляющее вложение собственных или заемных денежных, а также иных привлеченных имущественных или интеллектуальных ценностей в инвестиционный проект и обеспечивающее их целевое использование"[1].

Другой стороной инвестиционных правоотношений признается государство. Участие государства в инвестиционных правоотношениях имеет двоякое значение. Во-первых; будучи инициатором вовлечения инвестиции в собственную экономику, государство устанавливает определенные правила поведения для инвестора, решает вопросы о допуске инвестора к осуществлению инвестиционной деятельности. Во-вторых; государство вправе принимать участие как равноправная сторона при заключении инвестиционных договоров. В этих ситуациях государство, как таковое, не является носителем публичной власти и руководствуется положением ст. 136 ГК РТ и выступает в гражданских отношениях с иными участниками отношений на равных началах. Поэтому государство - получатель инвестиции - всячески заинтересовано в притоке капиталовложений в свою экономику, для чего и создает благоприятный инвестиционный климат, устанавливает преференции, как налогового, так и таможенного характера, чтобы инвесторы, особенно иностранные, не ощущали ущемление прав. Хотелось бы отметить, что государство, которое создает инвестиционный климат, в первую очередь для иностранных инвесторов, должно принимать во внимание два немаловажных фактора; во-первых, государство должно создавать такой инвестиционный климат, при котором инвесторы не ощущали бы дискомфорт при вложении инвестиции и совершении практических действий по реализации инвестиции; во-вторых, нормативно-правовая база, с помощью которой создается инвестиционный климат для иностранных инвесторов, должна быть лучше, чем законы других государств, регулирующих инвестиционные отношения, иначе поток инвестиций может резко сократиться.

По Закону РТ "Об инвестиции": "Инвестор это физическое или юридическое лицо, осуществляющее инвестиционную деятельность в РТ". Из данного определения понятия "инвестор" следует, что это физические или юридические лица, которые осуществляют экономическую деятельность. Закон РТ "Об инвестиции", определяя понятие "инвестор", ограничивается только кругом субъектов, которые занимаются инвестиционной деятельностью. На наш взгляд, этого недостаточно, поскольку наряду с физическими и юридическими лицами в РТ осуществляют инвестиционную деятельность и иностранные государства, и их административно - территориальные единицы в лице уполномоченных органов, а также международные организации. Поэтому считаем уместным обратить внимание на точку зрения, существующую в юридической литературе относительно понятия "инвестор".

С точки зрения А. Г. Богатырева "...инвесторы - это собственники средств

[1]См: Молчанова Н.П. Регулирование инвестиционной деятельности. Ростов, 1998. С. 8.

(инвестиций в любой форме), вложенных в создание, расширение или модернизацию производства материальных (товаров и услуг) и духовных благ, а также в инфраструктуру[1]. Данная точка зрения заслуживает поддержки. При этом он исходил из двух ее критериев. Во-первых инвестор - это собственник имущества, он ею владеет и распоряжается и он решает дальнейшую судьбу этого капиталовложения. И второе, инвестор в целях получения дохода временно расстается с этими ценностями и вкладывает их в дело. Существует и другое определение понятия инвестора. Так А.А. Овчинников подчеркивает: "Инвестор - это лицо, обладающее правами на распоряжение имуществом и осуществляющее такое распоряжение с целью получения, через определенное время, прибыли или достижения иного экономического или специального эффекта и несущее риск неполучения ожидаемого результата".[2]Автор для определения понятия инвестора берет за основу два взаимосвязанных между собой критериев инвестирования: это риск и получение прибыли. Безусловно, инвестор при инвестировании несет определенный риск, что является существенным моментом инвестиции. Суть риска инвестора состоит в том, что он полностью не предвидит возможность получения дохода, он связан с определенной вероятностью. Риск лица, осуществляющего инвестиции, состоит в допущении возможности неполучения прибыли, на которую он рассчитывает. Это может быть связано с неизвестностью состояния экономики государства или отсутствием должного инвестиционного климата. Наряду с этим одной из основных целей инвесторов по вложению инвестиции в экономику является получение дохода или иного значимого результата. Поэтому инвестор, прежде чем направить собственность в экономику государства, должен убедиться в возможности получения дохода от инвестиционной деятельности, которая связана с риском. Доход и риск - это два противоположных понятия, которые всегда осознает инвестор. На наш взгляд данное определение представляется наиболее полным и дополняет содержание Федерального Закона Российской Федерации (РФ) "Об иностранных инвестициях в РФ" от 25.02.1999 г., который ограничивается только перечислением лиц, осуществляющих инвестиционную деятельность на территории РФ.

Ныне действующий Закон РТ "Об инвестиции" расширил круг субъектов инвестиционной деятельности, в котором, наряду с физическими и юридическими лицами иностранного государства, в качестве инвестора признаются и отечественные инвесторы, о которых мы неоднократно раньше говорили.[3]Последние, выступая в инвестиционных правоотношениях вместе с иностранными инвесторами, пользуются правовыми гарантиями и преференциями, закрепленными в законе. Теперь инвестиционное законодательство республики признает лиц, осуществляющих инвестиционную деятельность в республике, в качестве инвестора, т.е., географическое место происхождения инвестиции не имеет правового основания. В связи с вышеизложенным, считаем необходимым внести соответствующие изменения и дополнения в Закон РТ "Об инвестиции", изложив ч. 2 ст. 1 в следующей редакции: "Инвестор - это физическое или юридическое лицо, совершающее практические действия по вложению и реализации ценностей, принадлежащих ему, и осуществляющее инвестиционную деятельность в Республике Таджикистан в целях получения прибыли и (или) иного значимого результата, сопряженного с риском, независимо от страны происхождения инвестора". Данное понятие инвестора включает в себя все те сущностные признаки, которые свойственны инвестору, но не претендует на ее завершенность. То есть инвестор это - субъект инвестиционных отношений, совершающий практические действия по вложению и реализации

[1]См.: Богатырев А.Г.Инвестиционное Право.1992-С.22.

[2] См: Овчинников А.А. Инвестиционное право. М., 2006. С. 138 и след.

[3]См.: Бозоров Р.Б. Некоторые вопросы субъекта инвестиционной деятельности // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава ТГНУ. Душанбе, 2002. С. 146-147.

инвестиции; наличие правового титула, на основе которого инвестор владеет инвестицией; получение прибыли или иного значимого результата; наличие риска; и последнее: не должна приниматься во внимание страна происхождения инвестора.

Итак, в соответствии с Законом РТ "Об инвестиции", субъектами инвестиционных правоотношений выступают как иностранные, так и отечественные инвесторы, причем в качестве последних могут быть физические и юридические лица, не являющиеся иностранными инвесторами и осуществляющие инвестиционную деятельность в РТ. Исходя из этого, правовое положение национальных инвесторов определяется в соответствии с нормами гражданского законодательства РТ. Они являются правоспособными и дееспособными в инвестиционном правоотношении. Е.А. Суханов подчеркивает: "Ценность данной категории заключается в том, что только при наличии правоспособности возможно возникновение конкретных субъективных прав и обязанностей. Она - необходимая общая предпосылка их возникновения и тем самым их реализации".[1]

Национальные инвесторы, в соответствии с действующим гражданским законодательством, могут быть субъектами инвестиционных отношений, во первых, с момента достижения совершеннолетия и при наличии ценностей, признаваемых в качестве инвестиций, и во-вторых если отечественный инвестор осуществляет инвестирование в собственную экономику в порядке частного инвестора.

Ранее отечественные инвесторы также занимались этой деятельностью, однако правовой режим инвестора на них не распространялся. Они не могли пользоваться теми гарантиями и преференциями, которые предусматривал утративший силу Закон РТ "Об иностранных инвестициях в Республике Таджикистан". Это имело свою логику, поскольку в тот период в становлении рыночной экономики иностранные инвестиции были крайне необходимы. РТ наряду с другими государствами СНГ проводила политику открытых дверей в отношении иностранных инвесторов, и они признавались в качестве субъекта инвестиционных отношений. В условиях рынка все государства, независимо от степени развития своей экономики, заинтересованы в притоке инвестиций извне. В связи с этим, для нормального привлечения инвестиций, особенно иностранных, они создают наиболее благоприятные условия для инвесторов. Это выражается в разработке и принятии нормативных правовых актов, регулирующих иностранные инвестиции, а также установлении правовых гарантий в отношении иностранных инвесторов. Особенно привлекает внимание иностранных инвесторов предоставление льгот инвесторам со стороны государства-реципиента инвестиции.

Тартиби аз даъво даст кашидани даъвогар ва созиши оштии тарафҳо дар моддаҳои 176-177 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст. Аммо, мутаассифона новобаста ба он, ки ба судяҳо ҳангоми қатъ намудани истеҳсолоти парванда аз сабаби аз даъво даст кашидани даъвогар ва бастани созиши оштӣ хатогию норасогиҳои ҷойдоштаашон нишон дода шуда бошад ҳам, вале ҳолатҳои ба чашм мерасанд, ки судяҳои суди мазкур талаботи оддитарини моддаҳои дар боло зикргардидаи КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намекунанд.

Аз ҷумла, 13 октябри соли 2010 П.А.М. нисбати Э.Б.У. ба суди шаҳри Истаравшан бо даъво оиди руёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ мурочиат кардааст.

Бо таъиноти суди шаҳри Истаравшан аз 22 декабри соли 2010 созиши оштишавии тарафҳо тасдиқ карда, баррасии парванда қатъ карда шудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 177 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон созиши оштии тарафҳо аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба суд пешниҳод карда мешавад, ки ба он даъвогар ва ҷавобгар имзо мегузоранд. Дар созиши оштии тарафҳо шартҳои созиш ва оқибатҳои ногувори иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешаванд.

Бо парвандаи мазкур бархилофи ин талабот дар таъиноти суд шартҳои созиш ва оқибатҳои ногувори иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода нашудааст.

Дар протоколи маҷлиси суди қайд карда шудааст, ки ба тарафҳо оқибати аз даъво даст кашидан тавзеҳ дода шуда, забонхат ба маводи парванда замима карда шудааст, аммо дар маводҳои парванда забонхати тарафҳо оиди фаҳмонида додани талаботи моддаи 226 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне оқибатҳои даст кашидан аз даъво вуҷуд надорад.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 176 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ба даъвогар ё ҷавобгар оқибатҳои даст кашидан аз даъворо тавзеҳ дода, аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад. Омӯзиши парвандаҳои чунин категорияҳо нишон дод, ки ҳангоми қабул намудану даст кашидани даъвогар аз даъво ва тасдиқ намудани шартҳои созиши оштишавӣ сабаб ва шартҳоро аниқу муфассалтар нишон намедиҳанд.

Моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои бе баррасӣ монондани аризаи даъвогӣ пурра нишон додааст.

Тибқи банди 6 моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар даъвогаре, ки дар ғоибии ӯ баррасӣ намудани парвандаро хоҳиш накарда бошад, баъди дубора даъват намудан низ ба суд ҳозир нашуда бошад ва ҷавобгар моҳиятан баррасӣ намудани парвандаро талаб накарда бошад, асос барои бе баррасӣ монондани ариза шуда метавонад.

Татбиқи ин меъёри қонун танҳо дар сурати мавҷуд будани шартҳои дар боло зикргардида имконпазир мебошад. Онҳо бояд ҳаматарафа санҷида шуда бо далелҳо тасдиқ карда шаванд. Дар ҳолати дигар бошад, таъиноти суд оиди бе муҳокима мондани ариза бояд бекор карда шавад.

Аммо судяҳо ҳангоми баровардани таъинот дар бораи бе баррасӣ мондани аризаҳо ба вайрон кардани талаботи қонун роҳ медиҳанд.

Чунончӣ, судяҳои суди мазкур барои ба тариқи лозима дар бораи вақт ва ҷои баррасии судӣ огоҳонидани тарафҳо чораҳои зарурӣ намеандешанд.

Тартиби огоҳиномаҳои судӣ ва даъват ба суд бо меъёрҳои боби 10 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад, ки инро дар баъзе ҳолатҳо судяҳо аз мадди назар дур сохтаанд.

Чунончи, бо таъиноти суди ноҳияи Фирдавсӣ аз 10 августа соли 2010 парвандаи граждании бо даъвои Ш.С. нисбати Ш.З. дар хусуси талаб кардани маблағи 200 доллари ИМА бинобар ҳозир нашудани тарафҳо ба суд ба рӯзҳои 1 июни соли 2010 ва 25 июни соли 2010, бе баррасӣ монда шудааст. Аммо дар маводҳои парванда оиди он, ки тарафҳо ба таври дахлдор хабар карда шудаанд, далел мавдуд нест.

Мувофиқи талаботи қисмҳои 1ва 2 моддаи 118 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрванд хабарнома ё даъвати судӣ шахсан бо гирифтани имзои ӯ дар ҳошияи даъват ё нусхаи дуюми хабарнома, ки бояд ба суд баргардонида шавад, супорида мешавад. Хабарнома ё даъвати судӣ ба унвони ташкилот ба шахси мансабдори дахлдор, ки дар ҳошияи даъват ё нусхаи дуюми хабарнома имзо мегузорад, супурда мешавад.

Судяҳои судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар баъзе ҳолатҳо ин талаботи қонунгузориро ба инобат нагирифта, ғайриқонунӣ таъинотҳои ғайриқонунӣ баровардаанд.

Чунончи, Г.В.К. нисбати К.Қ.Д. дар бораи ҷуброн намудани зарари ба саломатӣ расонидашуда ба суди шаҳри Ваҳдат мурочиат кардааст.

Бо таъиноти суди шаҳри Ваҳдат аз 11 марти соли 2011 даъвои Г.В.К. бо сабаби ба мурофиаи судӣ бо даъвати такрорӣ бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани тарафҳо бе баррасӣ монда шудааст.

Аммо, чи тавре аз маводҳои парванда бармеояд, бо таъиноти суд аз 21 феврали соли 2011 баррасии парванда ба рӯзи 25 феврали соли 2011 таъин карда шудааст. Сипас бинобар ҳозир нашудани тарафҳо дар ин рӯз баррасии парванда ба рӯзи 11 марти соли 2011 мавқуф гузошта шудааст. Дар маводи парванда маълумоти хаттӣ оиди он ки даъватномаҳои судӣ ба тарафҳо фиристонида шуда буданд, яъне нусхаҳои дуюми даъватномаҳо бо имзоҳои онҳо оиди вақту ҷои мурофиаи судӣ огоҳ карда шуда бошанд, мавҷуд намебошад.

Бо таъиноти суди ноҳияи Б.Ғафуров аз 29 майи соли 2011 аризаи Ҳ.М.Н. оиди руёнидани ҷуброн пулӣ бинобар ҳозир нашудани тарафҳо бе сабабҳои узрнок бе баррасӣ монда шудааст.

Аз дастхатҳои дар парвандаи мазкур мавҷуд буда бармеояд, ки онҳоро падари даъвогар ва ҷавобгар гирифтааст. Вале дар маводи парванда ягон маълумот оиди он, ки даъватномаи судиро падари тарафҳо (ном, номи падар ва фамилияи нишон дода нашудааст) ба даъвогар ва ҷавобгар супорида бошад, мавҷуд намебошад. Дар чунин ҳолат хулосаи суд оиди он ки хабарномаи судӣ ба таври қонунӣ ба тарафҳо дастрас карда шудааст, шубҳанок мебошад.

Парвандаи граждани аз рӯи даъвои К.С.К. нисбати О.А.И. дар бораи руёнидани зарари моддӣ дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ба андозаи 20000 сомонӣ ва маънавӣ ба андозаи 100000 сомонӣ дар асоси сархати 6 моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон бе муҳокима мондан шудааст. Аммо дар қабати парванда далеле, ки аз хабардор кардани аризадиҳанда К.С.К. шаҳодат диҳад, (даъватномаи судӣ) мавҷуд намебошад. Бинобар ин таъиноти судиро асоснок ва қонунӣ ҳисобидан ғайриимкон мебошад (суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе).

Тибқи талаботи банди 1 моддаи 225 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд дар ои маврид баррасии парвандаро қатъ менамояд, агар ариза тибқи тартиби судӣ дигар баррасӣ ва ҳал карда шавад.

Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 9 июни соли 2010 таъиноти суди шаҳри Турсунзода аз 9 апрели соли 2010, ки бо он баррасии парвандаи граждани аз рӯи даъвои Р.А.А. нисбати Б.А. оиди руёнидани ҷуброни зарари ба саломатӣ расонидашуда, музди меҳнати аз даст рафта, хароҷотҳои иловагӣ ва зарари маънавӣ қатъ карда шудааст бекор карда шудааст.

Р.А.А. бо аризаи даъвогӣ оиди руёнидани ҷуброн зарари ба саломатӣ расонидашуда, музди меҳнати аз даст рафта, хароҷотҳои иловагӣ ва зарари маънавӣ ба суди шаҳри Турсунзода муроҷиат намуда, даъвояшро бо он асоснок кардааст, ки дар таърихи 19 марти соли 2005 тақрибан соати 17-45 дақиқа ҳангоми аз ҷониби ӯ идора намудани мототсикли тамғаи ИЖ-Юпитер-4, дар ноҳияи Турсунзода ҳаракат карданаш, автомашинаи тамғаи ВАЗ-21213, ки онро Б.А. идора менамудааст, ба самти муқобили роҳ баромада ба мототсикли ӯ бархӯрдааст, ки дар натиҷаи ин садамаи нақлиёти ӯ ҷароҳати ба саломати дараҷаи миёна гирифта, маъюби гуруҳи дуюм гаштааст. Оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати Б.А. бо моддаи 212 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" аз 18 августи соли 2006 рад карда шудааст.

Аз суд хоҳиш намудааст, ки аз ҳисоби Б.А. ба фоидаи ӯ музди меҳнати гумшудааш ба андозаи 500 сомонӣ умрбод аз моҳи марти соли 2005, хароҷотҳои иловагӣ ба андозаи 31200 сомонӣ ва 50000 сомонӣ зарари маънавӣ руёнида шавад.

Тибқи талаботи моддаи 225 банди 1 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд дар он маврид баррасии парвандаро қатъ менамояд, агар парванда дар суд бо тартиби мурофиаи судии граждани, мутобиқи асосҳои пешбининамудаи сархати якуми қисми 1 моддаи 137 ҳамин Кодекс баррасӣ ва ҳал карда нашавад.

Тибқи талаботи моддаи 137 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судя қабули аризаи даъвогиро рад мекунад, агар ариза наметавонад тибқи тартиби мурофиаи судии граждани баррасӣ ва ҳал гардад, агар он бояд тибқи тартиби суди дигар баррасӣ ва ҳал карда шавад. Татбиқи ин меъёри қонун танҳо дар сурати мавҷуд будани шартҳои дар боло зикргардида имконпазир мебошад.

Аз маводҳои парванда бармеояд, ки даъвогар Р.А. оиди норозӣ будан бо қарори таҳқиқотчӣ дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати Б.А. аз 9 июни соли 2008 ба прокуратураи шаҳри Турсунзода муроҷиат намудааст.

Суди марҳилаи якум баррасии парвандаро бо дастрасии моддаҳои дар боло зикргардида қатъ намуда хулосаи худро чунин асоснок кардааст, ки ҷавобгар Б.А. худашро гунаҳгор намеҳисобад, ба кирдори тарафҳо ба тариқи судии граждани баҳои ҳуқуқӣ додан ғайриимкои аст ва гуноҳ ё бегуноҳии онҳо танҳо бо тартиби истеҳсолоти ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Ин хулосаронии судро асоснок ҳисобидан мумкин нест, зеро КМГ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин асос барои қатъ намудани баррасии парванда пешбинӣ нанамудааст. Ба ғайр аз ин бояд қайд кард, ки таъиноти мазкур барои такроран муроҷиат кардани Р.А. ба суд бо ҳамин ариза монеъгӣ мекунад.

Тибқи талаботи моддаи 226 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран ба суд муроҷиат кардан аз рӯи баҳси байни худи ҳамин тарафҳо, вобаста ба ҳамин мавзуъ ва тибқи ҳамин асосҳо иҷозат дода намешавад.

Бинобар ин коллегияи судӣ таъиноти суди марҳилаи якумро бекор карда, парвандаро ба ҳамин суд барои аз нав баррасӣ намудан фиристонидааст.

Муҳлати баррасии парвандаҳо.

Омӯзиш ва таҳлили парвандаҳо нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо муҳлати баррасии парвандаҳо риоя нагардида, кашолкории ошкоро ба назар мерасад. Мисолҳои зерин хулосаҳои зеринро исбот мекунанд. Чунончи,

Аз рӯи парвандаи граждани бо даъвои С.Г. нисбати Т.М. оиди руёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ, ариза 13 сентябри соли 2010 ба суди шаҳри Ваҳдат ворид гардидааст, 13 сентябри соли 2010 таъинот оиди омодасозӣ бароварда шуда, парванда то 17 январи соли 2011 беҳаракат дар истеҳсолоти судя қарор дошта, танҳо 21 январи соли 2011 баррасӣ карда шудааст.

Аз рӯи парвандаи граждани бо даъвои Ғ.С. нисбати Ғ.М. оиди руёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ, ариза 25 ноябри соли 2009 ба суди ноҳияи Б. Ғафуров ворид гардидааст, 10

декабри соли 2009 таъинот оиди омодасозӣ бароварда шуда, танҳо 12 феврали соли 2010 баррасии парванда ба рӯзи 23 феврали соли 2010 таъин карда шудааст.

Бо таъиноти суди ноҳияи Б.Ғафуров аз 23 феврали соли 2010 баррасии парванда то шифо ёфтани Г.С. бозошта шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 221 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми дар муассисаи табобатӣ будани тараф суд метавонад баррасии парвандаро бозорад. Аммо дар маводҳои парванда ягон маълумот оиди он, ки Г.С. дар муассисаи табобатӣ будааст мавҷуд нест.

5 апрели соли 2010 баррасии парванда аз нав огоз карда ба рузи 12 апрели соли 2011 таъин карда шудааст.

Аз рӯи парвандаи гражданӣ бо даъвои К.М. нисбати Р.А. оиди руёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ, ариза19 июли соли 2010 ба суди шаҳри Ваҳдат ворид гардидааст, 19 июли соли 2010 таъинот оиди омодасозӣ бароварда шуда, 22 сентябри соли 2010 баррасии парванда ба рӯзи 1 октябри соли 2010 таъин карда шудааст.

Бо таъиноти суди шаҳри Ваҳдат аз 1 октябри соли 2010 баррасии парванда то шифо ёфтани К.М. бозошта шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 221 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми дар муассисаи табобати будани тараф суд метавонад, баррасии парвандаро бозорад. Аммо дар маводҳои парванда ягон маълумот оиди он, ки Қ.М. дар муассисаи табобатӣ будааст мавҷуд нест.

30 декабри соли 2010 баррасии парванда аз нав оғоз карда ба рӯзи 11 январи соли 2011 таъин карда шудааст.

Парвандаи гражданӣ бо даъвои М.У. нисбати Қ.М. оиди руёнидани зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда зиёда аз ҳафт моҳ баррасӣ нагардидааст. Аризаи даъвогӣ ба суди шаҳри Қурғонтеппа 27 сентябри соли 2010 ворид гардидааст. 18 октябри соли 2010 таъинот оиди омодасозӣ бароварда шуда, 25 октябри соли 2010 ба рӯзи 29 октябри соли 2010 таъин карда шудааст. Минбаъд баррасии парванда якчанд маротиба мавқуф гузошта шудааст.

Бо таъиноти суди шаҳри Қурғонтеппа аз 29 декабри соли 2010 парвандаи мазкур ба суди шаҳри Сарбанд аз рӯи тобеъияти судӣ ирсол карда шудааст, ҳол он ки даъво дар хусуси ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонида шудааст тибқи талаботи моддаҳои 30 ва 31 қисми 5 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст аз ҷониби даъвогар ҳам ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар ва ҳам ба суди маҳалли истиқомати худ ё маҳалле, ки дар он зарар расонида шудааст низ пешниҳод шавад (моддаҳои 30 ва 31 қисми 5 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Бо таъиноти суди шаҳри Сарбанд аз 8 феврали соли 2011 худрадкунии судя қонеъ карда шуда, парванда ба суди шаҳри Қурғонтеппа баргардонида шудааст.

17 феврали соли 2011 судяи суди шаҳри Қурғонтеппа парвандаро қабул намуда, таъинот оиди омодасозӣ баровардааст.

Баррасии парвандаи мазкур аз моҳи феврал то июни соли 2011 чандин маротиба мавқуф гузошта шудааст. Танҳо 24 июни соли 2011 парванда моҳиятан баррасӣ гардидааст.

Омӯзиши парвандаҳои гражданӣ нишон дод, ки аз тарафи судяҳои суди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ин категорияи парвандаҳо дар мурофиаи сайёри судӣ баррасӣ нагардидаанд, ва кор дар ин самт беҳбудиро талаб менамояд. Аз ин рӯ судяҳоро зарур аст, ки баҳри баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқӣ таъсири мурофиаи сайёр ба хотири баланд бардоштани сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон бештар мурофиаҳои сайёри судӣ гузаронанд.

Инчунин, аз омӯзиши парвандаҳо муайян гардид, ки аз шумораи умумии парвандаҳои баррасишуда дар ягон ҳолат таъинотҳои хусусӣ бароварда нашудааст. Судяҳои суди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро зарур аст, ки дар ин самт диққати хоса зоҳир намоянд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо мақсади ин ҷамъбастии самараноки таҷрибаи судӣ, пешниҳод карда мешавад, ки ҷамъбастии таҷрибаи судӣ оиди баррасии парвандаҳои гражданӣ вобаста ба баҳсҳои ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонидашуда барои маълумот ба Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад. Ҳамзамон, бо мақсад мувофиқ аст, ки он дар машғулияти семинарии ҳармоҳаи судҳо мавриди муҳокима қарор дода шавад.

Ба судҳо зарур аст, ки баррасии парвандаҳоро дар маҷлисҳои сайёри судӣ амалӣ

намуда, баҳри ташвиқу тарғиби адолати судӣ байни аҳли ҷомеъа бо роҳи муҳокима намудани ҳалномаҳо дар маҳаллаву корхонаҳо, дар фаъолияти худ дуруст ба роҳ монда, оиди камбудиҳои ҷойдошта, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро поймол месозад, таъинотҳои хусусии маҷлиси судӣ бароранд.

Бо назардошти ҷамъбастии гузаронидашуда вобаста ба парвандаҳои граждани марбут ба баҳсҳои ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонида шудааст, зарурияти таҳияи лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАФСИРИ БОБҲОИ 2 ВА 3 ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ"

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)

БОБИ 2. ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ КОРРУПСИЯ

Моддаи 7. Талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор

1. **Бо мақсади роҳ надодан ба суйистифодаи вазъи ҳуқуқӣ ё нуфузи он ба манфиатҳои шахсӣ, гуруҳӣ ва дигар манфиатҳои ғайрихизматӣ бо Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати довталабони мансабҳои давлатӣ, шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда, маҳдудият ва уҳдадориҳои махсус муқаррар карда мешаванд.**

2. **Таъин намудан ба (ишғоли) мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда маънои ихтиёран ба зимма гирифтани ин уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳоро дорад.**

3. **Маҳдудият ва уҳдадориҳо нисбати шаҳрвандоне, ки ба сифати номзад ба мансабҳои давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, бо қонунҳо дар бораи интихобот ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.**

1. Дар банди 1 моддаи мазкур мақсади ҷорӣ намудани талаботҳои махсус нисбати довталабон ба вазифаҳои давлатӣ ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда возеҳ нишон дода шудааст. Яъне, ки бо мақсади роҳ надодан ба суйистифодаи вазъи ҳуқуқӣ ё нуфузи он ба манфиатҳои шахсӣ, гуруҳӣ ва дигар манфиатҳои ғайрихизматӣ ҳам аз ҷониби довталат ва ҳам аз ҷониби шахсони ваколатдори мақомот, ташкилот ва идораҳои давлатӣ дарназардошта шудааст.

Қонунгузор дар ин модда се категория довталабонро номбар кардааст. Аз ҷумла:

- довталабони вазифаҳои давлатӣ;

- шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор;

- шахсоне, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳи давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд. Аллакай дар бораи ин се категория мансабу вазифаҳо ва мафҳуми онҳо мо дар тафсири моддаи 1 Қонуни мазкур пурра истода гузаштем ва Шумо медонед, ки онҳо киҳо ҳастанд ва ба кадоме аз ин категорияҳо чи гуна мансабҳо, вазифаҳо ва дар кадом мақомотҳо шомил мешаванд. Барои ҳамин мо дар ин ҷой оиди тафсири ин мафҳумҳо такроран истода намегузарем.

Фақат ба як нуқта бояд равшанӣ андозем, ки дар ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ду тараф ширкат меварзанд. Аз як тараф агар довталабон ба вазифаю мансабҳои зикршуда иштирок намоянд, аз тарафи дигар шахсони мансабдор ё вазифадоре, ки аллакай дар мақомоту идораҳои давлатӣ вазифаи муайянеро ишғол мекунанд ва дар қабул, таъин намудан, интихоб намудани довталабон ё ҷойивазкунии кормандони давлатӣ муваззаф ҳастанд. Онҳо роҳбарони зинаҳои гуногуни мақомот ё идораҳои давлатӣ мебошанд.

Дар банди 1 моддаи мазкур сухан дар бораи пешгирии коррупсия бо роҳҳои ҷорӣ намудани талаботҳо, ӯҳдадориҳо, монеаҳо ва маҳдудиятҳо дар хизмати давлатӣ меравад.

Албатта барои ишғол намудани мансаб ё вазифаи муайян дар ин ё он вазорат (соҳа) таҳсилоти махсус ва ё собиқаи кории касбии муайян барои мансабҳои баландтар лозим аст. Ҳамчунин дигар шарту шароитҳоро қонунгузор пешниҳод намудааст, ки дар мақомоти давлатӣ шахсони дорои таҳсилоти муайян, собиқаи муайян ё дорои собиқаи муайяни хизмати давлатӣ, дорои сифатҳои баланди кордонӣ, инсонӣ ва таҷрибаи кофӣ дошта қабул ё таъин карда шаванд. Ин талаботҳою монеаҳо ва маҳдудиятҳо низ ба хотири таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд, ки аз Конститутсия манша гирифта ба хотири дар амал татбиқ намудани меъёрҳои конститутсионӣ қабул карда шудаанд.

Дар Конститутсия омадааст: "Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад" (моддаи 35).

Дар муосибатҳои ҳуқуқие, ки дар қисми аввали моддаи 7 Қонуни мазкур ба танзим дароварда шудааст ду тараф фаъолият

мекунанд ва меъёрҳои қонун ба ҳарду тараф низ баробар дахл дорад.

Аз як тараф худи довталабон имкони истифодаи роҳҳои ғайриқонунӣ ва даст ба омилҳои коррупсинӣ заданро пайдо намекунанд, аз тарафи дигар шахсоне,ки дар ҷараёни қабул, таъин кардан интихоб шудани довталабон ба мансабҳои давлатӣ, шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда бевосита ширкат мекунанд, ё дар интихобу ҷобаҷогузории онҳо дар мавриди болоравӣ дар хизмат, дар меъёри қонуни мазкур амал менамоянд, ки ин ба онҳо низ имконияти бемаҳдуд намедиҳад, ки бо истифода аз вазъи ҳуқуқии худ даст ба суйистифода аз мансаб ва вазифа занад ё аз ҳадди ваколатҳои мансабии худ бароянд.

Чӣ тавре, ки қайд шуд, дар моддаи мазкур сухан дар бораи талаботҳо ё уҳдадориҳо меравад, ки онҳо дар қонуни мазкур ва дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд.

Талаботҳои махсус барои ба кор дар мақомоти гуногуни давлатӣ даромадан дар кодексҳо, қонунҳои соҳавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ , ки фаъолияти ин ё он мақомот ё соҳаро ба танзим медароранд, оварда шудаанд.

Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои қабул дар Агентӣ талаботҳо ва шартҳои зерин пешбинӣ мекунад:

- барои хизмат дар мақомоти Агентӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 20 расида, аз рӯи сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ, кордонӣ, касбӣ, таҳсилот ва аз рӯи вазъи саломатиашон барои гузаштани хизмат дар мақомоти Агентӣ мувофиқ мебошанд, қабул карда мешаванд;

- ба хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистони синнашон то 35 сола қабул карда мешаванд;

- ба хизмат ба мақомоти Агентӣ шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда шудаанд, қабул карда намешаванд;

- ишғоли мансаби холӣ дар Агентӣ дар асоси озмун ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда бо пешниҳоди ҳайати мушовара тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад;

- ҳангоми қабул шудан ба мақомоти Агентӣ кормандон бо тартиби муқарраршудаи савгандёдкунии хизматчиёни давлатӣ савганд ёд мекунанд;

- дигар талоботҳо ва шарту шароитҳо, ки дар моддаи мазкур оварда шудаанд (моддаи 26).

Ташкил ва гузаронидани озмун ҷиҳати қабул ба кор дар Агентӣ тибқи талаботҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи хизмати давлатӣ", "Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холи маъмурии хизмати давлатӣ", ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 232 аз 7 апрели соли 2007 тасдиқ карда шудааст, аз ҷониби Комиссияи озмунӣ, ки бо фармони Директори Агентӣ тасдиқ карда шудааст, сурат мегирад.

Дар ҳайати комиссияи озмун намояндагони Агентӣ, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд. Озмун ва қабул ба хизмат бо риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Низомномаи зикршуда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2008 таҳти № 457 "Низомномаи тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шуда мавриди амал қарор дорад.

Дар Банди 1 Низомнома омадааст, ки фақат шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар вазифаҳои воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ қарор дошта бошанд. Ин яке аз талаботҳое аст, ки барои корманди воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ҳатмист.

Боби 3 Низомномаи мазкур ба масъалаҳои "Тартиби қабул ба хизмат, таъин кардан ба вазифа, ва ба дигар вазифа гузаронидани кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ" ва боби 4 ба "Шартҳои адои хизмат" бахшида шудаанд.

Дар банди 12 (боби 3) он талаботҳое, ки дар моддаи 26 Қонуни Агентӣ оварда шудаанд ба таври равшан баён шудаанд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин ба Агентӣ барои хизмат қабул карда намешаванд:

- шахсони қаблан ҷиноят содир карда, барои содиркунии ҷиноят маҳкумшуда, сарфи назар аз боқӣ мондан ё намондани доғи судӣ (ба истиснои онҳое, ки баъдан аз тарафи суд сафед карда шудаанд ё парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо бо асосҳои сафедкунанда қатъ карда шудааст);

- вуҷуд доштани тасдиқи хулосаи тиббӣ оид ба беморие, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ монеъ шуда метавонанд;

- дар бораи худ ва хешовандон пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои баръало бардурӯғ;

- саркашӣ намудан аз гузаштани қайди ҳатмии давлатии дактилоскопӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ" (моддаи 13).

Албатта вобаста ба оне, ки шахс ба кадом мансаб довталаб аст метавонад, дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъзе талаботҳои мушаххас ҷой дошта бошад. Масалан барои он ки шахс мансаби сардори Раёсат, Шӯъба ва ё Сарраёсатро ишғол намояд, барои ин бояд ки ӯ дониш ва таҷрибаи кофие дар самти фаъолият дошта бошад.

Аз ин рӯ масъалаи таъин, ҷойивазкунӣ дар бандҳои 19-21 Низомномаи мазкур ба танзим дароварда шудааст. Аз ҷумла, тибқи банди 19 Низомнома ба вазифа таъин намудан ва ҷойивазкунии кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ дар хизмат аз ҷониби Директори Агентӣ бо риояи талаботи зерин амалӣ мегардад:

- ба мансабҳои сардори бахш ва аз он боло кормандони дорои маълумоти лозима ва на камтар аз 3 сол таҷрибаи корӣ дошта, таъин карда мешаванд;

- ба мансабҳои ҳайати хурди роҳбарикунанда бо тартиби муайяннамудаи Директори Агентӣ.

Ба мансабҳои ҳайати роҳбарикунандаи миёна, калон ва олӣ:

- ба мақомоти болоӣ ба таври пешбарӣ намудан ба вазифа, ё ин, ки ба мансабҳои аз сардори шӯъба ва аз он боло, кормандони дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, иқтисодӣ ва собиқаи кориашон на камтар аз 5 сол буда;

- ба мансабҳои баробар - ҳангоми зарурати пур кардани дигар мансабҳо, аз рӯи нақша гузаронидани ивазкунии мансабҳои роҳбарикунанда;

- бо сабаби дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ ва барои таҳсил бо озод кардан аз вазифаи ишғолкардаашон, инчунин таъин намудан ба вазифа баъд аз хатми таҳсил.

Дар низомномаи мазкур баъзе нуқтаҳои Қонун низ омадаанд,аз ҷумла, талаботи мамнуъ будани хизмати якҷояи хешовандони наздик дар тобеият, ҳисоботдиҳандагӣ ва таҳти назорати бевоситаи ҳамдигарӣ будан, ки дар моддаи 9 Қонун пешбинӣ шудааст, дар банди 23 Низомномаи мазкур низ ҷой дода шудааст.

Ба хотири дар амал татбиқ намудани талаботи меъёрҳои қонунҳо дар мақомоти давлатӣ, вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ, Дастурамалҳо, низомномаҳо, оинномаҳо, Дастурҳо, Фармонҳо, қоидаҳо, тартибҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул карда мешавад, ки дар онҳо ба таври муфассал ҳамаи паҳлӯҳои гуногуни масъалаи дар қонун пешбинишуда ба танзим дароварда мешаванд.

Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қонунҳои соҳавӣ, низомнома ё оиннома оиди шартҳои қабул ба хизмат, адои хизмат, дигар талаботҳои ба ин алоқаманд, асосҳо ва тартиби болоравӣ дар хизмат, мукофотонидан, муҷозотдиҳӣ, ва қатъ гардидани хизмат амал мекунад, ки онҳо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва қабул карда мешаванд.

Айнан чунин шарту шароитҳо, талаботҳо, уҳдадориҳо бо баъзе дигаргуниҳои хоси хизмат дар ин ё он мақомоти давлатӣ бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи фаъолияти дигар мақомотҳои давлатӣ ба танзим дароварда мешавад.

Дар Кодексҳои андоз ва гумрук, Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия", дигар қонунҳо ва

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботҳо ва шартҳои қабул ба хизмат дар мақомоти номбаршуда, тартиби адои хизмат, монеаҳо ва маҳдудиятҳои хос дар онҳо ва дигар мақомоти давлатӣ дарҷ гардидаанд.

Азбаски имкони ҳамаи он қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ин ҷой номбар кардан надорем, мавриди зарурат ҳар кас метавонад, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи фаъолият дар мақомоти муайяни давлатиро дастрас намуда, аз наздик бо шарту шароитҳо, талаботҳо ва ӯҳдадориҳо барои қабул шудан ба кор ё хизмат, пешбурди фаъолият ва сабабу шароитхо, асосхои қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ё хизматӣ дар ин ё он мақомот шинос шавад.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми ҳалли масъалаи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани ӯ мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Дар қисми 3 моддаи мазкур омадааст, ки тартиби санҷиши маълумоти аз тарафи шаҳрванд пешниҳодшавандаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, № 700 Тартиби санҷиши маълумоте, ки аз тарафи шаҳрванд дар мавриди таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод гардидааст, тасдиқ карда шудааст.

Дар банди 3 Тартиби мазкур маълумотҳои аз ҷониби шаҳрванд дар мавриди таъин ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъиншаванда инҳо мебошанд:

- дар бораи мавҷудияти доғи судӣ;
- қарори суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ва фаъолияти муайян;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилот;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи собиқаи кори умумӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумот дар бораи даромадҳо ва вазъи молу мулкӣ;
- маълумот дар бораи саҳмияҳо дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки ба идоракунии боварinок дода шудаанд;
- дар бораи ишғоли кори муздноки дигар, ба истиснои машғул шудан ба фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва педагогӣ;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи аҳволи саломатӣ;
- оиди дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Тибқи талаботи банди 4 Тартиби мазкур дар мавриди таъин ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии категорияи олии хизмати давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин (интихоб) мешаванд, маълумотҳои пешниҳодшуда, аз ҷониби сохтори дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Санҷиши маълумотҳои пешниҳодшуда дар мавриди таъин ба мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтуми хизмати давлатӣ аз ҷониби хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад. (Банди 5 Тартиб)

Барои санҷиши маълумотҳои пешниҳодшуда асос мебошанд:

- зарурати гирифтани ахбороти иловагӣ;
- нопурраги ё ғайриасоснокии (недостоверности) маълумотҳои дар ҳуҷҷатҳо ва санадҳо пешниҳодгардида;
- пайдо гардидани шубҳа дар роҳбар, хадамоти кадрӣ ва комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ оиди маълумотҳои пешниҳодгардида;
- муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- маълумоти васоити ахбори омма;
- дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. (Банди 7 Тартиб)

Тибқи талаботи банди 8 Тартиби зикршуда бо супориши роҳбари мақоми давлатӣ бе дарназардошти асосҳои дар банди 7 -Тартиб омада, ба таври интихобӣ мумкин аст, маълумотҳои пешниҳодгардида мавриди санҷиш қарор дода шаванд.

Дар боби 2 Тартиб, дигар ҳолатҳо, мӯҳлатҳо ва асосҳои санҷиши маълумотҳои пешниҳодшуда оварда шудаанд. Шахсе ки санҷиши маълумотҳои пешниҳодгардидаро мегузаронад ҳуқуқ надорад маълумотҳои дигаре, ки номгӯашон дар банди 3 Тартиб наомадааст, талаб намуда санҷиш гузаронад.

Аз натиҷаи санҷиш хулоса тартиб дода мешавад ва ба он ҳуҷҷатҳо, санадҳо ҳамроҳ

карда шуда ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳолати муайян шудани маълумотҳои нопурра ё беасос, ки бо хулоса ва ҳуҷҷату далелҳои дигар исботи худро ёфтаанд ба шахси довталаб ҷавоби рад гардонида мешавад ва шахси дар хизмати давлатӣ қарор дошта аз мансаби ишғолнамудааш озод карда мешавад.

Ба шаҳрванди довталаб ва хизматчии давлатӣ ба таври хаттӣ сабаби рад намудани қабули ӯро ба хизмати давлатӣ ва озод намудан аз мансаби ишғолнамуда хабар дода мешавад.

2. Дар қисми 2 моддаи мазкур оиди ихтиёран ба уҳда гирифтан ва риоя кардани ӯҳдадориҳо, монеаҳо ва маҳдудиятҳо аз ҷониби довталабоне, ки ба мансабҳо ва вазифаҳои давлатӣ ё дар мақомоти давлатӣ таъин ё пешбарӣ мешаванд, сухан меравад. Ин меъёр низ асоси конститутсионӣ дорад. Чи тавре ки дар боло қайд намудем интихоби касбу кор, мансаб дар мақомоти давлатӣ, ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҳеҷ касро дар ин интихоб маҷбур кардан мумкин нест ва дар акси ҳол ин амали ғайриқонунӣ ва маҳдуд кардани ҳуқуқи интихоби касбу кор ва вазифа ба шумор меравад.

Ин нуқта дар қисми 2 моддаи 35 Конститутсия оварда шудааст: "Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст". Ва дар қисми 3 моддаи 35 Конститутсия низ оварда шудааст, ки "Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст"

Вале асос он аст, ки дар мавриди риоя намудани ин талаботҳо, уҳдадориҳо, монеа ва маҳдудиятҳо, ки дар мавриди тафсири ин моддаҳо, (оиди ҳар яки он истода мегузарем), шахси довталаб ихтиёран ба уҳда мегирад, ки ба омилҳои коррупсионӣ намезанад ва бо ин восита ҳуқуқҳои дигар шаҳрвандон ва кулли ҷомеаро поймол намекунад ва онҳоро ҳамчун арзили олӣ эътироф ва риоя мекунад.

3. Дар қисми 3 моддаи мазкур дар бораи маҳдудиятҳо ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандоне, ки ба сифати номзад ба мансабҳои давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, сухан меравад. Аз ҷумла қайд шудааст, ки масъалаи мазкур бо қонунҳо дар бораи интихобот ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Талаботҳо, принсипҳои интихоботӣ ва шарту шароитҳо нисбати вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихобкунандагон дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1999, № 12) оварда шудааст.

Оид ба ин масъалаҳо якчанд модда дар Қонуни мазкур бахшида шудааст, ки яке аз онҳо принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар интихобот (моддаи 3)мебошад. Дар он қайд карда мешавад, ки Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот сурат гирифта ҳеҷ гуна ҳаддӣ ҳисоб (квота) муқаррар карда намешавад.

Иштирок дар интихобот озод ва ихтиёрӣ мебошад.

Интихоботи аъзои Маҷлиси Миллӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии бавосита бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад ва аз чор як ҳиссаи онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад.

Тибқи моддаи 4 Қонуни мазкур "Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон то рӯзи интихобот ба 18 расидааст, қатъи назар аз мансубияташон ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва дороии молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан доранд.

Ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон шаҳрвандоне интихоб ва таъин карда мешаванд, ки ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Қонун ҷавобгӯ буда, дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 5 соли охир истиқомат дошта бошанд.

Шахсоне, ки суд онҳоро ғайриқобили амал донистааст, ё бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан надоранд.

Шарту шароити интихоб нашудан ва ба статуси узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон номувофиқ будани вазифаи ишғолкардаи шаҳрвандонро Конститутсия ва ҳамин Қонун муайян мекунад".

Чи тавре, ки дар Қонуни зикршуда ифода гардидааст, , ҳатто дар принсипҳои интихоботӣ низ баъзе талаботҳо ва шарту шароитҳо барои интихобкунандагон ва номзадҳои интихобшаванда муқаррар карда шудааст.Чунончӣ оиди дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар, бевосита ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат гирифтани интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар қисми 1 моддаи 3 зикр гардидааст.. Ё дар қисми 3 моддаи мазкур оварда шудааст, ки интихоботи аъзоёни Маҷлиси миллӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии бавосита ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад.

Дар дигар моддаҳои Қонуни мазкур низ оиди талаботҳо, шарту шароитҳо, ӯҳдадориҳои интихобкунандагон ва номзадҳо оварда шудааст.

Нисбати интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" дар бораи талаботҳо, шарту шароитҳо, ӯҳдадориҳои номазадҳо ва тартиби гузаронидани интихобот дар меъёрҳои муайян масъалаи мазкур ба танзим дароварда шудааст.

Дар қонунҳои зикршуда ҳамчунин ҷараёни минбаъдаи фаъолияти ин мақомотҳо, ваколатҳои онҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои вакилон ва аъзоёни мақоми интихобӣ, ваколатҳо, шарту шароитҳо, асосҳои ҳуқуқии қатъ шудани фаъолияти онҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст.

Яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин ҳокимияти судӣ мебошад, ки он низ асосан бо роҳи интихобот ташкил меёбад.

Дар мавриди интихоб ё таъин шудан ба мансабҳо дар мақомоти судӣ низ як қатор талаботҳо, ӯҳдадориҳо ва шарту шароитҳо дар назди номзадҳо барои ишғоли мансаби судягӣ дар зинаҳои гуногуни мақомоти судӣ мавҷуданд, ки онҳо дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба танзим дароварда шудаанд.

Фасли II Қонуни мазкур ба масъалаҳои "Интихоб ва таъини судя ба вазифа. Тартиби озод намудан ва бозхонди судя" бахшида шудааст. ном дорад. Дар он аз ҷумла талаботҳое, ки нисбати номзадҳо ба вазифаи судя пешниҳод карда мешаванд (моддаи 11) ва талаботҳое, ки нисбати судя пешниҳод мешаванд (моддаи 12) пешбинӣ карда шудаанд. Моддаҳои 14, 17, 18 ва 19 Қонуни мазкур ба тартиби интихоб ва таъини судя ба вазифа, савганди судя, аз вазифа бозхонд ва озод намудан ва истеъфои судяҳо бахшида шудаанд.

Дар маҷмӯъ ҳамаи қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аз ҷумла меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" ба хотири таъмини пурраи иҷрои меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо равона гардидаанд.

Моддаи 8. Чораҳои назорати молиявӣ

1. **Довталабони мансабҳои давлатӣ дар мавриди таъин (интихоб) ба мансаб ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ҳар сол ба мақомоти андози ҷои истиқоматашон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даромадҳояшон эъломия пешниҳод мекунанд.**

2. **Мақоми давлатие, ки ҳуқуқи ба вазифаи давлатӣ таъин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаб таъин (интихоб) намудани шахсон ва аз шахсони мансабҳои давлатиро ишғолкунанда, соле як маротиба маълумоти зеринро талаб намоянд:**

- дар бораи даромадҳои аз тамоми манбаъҳо гирифтаи онҳо;

- амволи ғайриманқул ва манқули арзишашон дар алоҳидагӣ зиёда аз ду ҳазор музди меҳнати ҳадди ақали муқарраркардашуда, аз ҷумла молу мулки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда ё муваққатан дар ихтиёри шахси дигар буда бо нишон додани арзиш ва суроғаи он;

- дар бораи пасандозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар бонкҳои хориҷӣ доштаашон ва қоғазҳои қимматноке, ки шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд;

- дар бораи иштироки бевосита ё бавосита ба сифати саҳмгузор ё иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), дигар субъектҳои хоҷагидор ва фондҳо бо нишон додани иштирок ва фоизи моликият дар онҳо;

- дар бораи қарзҳои ҳаҷмашон бештар аз 500 **музди меҳнати ҳадди ақал ва дигар уҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла дар хориҷа;**

- маълумот оид ба амволи аъзои оила.

3. **Пешниҳод накардан ё пешниҳод кардани маълумоти нопурра ва носаҳеҳе, ки дар қисми** 2 **ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, агар дар ин кирдор таркиби ҷиноят ҷой надошта бошад, барои рад кардани ба мансаб таъин (интихоб) намудан ё аз мансаб озод намудан асос мегарданд.**

4. **Маълумоти пешниҳодшуда ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ошкор карда намешаванд.**

1. Талаботи моддаи мазкур аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия манша мегирад. Дар қисми 1 моддаи 8 Конвенсияи мазкур қайд карда мешавад, ки бо мақсади мубориза бар зидди коррупсия, ҳар як давлати аъзои Конвенсия дар қатори хислатҳои хуби шахсони мансабдор ҳамчунин фурухтанашвандагӣ, бовиҷдонӣ ва масъулиятнокии (ҷавобгарии) онҳоро бо дарназардошти принсипҳои асосии системаи ҳуқуқии худ қадрдонӣ мекунад.

Дар қисми 2 моддаи зикршуда бошад омадааст, ки "ҳар як Давлати аъзо дар доираи системаи институтсионалӣ, ҳуқуқии худ кодексҳо ва стандартҳои рафторро барои иҷрои дуруст, самаранок ва дахлдори вазифаҳо ва функсияҳои шахсони мансабдор қабул ва татбиқ менамояд".

Ин пеш аз ҳама ҳамчун чораи пешгирии коррупсия дар мақомоти давлатӣ дониста шудааст ва ба хотири роҳ надодан ба бархурди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Ба хотири дар амал татбиқ намудани ин меъёрҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" ва махсусан моддаҳои боби 2-юми он бахшида шудаанд.

Ҳамчунин, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1343 аз 14.06.2004 тасдиқ карда шудааст, ҷиҳати иҷрои меъёрҳои Конвенсия равона гардидаанд.

Дар Кодекси мазкур як қатор талаботҳо ва меъёрҳои қоидаҳои рафтори хизматчиёни давлатӣ, ки ба хотири роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ ва пешгирии коррупсия равона шудаанд, муқаррар карда шудааст.

Аз ҷумла дар моддаи 4 Кодекс омадааст: "Хизматчии давлатӣ бояд эътибори хизмати давлатиро пос дошта, аз ҳама ҳолатҳое, ки метавонад шаъну эътибори давлатиро паст зананд, канорачӯӣ намояд. ӯ ҳақ надорад ба обрӯи касби худ ба хотири манфиатҳои шахсӣ ё манфиатҳои шахсони дигар исно дорад".

Ё дар моддаи 5 Кодекс омадааст: "Хизматчии давлатӣ ҳолатҳои вобаста ба иҷрои вазифа ба тариқи оммавӣ айбдор донистани ӯро дар риоя накардани қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон, сӯистифода аз мақоми хизматӣ, ғаразнок ё манфиатдории дигар ишахсӣ набояд беэътино гузорад."

Моддаи 13 Кодекси мазкур низ ба масъалаи пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ба мисли беғаразона ҳаллу фасл намудани масъалаҳо, машғул шудан ба хешутаборчигӣ, ва манфиатдории шахсӣ ва пешгирии барҳӯрди манфиатҳо равона шудааст :

Дар қисми 5 моддаи 8 Конвенсия қайд гардидааст, ки ҳар як Давлати аъзо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мутобиқ ба принсипҳои асосии қонунгузории миллии худ чораҳо ва (низомеро)системаеро ҷорӣ намояд, ки шахсони мансабдорро барои ба мақомоти дахлдор пешниҳод намудани декларатсия оиди дороиҳо, тӯҳфаҳои ҷиддӣ ва даромадҳояшон, машғулияташон, маблағгузориҳо, ки дар алоқамандӣ бо онҳо метавонанд мухолифати манфиатҳо бо вазифа ва функсияи онҳоро ба миён орад, пешниҳод кунанд.

Пешниҳод кардани эъломия дар бораи даромадҳо, дороиҳо, амволи манқул ва ғайриманқул, маблағҳои пулӣ дар шакли нақдӣ, ғайринақдӣ ва пасандозҳои бонкӣ ё дар дигар шакл ба мақомоти давлатие, ки шахс барои ба он ба кор даромадан довталаб аст ё дар он вазифаи муайяни давлатиро иҷро мекунад, яке аз талаботҳои (минбаъд талаботҳо) хизмати давлатӣ мебошад. Аз ин хотир моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ба талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ бахшида шудааст.

Ҳамчунин дар қисми 3 моддаи 13 омадааст, ки "ҳангоми ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул шудан шаҳрвандон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои

пешбининамудаи моддаи 32 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

-аризаи шахсӣ;

-маълумот аз мақомоти дахлдор оид ба андоз аз даромад ва вазъи молумулкии хизматчии давлатӣ;

-маълумоти тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ;

-ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусияти мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешбинӣ намудаанд.

Масъалаи ба мақоми дахлдор пешниҳод намудани эъломия дар бораи андоз аз даромад ва вазъи молумулкии хизматчии давлатиро моддаи 31 Қонуни мазкур ба танзим даровардааст.

Дар байни баъзе меъёрҳои ду қонун-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" баъзе номувофиқатиҳо дида мешавад. Чунончи, дар сархатҳои аввал ва охири қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" омадааст, ки мақоми давлатие, ки ҳуқуқи ба вазифаи давлатӣ таъин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаб таъин (интихоб) намудани шахсон ва аз шахсони мансабҳои давлатиро ишғолкунанда, соле як маротиба дар қатори дигар маълумотҳо хамчунин маълумот оид ба амволи аъзои оиларо талаб намояд. Вале ин талабот, яъне аз ҷониби довталаб ба мансабҳои хизмати давлатӣ ва шахсоне, ки чунин мансабҳоро ишғол намудаанд, пешниҳод кардани маълумот дар бораи даромад ва вазъи амволии аъзоёни оилаи ӯ, ва талаб намудани чунин маълумот аз ҷониби мақоми давлатие, ки довталаб барои ба он ба кор даромадан ҳуҷҷат супоридааст ё дар он ифои вазифа мекунад, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" дида намешавад. Зарурате ба миён омадааст, ки мафҳумҳо ва меъёрҳои ду қонуни зикршуда оиди масъалаи мазкур ба ҳам мувофиқ карда шуда ба таври мушаххас талаботҳо дар ҳарду қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якхела ифода гардад. Ин талабот аз моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" бармеояд ва тибқи талаботи моддаи 3 Қонуни мазкур меъёрҳои ин қонун нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Яъне меъёрҳои қонуни мазкур ба шахсони мансабдори тамоми сатҳҳо, зинаҳои се шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дахл дорад ва нисбати онҳо амал мекунад. Пас чунин фаҳмида мешавад, ки шахси мансабдор аввало, ки вай шахси воқеӣ аст, баъдан ӯ ҳатман ҳамчун шахси юридикӣ,(дар ташкилот, мақомот) мансаберо дорост, ё вазифаеро ичро мекунад. Ин талабот бояд дар қонунҳои соҳавӣ, ки фаъолияти мақомоти давлатии гуногунро новобаста ба кадом шохаи ҳокимияти давлатӣ тааллук дошатанашон ба танзим медароранд, ҷой дошта бошад ва ба танзим дароварда шавад. Зеро ичрои талаботҳои мазкур дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ таъкид гардида барои ичрои уҳдадориҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор месозад.

Дар таҳрири пешинаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" (соли 1998) ба доираи шахсоне, ки амали қонун нисбати онҳо татбиқ мегардид, як қатор мақомоти давлатӣ шомил набуданд ва аз доираи амали қонун берун буданд. Аз ҷумла, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ). Дар таҳрири нави Қонун бошад (соли 2007) доираи амали он дар қатори дигар мақомоти давлатӣ ба ин мақомотҳо низ татбиқ мегардад. Боварӣ аст, ки дар оянда дар таҳрири нави қонун, номгӯи мақомот ва шахсони мансабдори давлатие, ки доираи амали қонун ба онҳо татбиқ намегардад, маҳдуд мешавад ва ягонагии татбиқ ва волияти қонун пурра таъмин карда мешавад.

Ин талаботҳо дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба танзим дароварда шудаанд, аз ҷумла дар моддаи 197 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар сархати 2 қисми 2 моддаи 8 Қонун сухан дар бораи амволи ғайриманқул ва

манқули арзишашон дар алоҳидагӣ зиёда аз ду ҳазор музди меҳнати ҳадди ақали муқарраршуда меравад.

Амволи ғайриманқул ва манқула ба категорияҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мансуб мебошад ва аз ин хотир таърифоти онҳо дар моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) оварда шудаанд.

Аз ҷумла дар кисми 1 моддаи мазкур оварда шудааст, ки ба чизу чораи ғайриманқул (амволи ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайристиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва амволи дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст (Қонун аз 12.05.2007 № 247). Тибқи талаботи қисми 2 ҳамин модда киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ ва объектҳои кайҳонӣ низ ба амволӣ ғайриманқул нисбат додан мумкин аст.

Аломати асосии амволи ғайриманқул он аст, ки онҳо ҳатман аз қайди давлатӣ гузаронида мешаванд. Албатта баъзе амволи ғайриманқул низ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд, вале на ҳамаи амволи ғайриманқул зарурат ба қайди давлатӣ гирифтан доранд.

Дар қисми сеюми моддаи мазкур омадааст, ки чизу чорае, ки ба амволи ғайриманқул дохил намешаванд, амволи манқула дониста мешаванд. Аз ҷумла пул ва қоғазҳои қимматнок амволи манқула дониста мешаванд.

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаи андоз аз молу мулки ғайриманқул моддаҳо бахшида шудааст. Объектҳои андозбандӣ намудҳои зерини молу мулк эътироф карда мешаванд: хонаҳои истиқоматӣ, квартираҳо (ҳуҷраҳо), бустонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳо (минбаъд - "молу мулки ғайриманқул") (Қонун аз 29.12.2010 № 665) дармоддаи 326 омадааст

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи амволи манқула дода нашудааст, вале боби 47 ба андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст. Тибқи талаботи ин боб ҳама гуна воситаҳои нақлиёт, ба истиснои баъзе намудҳои он ва баъзе субъектҳои андози мазкур, ки имтиёзҳо доранд, ба андозбандӣ ҷалб карда мешаванд ва гуфтан мумкин аст, ки наклиётҳои дар хушкӣ ҳаракаткунанда ба амволи манқул шомил мешаванд. Дар мавриди муайян кардани амволи манқул, қоидаи дар Кодекси гражданӣ амалкунанда ба инобат гирифта мешавад.

Дар сархати 2 қисми 2 моддаи 8 Қонун сухан дар бораи он амволи ғайриманқул меравад, ки арзишашон аз ду ҳазор музди меҳнати ҳадди ақал зиёд бошад.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 894 аз 22 июни соли 2010 музди мехнати ҳадди ақал дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳадди минималии нафақа дар ҳаҷми 80 сомонӣ дар як моҳ аз 1 июли соли 2010 муқаррар карда шудааст.

Мутобиқ ба фармони мазкур дар ҳолати арзиши амволи ғайриманқул дар алоҳидагӣ арзишаш аз 160 000 сомонӣ зиёд будан, шахс ӯҳдадор аст, ки новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии амвол, дар эъломияааш онро нишон диҳад.

Дар сархати 3 бошад, сухан дар бораи пасандозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар бонкҳои хориҷӣ дошта ва қоғазҳои қимматнок меравад.

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолати амонати шахсони воқеӣ" омадааст, ки "амонати шахси воқеӣ - маблағи пулӣ бо асъори миллӣ ё хориҷӣ дар ҳисоби шахси воқеӣ (амонатгузор) гузошташуда, ки бонк ӯҳдадор аст онро бо гузаштани вақти муайян бо фоиз пардохт кунад."

Тибқи талаботи банди 4 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №289, Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши № 1 аз 10.10.2005 ва Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши № 336 аз 10.10.2005 дар якҷоягӣ Дастурамали тартиби пур кардани эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Дастурамали мазкур тибқи банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №289 "Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ" таҳия карда шудааст.

Эъломияро оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ (минбаъд - "Эъломия")

мутобиқи муқаррароти моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" мақоми давлатие, ки ба вазифаи давлатии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) намудани шаҳрванд ва аз хизматчии давлатӣ соле як маротиба талаб намояд.

Маълумоти пешниҳоднамуда ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ошкор карда намешавад.

Дар Эъломия амволе нишон дода мешавад, ки арзиши воқеиаш зиёда аз 2000 (ду ҳазор) маоши ҳадди ақали моҳонаро ташкил медиҳад ва инчунин қарзҳо ва дигар ӯҳдадориҳои дорои характери молиявӣ дошта (аз он ҷумла дар хориҷа), ки андозаашон аз 500 (панҷсад) маоши ҳадди ақали моҳона зиёд мебошанд.

Сатрҳои эъломия ба тарзи зерин пур карда мешаванд:

сатри 1 -маълумотҳои ин сатр аз ҷониби мақоми давлатӣ дарҷ карда мешавад;

сатри 2 -ному насаб мувофиқи шиносномаи шаҳрвандӣ;

сатри 3 -рақами мушаххаси андозсупоранда дар асоси шиносномаи шаҳрвандӣ ё гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда дарҷ карда мешавад;

сатри 4 -суроғаи маҳалли истиқомати воқеӣ ва суроғае, ки дар шиносномаи шаҳрвандии хизматчии давлатӣ қайд карда шудааст;

сатри 5 -рақами телефонҳо: ҷои истиқомат, корӣ ва мобилӣ;

сатри 6 -вазифаи шаҳрванд, ки барои ишғоли мансаби давлатии хизмати давлатӣ довталаб мебошад ва мансаби давлатие, ки хизматчии давлати дар зери пешниҳоди Эъломия ишғол менамояд бо нишон додани номи ташкилот, муассиса, корхона , мақоми давлатӣ.

сатри 7 -соли ҳисоботие, ки барои он Эъломия пешниҳод карда мешавад;

сатрҳои 8-9 ва 13 -арзиши амволи хизматчии давлатӣ ва аъзои оила, ё дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи маълумоти мақомоте, ки амволро ба қайд мегирад (аз рӯи арзиши инвентаризасионӣ) нишон дода мешавад.

Барои амволе, ки бо асъори хориҷӣ нархгузорӣ шудааст, арзиши он ба ҳисоби сомонӣ аз рӯи қурби муайяннамудаи Бонки милли Тоҷикистон дар охири давраи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

сатри 10 - маблағе (арзише), ки ҳангоми харидани воситаҳои нақлиёт хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ пардохт намудаанд;

сатрҳои 11-12 - маблағҳои пулӣ ва саҳмияҳое, ки хизматчии давлат ва аъзои оилаи ӯ дар бонкҳо (аз ҷумла дар хорича) ва муассисаҳои тиҷоратӣ доранд ва маблағои қарзҳои гирифташуда;

сатри 14 - ҷамъи маблағи (арзиши) сатрҳои 8-13.

Шакл ё худ намунаи Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ, к и бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Дар Дастурамали мазкур омадааст, ки дар эъломия амволе нишон дода мешавад, ки арзиши воқеиаш зиёда аз 2000 (ду ҳазор) маоши ҳадди ақали моҳонаро ташкил медиҳад ва инчунин қарзҳо ва дигар ӯҳдадориҳои дорои характери молиявӣ дошта (аз он ҷумла дар хориҷа) ки андозаашон аз 500 (панҷсад) маоши ҳадди ақали моҳона зиёд мебошанд.

Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар ҳолати имрӯз (30 марти соли 2012) маоши ҳадди ақали моҳона 80 сомониро ташкил медиҳад ва ду ҳазор маоши ҳадди ақал баробар ба 160 000 сомонӣ мешавад.

Тибқи сархатҳои 8-9 ва 13 Дастурамали мазкур арзиши амволи хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи маълумотҳои мақомоте, ки амволро ба қайд мегирад аз рӯи арзиши инвентаризатсионӣ нишон дода мешавад.

Аз ҷумла дар сархатҳои 8-9 хонаи истиқоматӣ, ҳуҷраҳо (квартира), бустонсарой, гараж, дигар биною иморат ва иншоот оварда шудаанд. Мутаассифона таърифоти хонаи истиқоматӣ ва ҳуҷраҳо дар ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда нашудааст. Вале дар моддаи 271 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ба моликияти шаҳрвандон метавонад хонаи истиқоматӣ, бӯстонсаро, боғу ниҳолзори қитъаҳои замин, ҳайвоноти хонагӣ, воситаҳои нақлиёт, маблағҳои пулӣ, саҳмия ва дигар қоғазҳои қимматнок, асбобу анҷоми рӯзгор ва истеъмолии шахсӣ, воситаҳои истеҳсолот барои

хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва кишту кор, хоҷагии меҳнатию деҳқонӣ, фаъолияти инфиродӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ, маҳсулот ва фоидаи гирифтаашон, инчунин дигар амволи таъминоти истеъмолию истеҳсолӣ дохил шавад.

Тибқи талаботи боби 46 Кодекси андоз хонаи истиқоматӣ, ҳуҷраҳо (квартираҳо) бӯстонсарой, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳо ба гурӯҳи амволи ғайриманқул мансуб дониста шуда манбаи объекти андозбандӣ шуморида мешаванд (моддаи 326 Кодекси андоз).

Дар моддаи 327 Кодекси андоз омадааст, ки манбаи андози хонаҳои истиқоматӣ масоҳати ҳамаи ошёнаҳои молу мулки ғайриманқул (ба истиснои иншоотҳо) мебошад, ки бо назардошти коэффисиентҳо мутобиқи муқаррароти ҳамин модда тасҳеҳ шудааст. Манбаи андоз барои иншоотҳо (ба истиснои иншоотҳои нотамом) масоҳати замине ба ҳисоб меравад, ки дар амал онҳо ишғол намудаанд (Қонун аз 29.12.2010 № 665).

Дар қисми 2 моддаи мазкур омадааст, ки масоҳати ошёнаи якуми молу мулки ғайриманқул тавассути аз берун чен кардани андозаи молу мулки ғайриманқул ё дар ҳолати имконнопазир будани ченкунии берунии андозаи молу мулки ғайриманқул аз рӯи масоҳати умумии муфиди манзили дохилии молу мулки ғайриманқул, ки ба коэффисиенти 1,25 зиёд карда шудааст, муайян карда мешавад.

Тарзи муайян намудани ҳаҷми майдони андозбандишавандаи таҳхона, болохона ва ошёнаҳои 2-5 ва 6 -уми хона агар чуниношёнаҳоро хонаи истиқоматӣ доро бошад, ва муқаррар шудааст, ки майдони ҳаҷми ҳар як ошёна дар алоҳидагӣ ченкунӣ ва андозбандӣ карда мешавад, ки андозбандии ҳар кадомашон вобаста ба ҷойгиршавии ошёна аз ҳамдигар фарқ мекунанддар қисмҳои дигари моддаи мазкур омадааст. Бо мурури вақт вобаста ба зиёдшавии баландии ошёна коэффисиенти ҳисоби онҳо дар қиёс ба ошёнаи якум зиёд мешавад ва мутаносибан ҳаҷми майдони андозбандишаванда низ зиёд мегардад. Масалан агар баландӣ аз фарш то нуқтаи пасти шифти ошёна аз 4 то 6 метр бошад манбаи андози чунин ошёна баробари 150 фоизи майдоне қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст. Ё ин ки агар баландӣ аз фарш то нуқтаи пасти шифт дар ҳар кадом ошёнааз 6 метр зиёд бошад, ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз масоҳати чунин ошёна баробари 200 фоизи масоҳате қабул карда мешавад, ки мутобиқи қисми 2 ҳамин модда муайян карда шудааст ва он ба коэффисиентҳои ошёнавӣ, ки мутобиқи қисмҳои 3-7 ҳамин модда бо фоизҳо ифода ёфтаанд, тасҳеҳ карда мешавад (Қонун аз 29.12.2010 № 665).

Дар қисми 3 моддаи 330 Кодекси андоз омадааст, ки маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул танҳо оид ба объектҳои сохтмонашон хотимаёфта, ки онҳо амалан истифода бурда мешаванд, муайян карда мешавад, ҳатто дар мавриди аз қайди дахлдори давлатӣ нагузашта ҳуҷҷатҳои дахлдори техникӣ ё дигар ҳуҷҷати ба расмият даровардашуда надошта бошад ҳам тибқи ин муқаррарот амалӣ мегардад.

Оиди пасандозхои бонкӣ аз чумла пасандозҳо дар бонкҳои хориҷӣ дошта ва қоғазҳои қимматноке, ки шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд, Дар сархати 3 қисми 2 моддаи 8 Қонун сухан меравад.

Дар сархати 9 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст, ки "Пасандоз - ин маблағе мебошад, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиашон ба ташкилотҳои қарзӣ бо шакли пардохти фоизи муайян вогузор шудааст".

Қонунгузор дар қатори пасандозҳои бонкӣ боз ба гурӯҳи маблағҳои шаҳрвандон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчунин "амонат"- ро низ дохил намудааст, ки таърифоти он дар сархати 8 моддаи зикршуда омадааст; "амонат -маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилотҳои қарзӣ барои нигоҳдорӣ супорида шудаанд".

Дар зери мафҳуми ташкилотҳои қарзӣ низ бонкҳо фаҳмида мешаванд, вале ба ғайр аз бонкҳо, боз дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ низ ҳастанд, ки ҳуқуқи иҷрои баъзе амалиётҳои бонкиро доранд. Номгӯи он амалиётҳои бонкиеро, ки ташкилотҳи ғайрибонкии қарзӣ амалӣ менамоянд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

Мафҳуми бонк низ дар сархати 2 моддаи 2 Қонуни мазкур омадааст: "Бонк - ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад".

Таърифоти мафҳумҳо ва ибораҳои дар боло зикршуда айнан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" (№ 524 аз 19 майи соли 2009) омадаанд. Ҳамчунин, дар ин қонун тартиби таъсис ва барҳам додани ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ғайридавлатӣ, сармояи оинномавии онҳо, тарзи пешбурди фаъолият ва дигар асосҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо ба танзим дароварда шудааст. Аз ҷумла, дар Қонуни мазкур омадааст, ки ташкилотҳои қарзӣ ба фаъолияти бонкӣ бо иҷозатномаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд" ва дигар қонунҳо таъсис дода мешаванд, фаъолият мекунанд ва барҳам дода мешаванд.

Ҳамчунин дар сархати 3се оиди қоғазҳои қимматноке, ки шахси мансабдор ё довталаб ё хизматчии давлатӣ шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд, сухан меравад.

Дар қисми 1 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон омадааст, ки Бонки миллии Тоҷикистон метавонад қоғазҳои қимматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоғазҳои қимматноки қарзии хурд инчунин дигар қоғазҳои қимматноки қарзиро дар бозорҳои молиявӣ хариду фуруш намояд. Тартиби бароришиқоғазҳои қимматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва гузаронидани амалиёт бо онҳоро Раёсати Бонки миллӣ муқаррар менамояд.

Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2011, № 165 Дастурамали № 189 "Дар бораи қоғазҳои қимматноки Бонки миллии Тоҷикистон" тасдиқ карда шудааст.

Дар сархати 1 банди 1 Дастурамали мазкур омадааст: қоғазҳои қимматноки Бонки миллии Тоҷикистон(минбаъд қоғазҳои қиматнок) - қоғазҳои қимматноке, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли сабт дар суратҳисобҳои алоҳидаи амонатгоҳи (депозитарии) Бонки миллии Тоҷикистон бароварда мешаванд.

Иштироки бевосита ё бавосита ба сифати саҳмгузор ё иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), дигар субъектҳои хоҷагидор ва фондҳо бо нишон додани иштирок ва фоизи моликият дар онҳоросархати 4 моддаи 2 Қонунтазаккурмедиҳад.

Моддаи 9. Мамониатҳо барои таъин (интихоб) намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда

1. **Шахс дар чунин мавридҳо наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда таъин (интихоб) шавад ё дар чунин вазифаҳо бошад**:

- мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти барқасдона содир намуда, агар ин доҷи судиаш аз байн нарафта ё аз рӯи тартиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда бошад;

- ғайри қобили амал эътироф кардан ё маҳдуд намудани қобилияти амали шахс бо қарори суд;

- надоштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи кории дахлдоре, ки мавҷудияти онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазифаи мазкур ҳатмӣ мебошанд;

- бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол кардаанд;

- дар сурати шахрванди давлати хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд будан, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар роҳ додани чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадхои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд;

- дар дигар мавридҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

2.**Дар сурати риоя накардани мамониатҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда қарори**

ба мансаб таъин (интихоб) шудани шахс бо эътироз ё пешниҳоди прокурор ё бо ташаббуси худи мақоми қарорро қабулкарда ё мақоми болоӣ бекор карда мешавад.

3. **Ҳангоми ба миён омадани мамониатҳои номбурда дар давоми ишғоли мансаби давлатӣ ё мансаби ба он баробар кардашуда бо пешниҳоди ҳамин мақомот дар мӯҳлати на дертар аз се моҳ корманд ба мансаби дигари мувофиқ гузаронида мешавад.**

4. **Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти ба дигар мансаб гузаронидани корманд ё аз гузаштан ба мансаби дигар норозӣ будани ӯ ё ба миён омадани дигар мамониати хизмати давлатиро истиснокунанда корманд аз мансаб озод карда мешавад.**

1. Шахсе, ки дар мансабӣ давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда қабул (интихоб) мешавад, бояд синну соли муайян, дорои ақлу тани солим, рафтору ахлоқи ҳамида, мутобиқ ба хислатҳои дар кодекси одоби хизматчии давлатӣ дарҷгардида бошад. Собиқаи бенуқсони зиндагӣ ва корӣ дошта, ростқавлу бовиҷдон бошад. Дар тӯли зиндагӣ ва собиқаи кориаш даст ба ҷиноятҳо ва қонуншиканиҳои баркасдона назада бошад. Ба талаботҳои хизмати давлатӣ мувофиқ буда, дигар шарту шароитҳое, ки аз талаботҳо нисбати хизматчии давлатӣ бармеоянд, риоя кунад. Ҳамаи ин ба хотири ташкили хизмати бенуқсони давлатӣ, баланд бардоштани обрӯю нуфузи давлат ва мақомоти давлатӣ ҳам дар байни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи кишвар, мукаммалгардонии боварии ҷомеа ба давлат ва мақомоти давлатӣ, билохира таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва инсон ва ҳифзи он равона гардидаанд.

Қонунгузор ба хотири амалигардонии ин мақсадҳои олӣ, як қатор талаботҳо ва монеаҳоро дар хизмати давлатӣ қайд ва ба танзим даровардааст, ки дар моддаи мазкур нисбати онҳо бо тафсир истода мегузарем.

Дар сархати якуми қисми 1 моддаи мазкур дар бораи яке аз монеаҳо - ин мамнуъ будани таъин (интихоби) ва фаъолияти шахсони барои ҷиноятҳои қасдона доғи судӣ дошта, дар вазифаҳои мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, ки аз байн нарафта аст ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бардошта нашуда бошад, сухан меравад.

Ба ҳама маълум аст, ки барои содир кардани ҷиноят, аз ҷумла ҷиноятҳои қасдона шахсро, фақат бо ҳукми суд, ки эътибори қонунӣ пайдо намудааст, маҳкум кардан, ҷазои ҷиноятӣ додан ва гунаҳкор донистан мумкин аст.

Ин ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд буда, дар моддаи 20 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст.

Вале, таваҷҷӯҳ бояд ба як нуқта намуд, ки қонунгузор фақат ин монеаро дар мавриди мавҷудияти доғи судӣ фақат барои ҷиноятҳои қасдона пешбинӣ намудааст.

Мафҳуми ҷиноятҳои қасдона дар моддаи 28 КҶ ҶТ оварда шудааст (қ.1): ҷинояти қасдан содиршуда кирдоре эътироф мешавад, ки бо қасди бевосита ё бавосита содир шудааст. Таърифоти ин ду намуд қасд дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур оварда шудаанд. Дар ҳарду ҳолат ҳам шахсе, ки даст ба ҷинояти қасдона мезанад, ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ва ё беҳаракатии худро дарк мекунад, имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ мекунад. Дар қасди бевосита хоҳони фаро расидани ин оқибатхо буда, дар қасди бавосита фарорасии ин окибатҳоро намехоҳад, вале дидаву дониста роҳ медиҳад ва ё ба рӯх додани он оқибатҳо беэътиноӣ мекунад.

Шахсе, ки даст ба ҷинояти қасдона мезанад, ба ҷомеа хатарнокии зиёд дорад, эҳтимолияти ислоҳшавии ӯ нисбат ба шахсе, ки даст ба ҷинояти беэхтиётӣ задаст, камтар мебошад.

Мафҳуми доғи судӣ, таърифоти он, шарту шароитҳои бардоштани он ва барҳам хӯрдани доғи судӣ дар моддаи 84 КҶ ҶТ оварда шудааст.

Аз ҷумла дар қисми 1 моддаи мазкур омадааст, ки шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад аз рузи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъин карда шудааст ва то рузи барҳам хурдан ё бардоштани доғи судӣ. (аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъин карда шудааст, шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад.

Дар қисми 2 моддаи мазкур он ҳолатҳое оварда шудаанд, ки шахс доғи судӣ надошта ҳисоб мешавад:

а) дар сурати қабули санадҳои авф ё бахшиши ҷазо агар дар ин санадҳо бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шуда бошад - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани чунин санадҳо;

б) дар сурати қабули санади авф ба шарте, ки он барои кирдори содиркардашуда татбиқ намудани ҷазоро бекор кунад ва ин ҳолат дар рафти мурофиаи судӣ ошкор шавад - аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ;

в) дар сурати қабул намудани қонуни нави ҷиноятӣ, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани чунин Қонун;

г) дар сурати аз ҷазо озод кардани ноболиғон мувофиқи моддаи 90 ҳамин Кодекс аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи аз ҷазо озод кардани ноболиғ;

д) дар сурати иҷро накардани ҳукми айбдоркунӣ - аз рӯзи гузаштани мӯҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ.

Дар қисми 3 моддаи мазкур асосҳо ва мӯҳлатҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ дарҷ карда шудааст:

а) ба маҳкумшудае, ки нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст;

б) нисбати ашхосе, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд - ба гузаштани як сол пас аз тамом кардани мӯҳлати таъиншудаи ҷазо;

в) нисбати ашхосе, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳдуд кардани озодӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - ба гузаштани се сол пас аз адои ҷазо;

г) нисбати ашхосе, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо;

д) нисбати ашхосе, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - бо гузаштани ҳашт сол пас аз адои ҷазо.

Агар шахс мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун пеш аз муҳлат аз ҷазо озод шуда, ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ба ҷазои нисбатан сабук иваз шуда бошад, мӯҳлати барҳам додани доғи судӣ аз лаҳзаи аз адои ҷазои асосӣ ва иловагӣ озод карда шуданаш ҳисоб карда мешавад. (қ 4 моддаи 84)

2. Дар сархати 2 моддаи 9 Қонун омадааст, ки дар ҳолати ғайри қобили амал эътироф кардан ё маҳдуд намудани қобилияти амали шахс бо қарори суд шахс наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда таъин (интихоб) шавад ё дар чунин вазифаҳо бошад.

Қобили амал ва ё ғайриқобили амал эътироф кардани шаҳрванд - асосан инҳо категория ё мафҳумҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошанд ва пеш аз ҳама бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

Пеш аз он, ки дар масъалаи ғайри қобили амал будани шаҳрванд сухан оғоз кунем, мо бояд ба масъалаи ҳуқукҳои шаҳрвандӣ ва маҷмӯи ҳуқуқҳои шаҳрванд ва инсон ворид шуда ба паҳлӯҳои гуногун ва асосҳои ҳуқуқии он равшанӣ андозем.

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки таҳти мафҳуми шаҳрвандон (ашхоси воқеӣ) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин ашхоси бешаҳрвандӣ фаҳмида мешавад. (моддаи 17 Кодекси гражданӣ, Қонун аз 12.05.2007 № 247)

Дар қисми 1 моддаи 18 Кодекси мазкур дар бораи қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд сухан меравад.

Аз ҷумла дар он омадааст, ки қобилияти доштани ҳуқуқу ӯҳдадории гражданӣ (қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ) нисбати ҳамаи шаҳрвандон ба андозаи баробар эътироф карда мешавад.

Дар қисми 2 моддаи мазкур омадааст:

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ёфтанаш ба миён омада, пас аз вафоташ қатъ мегардад.

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд нисбат ба мафҳуми дорои қобили амал будани шаҳрванд васеътар буда, новобаста аз он шаҳрванд метавонад онро доро бошад. Вале амалигардонии ин ҳукуқҳо ба қобили амал будани шаҳрванд алоқамандӣ ва пайвастагии зич дорад. Масалан ҳуқуқ ба мерос аз рузи аввали тавлиди шаҳрванд ба миён омада метавонад, вале мероси васиятшударо шаҳрванд фақат баъди расидан ба синну соли муайян метавонад ихтиёрдорӣ кунад. Ба мисли ин бисёр ҳуқукҳои дигар аст, ки баъди расидани

синну соли муайян ё мавриди дарёфти ҳуқуқи қобили амал (балоғат) ва шарту шароитҳои муайян онҳо метавонанд дар амал татбиқ карда шаванд.

Қобилияти шаҳрванд барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи граждани, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (мукаллаффияти граждани) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба сини 18 (ҳаждаҳ) ба миён меояд. (м.22, қ.1 КГ)

Дар қисми 2 моддаи мазкур омадааст, ки "агар тибқи қонун издивоҷ то ба сини 18 -солагӣ расидан иҷозат бошад, шаҳрванди ба сини 18 солагӣ нарасида аз вақти издивоҷ карданаш пурра қобилияти амалро ба даст меорад".

Фақат суд метавонад нисбати шаҳрванде, ки дар асари бемории руҳӣ ё камақлиаш аҳамияти амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад, мувофиқи тартиби муқарарнамудаи қонунҳои мурофиаи граждани ӯро ғайри қобили амал эътироф намояд(моддаи 30 қ.1 КГ) ва суд метавонад қобилияти амали шаҳрвандеро, ки дар асари суйистеъмоли машрубот ё маводи нашъаовар худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад, мувофиқи тартиби муқарарнамудаи қонунҳои мурофиаи граждани маҳдуд созад.

Дар мавриди аз байн рафтани ҳолатҳо ва зарурати ғайриқобили амал ва ё маҳдудии қобилияти амал, суд метавонад бо қарори худ шаҳрвандро пурра қобили амал эътироф кунад.

Паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои мазкур, шарту шароитҳо ва асосҳои он дар моддаҳои гуногуни Боби 3 Кодекси граждани (қисми 1) оварда шудаанд.

Дар сархати сеюми моддаи 9 Қонун сухан дар бораи талаботе меравад, ки он низ асос барои монеъ шудан барои ба хизмати давлатӣ қабул шудани шахс, таъин шудани (интихоби) шахс ба мансаби давлатӣ ё фаъолият намудани ӯ дар он мансабҳо ва вазифаҳо мебошад.

Оиди доштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи корӣ мавриди таъин (интихоб) шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда, қаблан дар болотар дар тафсири моддаи 7 Қонуни мазкур истода гузаштем ва иқтибосҳоро низ аз дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кичунин талаботҳоро ба танзим даровардаанд, овардем.

Доштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи корӣ асосан талаботи тахассусие мебошанд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ба танзим дароварда шудаанд.

Ин талаботҳо бо мақсади таъмини салоҳияти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ ва мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ муқаррар карда шудаанд(қ.1.моддаи 11. Қонун аз 11.03.2010 № 603)

Дар қисми 2 моддаи 11 Қонуни мазкур мазкур омадааст, ки талаботи тахассусӣ меъёри асосии хоста гирифтан, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ва омили муайянкунандаи фаъолияти хизматчии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар қисми 3 моддаи мазкур омадааст, ки ба шахсони довталаби мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод мегарданд, дохил мешаванд:

- таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо назардошти ихтисос ва категорияҳои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ:

- собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз руи ихтисос;

- собиқаи хизмати давлатӣ;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд.

Ҳамчунин, дар қисми 5 моддаи мазкур омадааст, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд нисбат ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи дигари тахассусӣ муқаррар намоянд.

Дар сархати чоруми моддаи 9 Қонун ҳамчун монеа барои таъин (интихоб) шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда - бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол намудаанд-, дониста шудааст.

Сухан дар бораи итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳандагии бевосита меравад. Яъне, ки дар ду мансабе, ки яке ба дигаре бевосита итоат мекунад.Дар байни ин ду мансаб зина ё вохиди

сохтории иловагӣ ё мобайнӣ дида намешавад. Ва дар ин ду мансаб ду шахси ба ҳамдигар хешу табори наздик ҳак надоранд кор кунанд. Шахси мансабдори вазифааш баландтар ҳақ надорад, ки аз ҷумлаи хешу таборони наздикаш ба мансаби поёнтари бевосита дар таҳти назорати ӯ қарор дошта ё ба у итоаткунанда ё ҳисоботдиҳандаро ба кор таъин кунад (қабул кунад).

Агар чунин рӯх дода бошад, шахси мансабдори болоӣ вазифадор аст, ки худаш ихтиёран дар доираи салоҳияти худаш қарор ё фармоиш барои аз вазифа озод намудани хешу табори наздикаш , ки дар итоати ӯ мебошад ё ба ӯ тобеъ ва ё ҳисоботдиҳанда мебошад қабул намояд. Дар чунин ҳолат ҳам мақомоти болоии давлатие, ки ин ду шахси мансабдор дар он кор ва хизмат мекарданд, ҳуқуқ дорад нисбати шахси мансабдори баландтар, ки даст ба қонуншиканӣ задааст чораҳои интизомӣ аз ҷумла то аз вазифа озод намудани ӯро татбиқ кунанд.

Дар ҳолате, ки шахс ба вазифа бо фармони мақомоти болоӣ таъин шудааст, вале ӯ тобеъ ба мансабе аст,ки хешу табори наздики ӯ ишғол намудаанд, шахси мансабдор, ки мансаби баландтарро ишғол мекунад, бояд ба мақомоти болоӣ барои бартараф намудани ин монеа дар хизмати давлатӣ пешниҳод намояд. Аз ҷониби мақомоти болоӣ ин монеа бояд бартараф карда шавад. Ва аз ду нафар яке бояд мансаб ё ҷои хизматашро иваз кунад, то ки ба хешу табори наздикаш тобеъ ва итоатгари бевосита набошад.

Албатта киҳо ба руйхати хеовандони наздик шомиланд, дар тафсири моддаи 1 ҳамин қонун аллакай гуфта гузаштем. Вале онро бе тафсир ёдовар мешавем.

- хешовандони наздик - зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан(шавҳар), қудоҳо, ҳамчунин дигар шахсоне, ки бо шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахси ба он баробар кардашуда якҷоя зиндагӣ карда хоҷагии умумӣ мебаранд, мебошанд чунин омадааст дар сархати охири моддаи 1 Қонуни мазкур.

Баъдан бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 26 декабри соли 2011 № 272 ба Қонуни номбурда як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла ба сархати ҳаштуми моддаи 1 Қонун калимаҳои "келинҳо ва домодҳо" илова карда шуд, ки бо ин онҳо низ ба руйхати хешовандони наздик шомил карда шуданд.

Дар сархати 5 моддаи 9 Қонуни мазкур омадааст, ки дар сурати шаҳрванди давлати хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд будан, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар роҳ додани чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд, шахс наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё ба он баробаркардашуда таъин интихоб шавад ё дар чунин вазифаҳо бошад.

Вале дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" омадааст, ки фақат шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар мавриди мувофиқат кардани онҳо ба талаботҳои қонуни мазкур ба хизмати давлатӣ қабул шаванд. Аз ин бармеояд, ки то ҳол ҳуҷҷати байналмилалие, ки барои шахсони бетабаа ва шаҳрвандони хориҷӣ иҷозати шомил шудан ва фаъолияти намудан дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро медода бошад, мавриди амал қарор надорад.

Ин нуқта дар сархати 1 қисми 1 моддаи 16 Қонуни номбурда низ омадааст, ки дар ҳолати шаҳрвандии ду ва зиёда давлатро доштан, шаҳрванд наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки шартномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд. Вале аз маънидоди он бармеояд, ки дар ҳолати мавҷуд будани шартномаи байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди иҷозати дар хизмати давлатӣ будани шаҳрванди дар шаҳрандии ду ва ё зиёда давлат буда ё шаҳрванди бетабаа, ин мамониат истисно мешавад.

Дар кисми 2 моддаи 9 Қонун омадааст, ки чи тавр дар ҳолати ҷой доштани монеаҳо, онҳо бартараф карда мешаванд. Аллакай дар ин бора қайд намудем. Вале ҳаминро илова мекунем, ки дар ҳолате, ки худи шахси мансабдоре, ки ба ин қонуншианӣ роҳ додаст ё аз ҷониби мақоми

болоии он бартараф нашудани он, бо эътирози Прокурор ба мақомоти болоӣ ё ба суд, он бартараф карда мешавад.

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар сархати 2 моддаи 19 Қонуни мазкур ба мақомоти Агентӣ чунин ҳуқуқ дода шудааст, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содир намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидаткунанда дастури хаттӣ диҳад ва пешниҳод ирсол намояд, ки баррасии онҳо ҳатмӣ буда, аз натиҷааш ба Агентӣ хабар дода мешавад.

Дар сархати 3 ҳамин модда омадааст, ки Агентӣ бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати санадҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба талаботи қонунгузорӣ ба суд барои бекор кардан ё ба прокурори дахлдор оид ба овардани эътироз аз болои чунин санадҳо пешниҳод оварад.

3. Дар ин қисми модда омадааст, ки ҳангоми ба миён омадани мамониатҳои номбурда дар давоми иҷрои мансаби хизмати давлатӣ ёба он баробар кардашуда бо пешниҳоди ҳамин мақомот дар мӯҳлати на дертар аз се моҳ корманд ба мансаби дигари мувофиқ гузаронида мешавад.

Ин талабот дар мавриди мавҷудияти доғи судӣ барои ҷиноятҳои барқасдона, ғайри қобили амал эътироф кардан, умуман надоштани таҳсилот дахл надорад, зеро ки дар ин мавридҳое, ки номбар намудем шахс умуман наметавонад дар ягон мансаби давлатӣ ё хизмати давлатӣ қарор дошта бошад. Ин талабот метавонад ба шахсоне, ки ҳамчун хешованди наздик дар итоати ё таҳти назорат ё хисоботдиҳандагии ҳамдигар фаъолият мекунанд, ё собиқаи кориашон дар мансаби ишғол намуда мувофиқат намекунад, вале ба мансаби пасттар ё дигар мансаб мувофиқат мекунад дахл дошта бошад.

Моддаи 10. Маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробар кардашуда

1. **Ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробаркардашуда манъ аст:**

- ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;

- аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақоми давлатие, ки дар онҷо хизмат мекунад ё бевосита тобеъ ё бе восита таҳти назорати он мақом қарор дорад, вакилишахсонисеюмбошад;

- шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкорӣ машғул шавад. Шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ӯҳдадор аст, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарор дошта имоликият ихудро дар давраи дар хизмати давлатӣ буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад;

- воситаҳоимолиявӣ, моддиютехникӣ, нақлиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё коллективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд;

- барои хизмате, ки аз рӯи вазифаҳои хизматии худ анҷом додааст, инъомҳо гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ тӯҳфа диҳад ва хизмат расонад, ба истиснои тӯҳфа ва армуғонҳои рамзӣ дар чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳо идигар. Арзиши умумии тӯҳфаҳои гирифташуда дар давомисол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳона бояд зиёд бошад;

- аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ва сафарҳои дохили ҷумҳуриявӣ ва хориҷии муолиҷавӣ - табобатӣ, саёҳатӣ ва дигар сафарҳо равад, баистиснои сафарҳо бо даъвати хешовандони наздик ва аз ҳисоби онҳо ва сафарҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бомақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби мақомоти давлатии дахлдор ё ташкилотҳои байналмилалӣ сурат мегиранд;

- супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидорро, ки бахизмати мақомоти давлатӣ дахлдоранд, бачо оварад ё мақоми хизматии худро ба манфиати онҳо истифода барад;

- бар хилофи манфиати кор бюрократизм, идорабозӣ ва маҳалгароӣ зоҳир намояд, нисбати

ягон ташкилот, мақомот, иттиҳодияҳои шаҳрвандон ё шахси мушаххас бадхоҳ ёхайрхоҳ бошад;

- барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю баромадҳои дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баён карда, ки таҳияи онҳо ба ӯҳдадории хизматиаш дохил мешавад, ҳақи калам гирад.

2. **Иҷронакардани маҳдудиятҳои номбурда барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс мутобиқи боби** 3 **ҳамин Қонун асос мегардад.**

1. Пеш аз он ки ба мафҳуми маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробар кардашуда сарфаҳм равем, мо бояд донем, ки чӣ фарқ миёни мамониатҳо дар хизмати давлатӣ, ки дар тафсири моддаи 9 Қонун истода гузаштем ва маҳдудиятҳо вуҷуд дорад. Барои чи қонунгузор мамониатҳоро аз маҳдудиятҳо ҷудо кардааст.

Дар зери мафҳуми мамониатҳо ва маҷмӯи монеаҳо ҳамаи он ҳолат ва вазъияти шахс фаҳмида мешавад, ки дар ҳолати мавҷудияти онҳо шахс умуман наметавонад ба мансаби давлатӣ таъин (интихоб) ва қабул шавад ва агар дар давраи фаъолияташ чунин мамониатҳо ба миён омада бошад, минбаъд фаъолияти ӯ дар чунин мансабҳо қатъ мегардад.

Дар мавриди маҳдудиятҳо бошад, шахс бе ягон монеаҳо метавонад дар мансаби давлатӣ, хизмати давлатӣ қабул ё таъин шавад ва фақат дар давоми фаъолияти минбаъдааш ба як қатор талаботҳое, (маҳдудиятҳо) ки барои хизмати софдилона, бенуқсон ва бидуни омилҳои коррупсионӣ ва шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда асос мешаванд, риоя кунад ва бо дар назардошти ин талаботҳо фаъолият кунад.

Дар сархати якуми ин модда ба шахсони ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва ба он баробар кардашуда дар як вақт ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омузгорӣ машғул шудан манъ карда шудааст.

Бо кадом сабаб ин маҳдудият ворид карда шудааст ва мақсад аз чӣ иборат аст? Вакте, ки шахс дар як вақт дар вазифаи давлатӣ кор карда, ҳамзамон дар кори дигари музднок машғул мешавад, албатта қисми кам ё зиёди вақти кори худро ба он кори дигар сарф мекунад ва аз ин вазифае, ки давлат ӯро таъин намудааст зарар мебинад ва обрӯи он мақомот коста мегардад. Ӯ наметавонад, ки пурмаҳсул ва самаранок вазифаи давлатӣ ё ӯҳдадориҳои хизматиашро дар мансаби давлатиаш иҷро намояд. Баъдан вақте, ки шахс ба кори дигари музднок дар як вақт машғул мешавад, эҳтимолияти истифодаи мансаби давлатӣ ба манфиатҳои шахсии худ ё дигарон ва бархӯрди манфиатҳо ба миён омаданаш мумкин аст. Ҳамчунин маҳсулнокии мехнат ва фаъолияти ӯ дар мақоми давлатӣ кам мешавад.

Шахс дар мансаби давлатӣ буда, дар як вақт метавонад ба кори ҷамъиятӣ илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад, зеро ӯ назария ва таҷрибаро якҷоя бо ҳам омехта, ҳардуяшонро мукаммал гардонида, таҷрибаи худ ва дониши анд ӯхтаашро баҳри пешрафти фаъолияти давлатӣ ва омӯзонидани насли наврас равона месозад, ки аз ин фаъолияти ӯ давлат зарар намебинад, балкӣ ҳам ба давлат ва ҳам ба ҷомеа нафъ мерасонад.

Дар сархати 3 моддаи 10 Қонун омадааст, ки ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробаркардашуда шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкорӣ машғул шудан манъ карда шудааст. Шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ӯҳдадор аст, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ карордоштаи моликияти худро дар давраи дар хизмати давлатӣ буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад.

Мазмуни сархати мазкур ба сархати аввали моддаи мазкур ба ҳамдигар алоқаманданд ва ба хотири пешгирии бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ равона шудаанд.

Иштирок намудан дар фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд мебошад. Таъсиси корхонаҳои тиҷоратӣ ва дорои ҳуқуқи амволи будан низ ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд буда шахс метавонад корхонаи тиҷоратӣ таъсис диҳад.

Зеро гуногуншакии моликият асоси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва он асоси конститутсионӣ дорад.

Дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки "Асоси иқтисодии

Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ, ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад."

Пеш аз он ки ба тафсири сархати мазкур пардозем, мо бояд, ки мафҳумҳои соҳибкорӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва асосҳои ҳуқуқии онҳоро маънидод кунем.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 10 майи соли 2002 №46 асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ва паҳлуҳои муҳими масъалаи мазкурро ба танзим медарорад.

Мутобиқ ба талаботи сархати 1 моддаи 4 Қонуни мазкур "соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилона ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол фуруши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст, мебошад".

Дар моддаи 7 қонуни мазкур омадааст, ки ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда метавонанд:

- шахси воқеӣ - яъне шаҳрванди Тоҷикистон, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ;

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ин талаботи конститутсионӣ бисьёр қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ" аз 5 марти соли 2007 № 237 қабул гардида аст ба хотири таъмини ин меъёри конститутсионӣ, инкишофи шаклҳои гуногуни моликият нигаронида шуда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои саҳмиядоронро дар баамалбарории фаъолияти хоҷагидорӣ ба танзим медарорад.

Аз ҷумла дар сархати 1 моддаи 3 Қонуни мазкур омадааст, ки "ҷамъияти саҳомӣ - ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд, мебошад".

Саҳмия худ қоғази қимматнокест, ки ҷамъияти саҳомӣ мебарорад ва он мутаносибан баробар ба хамаи аъзоёни ҷамъият вобаста аз саҳми гузошта ё харидаи онҳо тақсим мешавад ва ҳамчун амвол , дороии ҳар як саҳмдор ҳисоб мешавад. Саҳмдорон мутаносибан ҳиссаи баробар вобаста ба самхияҳояшон дар тақсимот ва гирифтани фоизи муайяни суди (дивиденд)-и ҷамъият доранд.

Чи тавре, ки дар боло қайл намудем ба хотири пешгирӣ намудани бархӯрди манфиатҳо ва рӯх надодани чунин вазъияте, ки ба бархӯрди манфиатҳо оварда мерасонад ё имкони ба миён омадани он аз эҳтимол дур нест, қонунгузор ин меъёрҳоро аз ҷумла сархати мазкурро дар қатори маҳдудиятҳои вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда дар моддаи мазкур ҷой додааст.

Ин меъёр дар моддаҳои 16 ва 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ба танзим дароварда шудааст. Аз ҷумла, дар сархати охири моддаи 16 қонунгузор овардааст, ки ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, асос шуда метавонанд, ки шаҳрванд наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад. Ва яке аз чунин ҳолатҳо дар сархати 3 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" мебошад, ки мо дар тафсири он қарор дорем.

Дар сархати мазкур омадааст, ки шахс дар мавриди ба хизмати давлатӣ ба кор даромаданаш, ӯҳдадлор аст, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро дар давраи хизмати давлатӣ буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад. Дар қонуни мазкур дар бораи мафҳуми сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ сухан намеравад. Пас он дар кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудааст?

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ"(аз 5 марти соли 2007, № 237) дар бораи мафҳумҳое, ки дар қонуни мазкур омадааст,

сухан меравад. Аз ҷумла дар сархати охири моддаи мазкур дар бораи сармояи оинномавии ҷамъиятҳои саҳомӣ чунин омадааст:

- сармояи оинномавӣ- сармояи ҳадди ақали ҷамъияти саҳомӣ дар рӯзи таъсис, ки андозаи онро ҳамин Қонун муқаррар кардааст.

Дар қисми 2 моддаи 17 Қонуни мазкур омадааст, ки сармояи ҳадди ақалли оинномавии ҷамъияти саҳомиии кушода бояд на камтар аз панҷ ҳазор сомонӣ ва ҷамъияти саҳомии пӯшида бояд на камтар аз як ҳазор сомониро ташкил диҳад. Ҳангоми таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ саҳмияҳои он бояд ба муассисон паҳн карда шавад.

Ё ки дар сархати мазкур дар бораи "таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок додан" сухан меравад. Ин мафҳумҳо алоқаманд ба ҳуқуқи граждани ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Боби 48 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми 2) пурра ба масъалаи идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол бахшида шудааст.

Шаҳрванд, соҳибмулк ё шахси ҳуқуқӣ бошад ё шахси воқеӣ , ки дар Кодекси граждани муассиси идора номида мешавад, метавонад дар асоси шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол молу мулкашро ё худ корхонаашро, ё як қисми онро ба шахси дигар барои истифодабарии ин амвол, ки дар кодекси мазкур сардори ваколатдор номида мешавад , бо мақсади ба даст овардани фоида ба муҳлати муайян месупорад. Шахсе амволро ба идора гирифтааст метавонад ҳамаи амалиётҳоро бо амволи мазкур гузаронад, ба истиснои ҳуқуқи бегона намудани он. Дар байни соҳибмулк ва шахсе ки амволро ба идора мегирад, метавонад тибқи шартнома, дигар шарту шароитҳо ва талаботҳо ҷой дошта бошанд. Дар мавриди истифодаи мол сардори ваколатдор аз номи худаш баромад мекунад.

Объектҳои шартномаи ба идораи боваринок асосёфта - корхона, комплекси амволӣ, иншооти алоҳида, қоғазҳои қимматнок, як қисми амволи ғайримнқул ё ҳамаи он ва дигар молу мулк шуда метавонад.

Шахс ҳамчунин метавонад бо васиятнома сардори ваколатдорро муайян намояд. Ҳамчунин, бо қарори суд низ мумкин аст амвол ба идоракунии боваринок супорида шавад. Амволе, ки таҳти васоят қарор дорад, бо қарори мақомоти васоят ва парастории низ ба идоракунии боваринок супорида мешавад.

Тибки талаботи моддаи 948 кодекси мазкур шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол дар шакли хаттӣ баста мешавад.

Масъалаҳои подошпулии сардори ваколатдор, асосҳои қатъ шудани шартномаи ба идоракунии боваринок асосёфта, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти сардори ваколатдор ва дигар паҳлуҳои масъалаи мазкур дар моддаи 949- 957 Кодекси мазкур ба танзим дароварда шудаанд.

Маҳдудияти дигар дар сархати чоруми моддаи 10 -и Қонун омадааст, ки мазмуни он ба таври зайл аст:

Ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва ба он баробар кардашуда манъ аст - воситаҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё коллективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд.

Дар сархати аввали моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ" (аз 28 июни соли 2011, № 723) омадааст, ки:

- молияи давлатӣ - маҷмӯи муносибатҳои пулӣ, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд.

Дар сархати ҳафтуми моддаи мазкур таърифоти фондҳои мақсадноки давлатӣ дода шудааст:

- фондҳои мақсадноки давлатӣ - фонди маблағҳои пулие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби даромадҳо ё бо роҳи ҷудо кардани маблағ аз намуди мушаххаси даромад ташкил ёфта, барои амалигардонии ин ё он мақсад истифода бурда мешавад.

Мафҳуми захираҳои давлатӣ дар сархати аввали моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи захираҳои моддии давлатӣ" (аз 22 декабри соли 2006 № 216) омадааст:

- захираҳои моддии давлатӣ - захираҳои эҳтиётии махсуси стратегии масолеҳ ва молҳо, захираи сарватҳои моддӣ, ки барои эҳтиёҷоти сафарбарӣ ва таъмини корҳои таъхирнопазир ҳангоми бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, расонидани ёрии башардӯстона, дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти давлат ва ташки лотҳо, расонидани таъсири танзимкунанда ба бозор пешбинӣ шудааст;

Дар сархати 6-уми моддаи мазкур бошад таърифоти сарватҳои моддӣ дода шудааст:

- сарватҳои моддӣ - маҳсулоти барои таъмини вазифаҳои дар назди мақомоти татбиқкунандаи сиёсат гузошташуда зарурие, ки номгӯи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;

Дар зери мафҳуми воситаи нақлиётӣ - ҳамаи намуди наклиёт ва таҷҳизоте, ки дар рӯи замин, дар об ва дар фазо ҳаракат намуда, барои кашонидани одамон, борҳо ва иҷрои кор ё хизматрасонӣ таъинот доранд, фаҳмида мешаванд. Номгӯ ва намудҳои воситаҳои нақлиётӣ дар Номенклатураи молии Фаъолияти Иқтисодии Берунӣ (ТН ВЭД), ки аз ҷониби давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул шудааст, пурра дарҷ гардидааст.

Тибқи ҳуҷҷати мазкур воситаҳои нақлиётӣ ба се гуруҳ тақсим карда шудаанд.

- воситаҳои нақлиётии заминӣ,
- воситаҳои нақлиётии парвозкунанда,
- воситаҳои нақлиётии шинокунанда.

Дар навбати худ воситаҳои нақлиётии заминӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд:

- локомотивҳои роҳи оҳан, вагонҳои мотордори трамвай, вагонҳо ва қисмҳои онҳо, таҷҳизотҳои роҳи оҳан ва хатҳои трамвай ва қисмҳои онҳо;

- дигар воситаҳои нақлиётии заминӣ, ба ғайр аз локомотивҳои роҳи оҳан, вагонҳои мотордори трамвай, вагонҳо ва қисмҳои онҳо, таҷҳизотҳои роҳи оҳан, хатҳои трамвай ва қисмҳои онҳо воситаҳои механикӣ ва электромеханикӣ.

Ба воситаҳои нақлиётии парвозкунанда бошад аппаратҳои парвозкунанда, аппаратҳои кайҳонӣ ва қисмҳои онҳо дохил карда шудааст.

Ба воситаҳои нақлиётии шинокунанда, киштиҳо, қаиқҳо ва дигар таҷҳизотҳои шинокунанда шомил карда шудаанд.

Дар қонунҳои дар боло зикршуда дар бораи маҳдудияти хизматчии давлатӣ ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва саҳмгузорӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ гуфта нашудааст. Аз ин бармеояд, ки шахс то ба хизмати давлатӣ қабул шуданаш ҳуқуқ дорад ба кадом намуд дилҳоҳ соҳибкорӣ ё дар шакли шахси ҳуқуқӣ ё инфиродӣ, ба соҳибкории хурд, миёна ва калон машғул шавад ва ҳамчун шахси воқеӣ ё дар ҳайти шахси ҳуқуқӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ саҳмгузорӣ намуда, соҳиби фоида ё амволи муайян ё корхонаи шахсӣ ё саҳми муайян дар ҷамъиятҳои сахомӣ бошад.

БОБИ 3.ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД ВА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОНҲО

Моддаи 11. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд ва ҷавобгарӣ барои онҳо

1. **Кирдорҳои зерини шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда ҳуқуқвайронкунии барои коррупсия шароит бавуҷудоваранда ҳисобида мешаванд:**

- истифодаи мақоми худ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандони наздик ё шахсони сеюм дахл доранд;

- монеъ шудан ё ғайриқонунӣ дахолат кардан ба иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ дар қаламрави муайян, ё нисбати объектҳо ва ё шахсони мушаххас;

- иштирок ба сифати намояндаи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи корҳои мақоме, ки ин шахс дар он ҷо кор мекунад ё зердасти вай мебошанд ё фаъолияти онҳоро назорат мекунад;

- иштирок дар қиморбозиҳои пулӣ ё қиморбозиҳои дигари характери молумулкӣ дошта бо шахсони мансабдори болоӣ ё тобеъ ва ё аз ягон ҷиҳати корӣ ё хизматӣ ба онҳо тобеъ;

- машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, узвият дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё мақомоти идоракунии онҳо;

- пешбарӣ ва (ё) таъин намудан ба мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, дар сурати мавҷуд будани

мамониатҳо барои ишғол намудани чунин мансаб, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, ё дидаву дониста риоя накардани маҳдудиятҳои муқарраркардаи ҳамин Қонун дар мавриди хизмати якҷояи хешовандони наздик, дидаву дониста, ғайриқонунӣ аз мансаб озод намудан ё ба мансаби дигар гузаронидани кормандон;

- пешниҳоди бартариятҳои бо қонун пешбининагардида (протексионизм) зимни таъин ва (ё) пешбарӣ ба хизмати давлатӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигари ба онҳо монанд;

- вайрон кардани тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон, ба назар нагирифтани бартарият, имтиёзҳо ва навбати бо қонунгузорӣ ё санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ё аз ҳолатҳои мушаххас бармеомада дар мавриди ҳалли онҳо;

- пешниҳод намудани (гузашт кардани) ваколатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба чунин фаъолият машғуланд;

- ғайриқонунӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб намудани иҷрои шартҳои иловагӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигари бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбининагардида, ба вуҷуд овардани дигар монеаҳои сунъӣ ва ғайриқонунӣ зимни таъин (интихоб) намудан ва (ё) пешбарӣ намудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузорӣ, ҷойивазкунӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва дар мавриди амалӣ намудани дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои хизматчии давлатӣ (Қ ҶТ аз 26.12.2011, №772);

- ҳангоми амалӣ намудани фаъолият ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мансабӣ аз рӯи ғараз ва манфиати шахсӣ қабул намудани қарорҳо ва дигар санадҳои ғайриқонунӣ, содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла оиди ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани шахс ва дигар амалҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои дигар шахсони воқеи ва ҳуқуқиро поймол мекунанд ва ба онҳо зарар мерасонанд (Қ ҶТ аз 26.12.2011, №772);

2. **Аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда содир намудани яке аз ҳуқуқвайронкуниҳои дар қисми** 1 **моддаи мазкур нишон додашуда, агар он таркиби ҷиноятро надошта бошад, боиси ҷазои интизомӣ дар шакли сарзаниш, танбеҳ ё озод намудан аз мансаб мегардад.**

3. **Содир кардани ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии дар боло зикргардида ё такроран дар давоми сол баъди татбиқи ҷазои интизомӣ содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ боиси озод намудан аз мансаб мегардад.**

Ҳуқуқвайронкуниҳои дар моддаи мазкур зикршуда моҳиятан шаклҳои гуногуни зоҳиршавии баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва сӯистифода аз ваколатҳои мансабдорӣ мебошанд, ки бевосита аз вазифаҳои хизматӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ бармеоянд.

Аз ин лиҳоз, ин кирдорҳо дар сурати таркиби ҷиноятро ташкил надоданашон ҳамчун ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ баҳо дода шуда, Қонун барои содиркунии онҳо ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ кардааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" меъёри тафриқаи ҳуқуқвайронкунии интизомӣ ва ҷиноятро дар мавриди кирдорҳои дар боло номбурда муқаррар накардааст. Бинобар ин дар чунин ҳолатҳо бояд дараҷаи хавфи ҷамъиятии кирдор ба эътибор гирифта шавад.

Бояд қайд кард, ки муқаррароти моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" оид ба ҷавобгарии интизомӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ то ҳол ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯчонида нашуда, бо ин сабаб роҳбарони ташкилоту корхонаҳо аз татбиқи онҳо худдорӣ мекунанд.

Дар асл монеаҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи бевоситаи меъёрҳои Қонуни номбурда мавҷуд набуда, онҳо метавонанд новобаста аз ворид шудан ё нашуданашон ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман истифода шаванд.

Моддаи 12. **Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд**

1. **Кирдорҳои зерини шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва колатдор ва шахсони ба**

онҳо баробаркардашуда, агар дар онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд ҳисобида мешаванд:

- барои фаъолияти худ аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳое, ки шахси мазкур дар онҳо вазифаҳои дахлдорро иҷро намекунад, инчунин аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вашахсони воқеӣ дар шаклип ул, хизматрасонӣ ва дигар шаклҳо гирифтани ҳар навъ подоши иловагӣ, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои дигаре пешбинӣ нашуда бошанд;

- қабул кардани тӯҳфа ва дигар хизматрасониҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробаркардашуда аз шахсони аз рӯи вазифа тобеъ (ба истиснои армуғонҳои рамзӣ ва нишони эҳтиром ҳангоми чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳоид игар, ки арзиши умумиашон дар яксол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест), инчунин пешниҳод намудани ингуна тӯҳфаву хизматрасониҳо ба шахси мансабдори болоӣ;

- истифодаи бартариятҳои бо қонун пешбини нагардида дар гирифтану баргардонидани кредит ва қарзи бонкӣ ва дигар ташкилотҳо, харидани коғазҳои қиматнок, молу мулки ғайриманқул, дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳо;

- додани бартарият ва имтиёзҳои ғайриқонунӣ ё беасосб шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавриди таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгир кардани фармоишҳои давлатӣ, дигар фармоишҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият маблағгузори шаванда, тақсимоти воситаҳои молиявию моддӣ, захираҳои энергетикӣ ва табиӣ, пардохти андозҳо ва баргардонидани қарзҳо ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳои молиявию моддӣ;

- бе қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқи моликият ё ба истифодаи муваққатӣ ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони воқеӣ ройгон додани захираҳои молиявӣ ва моддии ба фондҳои давлатӣ, субъектҳои давлатии хоҷагидор ва дигар субъектҳои хоҷагидор тааллуқ доштае, ки дар моликияти онҳо ҳиссаи давлат накам аз нисфро ташкил медиҳад;

- бо мақсадҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва мақсадҳои дигари ғайри хизматӣ истифоданамудани биноҳо, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронӣ, маблағҳо ва молу мулки дигари давлатӣ, ки барои адои вазифаҳои давлатӣ вобастакарда шудаанд, агар он бо қонунҳо пешбинӣ нагардида бошад, ба манфиатҳои давлат зарар расонад;

- таъсис додан (ташкил кардан) ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ маблағгузорӣ намудани ташкилотҳои тиҷоратие, ки ба муассис (буҷети давлатӣ, ташкилотҳои мазкур) ҳиссаҷудо намекунанд;

- восита ва захираҳоимолиявию моддии давлатиро ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва ҳизбҳои сиёсӣ гузаронидан;

- беасос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва дигар санадҳои дар доираи ваколаташон қабул намудаи мақомоти ҳифзиҳуқуқ, назоратӣ ва суд;

- ба манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба дастомада, паҳнкунии он манъ кардашудааст;

- ғайриқонунӣ дахолаткардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, риоя накардани мустақилият ва ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, ғайриқонунӣ барҳамдодан ё аз нав ташкилдиҳии онҳо, дахолат ба таъин (интихоб) ба мансаб ва аз мансаб озод намудани роҳбарон ва кормандони субъектҳои хоҷагидори ғайридавлатӣ, маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ);

- ғайри қонунӣ аз ҳисоб баровардан, вайрон кардани тартиби нарх гузорӣ ва ба фурӯш баровардани молу мулк, гузаронидани музояда ва тендерҳо оид ба хусусигардонии молу мулки давлатӣ ва хариди давлатии мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонидааст, инчунин аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ худсарона ба иҷора додан ё фурӯхтани амволи давлатӣ;

- ғайриқонунӣ ё бо шартҳои ба манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо ошкороно мувофиқба истифода, киро ё иҷора додани воситаҳои асосӣ, замин ва дигар сарватҳои моддию табиӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайриқонунӣ раднамудани додан ё кашидагирифтани онҳо;

- пинҳон намудан аз баҳисобгирӣ, ба расмият надаровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ошкоршуда, ғайриқонунӣ аз

ҷавобгарии маъмурӣозод намудан ё доир ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо қабул намудани қарорҳои ошкоро ба вазнинии кирдор номувофиқ, инчунин надидани чораҳои барқароркунии зарари бо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ расонида шуда;

- тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва шартномаҳо эъломияҳо, ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибавӣоид ба хариду фурӯш, тӯҳфакардан, ивазнамудан, гарав, молтаъминкунӣ, киро, иҷора, хусусигардонӣ, аз ҳисоббаровардан, харид намудан ва дигар аҳдҳооидбаихтиёрдорӣ, истифода ва интиқоли молу мулк (иҷрои кор, хизматрасонӣ), кидаронҳонарх, миқдор, ҳаҷм, соли истеҳсол ва дигар нишондиҳандаҳои амвол (мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) таҳрифкардашуда, баинвоситаба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида шудааст;

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъӣ, аз онҳо талаб кардани ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки қонунгузорӣ пешниҳодкунии онро аз ҷониби ин шахсон пешбинӣ намекунад, ё рад кардани ба онҳо додани чунин санаду маълумот, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ардидааст, кашол додани пешниҳодкунии маълумот, додани маълумоти нопурра ё таҳрифшуда, бе асос кашида гирифтан ё ба гарав гирифтани ҳуҷҷатҳои ба онҳо тааллуқдоштаи тасдиқ кунандаи ҳуқуқ;

- ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайри моддӣ, хизматрасонӣ ва фоида ҷиҳати моилкунии онҳо ба кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) дахлдор ба манфиати шахси пешниҳодкунандаи ин неъмату хизматҳо. Шахсоне, ки неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, тӯҳфа ва хизматрасониро ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробаркардашуда дар натиҷаи тамаъҷӯии онҳо пешниҳод намуда, дар ин бора ихтиёрҷ ба мақомоти муболиза бар зидди коррупсия хабар додаанд, ба ҷавобгарӣ кашидана мешаванд;

- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумоти мавҷуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё ҷиноятҳои хусусияти коррупсиони дошта;

- ба мақомоти барои баррасӣ ва қабули қарор ваколатдор пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санад ва маводи тафтишу санҷиш, ки дар онҳо оид баҳ уқуқвайронкуниҳо маълумот мавҷудаст,сарфи назар аз натиҷаҳоион;

- саркашии бадқасдонаи шахси бапешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ваколатдор ё роҳбари ташкилот аз барасмиятдарории амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, ё ба асноду ҳисоботҳои молиявӣ, муҳосибавӣ ва оморӣ даровардани маълумотҳои таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобудкардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ.

2. Содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои номбурда аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашуда, агар дар кирдорҳои онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, барои кашидан ба ҷавобгарии пешбини намудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶумҳурииТоҷикистон асос мегарданд. (ҚҶТаз 26.12.11с., №772)

3.Содиркунии ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё дар давоми сол, баъди додани ҷазои маъмурӣ такроран содир намудан ичунин уқуқвайронкунӣ, барои дар асоси даъвои прокурор бо қарори суд барҳамдодани шахси ҳуқуқӣ ё қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ асос мегардад.

4. Ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва колатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд онҳоро аз ҷавобгарии интизомӣ озод намекунад.

Дар назарияи ҳуқуқӣ коррупсия ба ду намуд ҷудо мешавад: кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ва кирдорҳои бадахлоқии коррупсионӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия ба яке аз намудҳои ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба соли 2008 дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

боби махсус 38 "Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия" пешбинӣ шудааст.

Кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯи табиати ҳуқуқӣ-иҷтимоиашон нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ дараҷаи хавфнокиашон хело камтар мебошад.

Феҳристи кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсияро, ки дар моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, мавриди таҳия ва баррасӣ кардани Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба инобатгирифтааст. Аз ин ҷо боби 38 Кодекси мазкур ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия бахшида шудааст.

Таҳлили ҳардуи қонунҳо нишон медиҳад, ки зербандҳои қисми 1 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муборизаи бар зиддикоррупсия" ба талаботи боби 38 Кодекси ҳуқувайронкунии маъмурӣ мутобиқ мекунад, яъне қонунгузор механизми татбиқнамоиро бо воситаи меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ пешбинӣ кардааст. Масалан, зербанди сеюми қисми 1 моддаи 12 Қонун, ки истифодаи бартариятҳои бо қонун пешбини нагардида дар гирифтану баргардонидани кредит ва ғ. Пешбинӣ мекунад, дар моддаи 658 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амалӣ гаштааст.

Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия тибқи боби 38 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кирдорҳои (амал ва беамалӣ) зерин иборат мебошад:

-Ғайриқонунӣ гирифтани подош (мод.656);

-Қабул кардани тӯҳфа ва дигар хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаи давлатӣ аз шахсоне, ки аз рӯйи вазифа тобеъанд (мод.657);

-Истифодаи бартарияти бо қонун пешбини нагардида ҳангоми гирифтану баргардонидани кредит ва қарз, харидани коғазҳои қиматнок, амволи ғайри манқул ва дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои дигар (мод.658);

-Додани бартарият ва имтиёзи ғайриқонунӣ ё бе асос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгиронидани фармоишҳои давлатӣ ва дигар фармоишҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд(мод.659);

-Риоя накардани тартиби вогузоштани ҳуқуқи моликият ба захираҳои молиявию моддии давлатӣ ё ба истифодаи муваққатӣ додани онҳо (мод.660);

-Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (мод.661);

-Ғайриқонунӣ гузаронидани восита ва захираҳои молиявии давлатӣ ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (мод.662);

-Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд (мод.663);

-Ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ба даст омадааст (мод.664);

-Ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (мод.665);

-Риоя накардани тартиби нархгузорӣ ва фурӯши молу мулк, тартиби гузаронидани музояда ва тендер(мод.666);

-Ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои асосии давлат (мод.667);

-Риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (мод.668);

-Тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳои таҳрифшудаи ихтиёрдорӣ, истифода ё интиқоли молу мулк (мод.669);

-Ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо (мод.670);

-Ба шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои давлатиро иҷро мекунанд пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ (мод.671);

-Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкунии вобаста ба коррупсия (мод.672);

-Ба мақомот ё шахси ваколатдор пешниҳод накардан ё дер пешниҳод кардани санад ва маводи тафтишу санҷиш (мод.673);

-Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот (мод.674);

-Дастаҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ (мод.675).

Тавсифи ҳуқуқӣ-маъмурии ҳуқук-варонкуниҳои вобаста ба коррупсия.

Ба сифати объекти бевоситаи ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба коррупсия муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки фаъолияти мӯътадили мақомотҳои давлатиро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки чунин ҳуқуқвайронкуниҳо объекти иловагиро низ дар бар мегиранд. Масалан, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, обрӯ ва эътибори ҳокимияти давлатӣ, иқлими инвеститсионӣ, иқтисодиёт ва ғ.

Тарафи объективии ҳуқукваронкуниҳои вобаста ба коррупсияро ҳам амал ва ҳам беамалӣ ташкил мекунанд. Масалан, моддаи 664 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки "Ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ба даст омадааст"-ро пешбинӣ мекунад, танҳо бо амал содир мешавад. "Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд" бошад, ки дар моддаи 663 Кодекси мазкур пешбинӣ шудааст, ки танҳо аз беамалӣ содир мегардад. Дар баробари ин ҳолатҳо, мисолеро овардан мумкин аст, ки ҳам амал ва ҳам беамалиро дар бар мегирад. (моддаи 666 Риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

Тарафи субъективии ҳуқуқвайронкуниҳои таҳлилшуда дар қасд ифода мегарданд, яъне шахси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содиркарда хусусияти зиддиҳуқуқӣ доштани кирдори (амал ё беамалии) худро медонад, оқибати зарарноки онро пешбинӣ мекунад, чунин оқибатро хоҳон аст ё дидаю дониста ба содиршавии он роҳ медиҳад (мод.18 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

Бояд қайд намуд, ки дар амалия на ҳама вақт содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дар боби 38 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳи коррупсия мебошанд, чунки ҳолатҳои ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки дар он кирдорҳо аломатҳои худи коррупсия ба чашм намерасад. Масалан, аз ҷониби шахси мансабдор бо мақсади кӯмак расонидан ба ятимону бепарасторон истифода намудани биное, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ вобаста карда шудааст (м.661 Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ).

Субъектони ҳуқукваронкуниҳои вобаста ба коррупсияро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- шахсони воқеӣ (мод.24 ва қис.2 мод.27. Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад);

- шахсони мансабдор (қис.2. мод.29. Таҳти мафҳуми шахсони мансабдор мувофиқи Кодекси мазкур шахсоне фаҳмида мешаванд, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё дар асоси ваколатҳои махсус вазифаҳои намояндаи ҳокимияти давлатиро анҷом медиҳанд, инчунин шахсоне фаҳмида мешаванд, ки дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагиро иҷро менамоянд);

- шахсони ба шахси мансабдор баробар кардашуда (қис.3 мод.29 роҳбарон ва кормандони ташкилотҳо, ки дар робита ба иҷрои ӯҳдадориҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагӣ ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намудаанд, инчунин шахсони воқеие, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатномаи қайдгирӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ анҷом медиҳанд, ҳамчун шахсони мансабдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, ба шарте, ки дар қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад).

Субъектони ҳуқукваронкуниҳои маъмурии коррупсиониро вобаста аз худи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян кардан зарур аст.

Шахсони мансабдор ба сифати субъекти ҳуқуқвайронкунӣ дар моддаҳои зерин баромад карда метавонанд:

- мод. 656. Ғайриқонунӣ гирифтани подош;

- мод. 657. Қабул кардани тӯҳфа ва дигар хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаи давлатӣ аз шахсоне, ки аз рӯйи вазифа тобеъанд;

- мод. 658. Истифодаи бартарияти бо қонун пешбининагардида ҳангоми гирифтану баргардонидани кредит ва қарз, харидани коғазҳои қиматнок, амволи ғайриманқул ва дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои дигар;

- мод. 659. Додани бартарият ва имтиёзи ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгиронидани фармоишҳои давлатӣ ва дигар фармоишҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд;

- мод. 660. Риоя накардани тартиби вогузоштани ҳуқуқи моликият ба захираҳои молиявию моддии давлатӣ ё ба истифодаи муваққатӣ додани онҳо;

- мод. 661. Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ;

- мод.662. Ғайриқонунӣ гузаронидани восита ва захираҳои молиявии давлатӣ ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

- мод.663 Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд;

- мод. 664. Ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ба даст омадааст;

- мод. 665. Ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

- мод. 667. Ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои асосии давлат;

- мод.668. Риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

- мод. 669. Тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳои таҳрифшудаи ихтиёрдорӣ, истифода ё интиқоли молу мулк;

- мод. 670. Ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо;

- мод. 675. Дастаҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ.

Шахсони ба шахси мансабдор баробар кардашуда ҳамчун субъекти ҳуқуқвайронкуниҳои зерини вобаста ба коррупсия баромад карда метавонанд:

- мод.666. Риоя накардани тартиби нархгузорӣ ва фурӯши молу мулк, тартиби гузаронидани музояда ва тендер

- мод. 669. Тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳои таҳрифшудаи ихтиёрдорӣ, истифода ё интиқоли молу мулк;

- мод. 674. Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот.

Шахсони воқеӣ ба сифати субъекти ҳуқуқвайронкунӣ дар моддаҳои зерин баромад карда метавонад:

- мод. 671. Ба шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои давлатиро иҷро мекунанд пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ;

- мод. 672. Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкунии вобаста ба коррупсия;

- мод. 673. Ба мақомот ё шахси ваколатдор пешниҳод накардан ё дер пешниҳод кардани санад ва маводи тафтишу санҷиш.

Моддаи 13. Ҷавобгарӣ барои дастҷамъона қабул намудани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ

1. **Ҷавобгарии бо Қонуни мазкур муқарраршуда барои қабули қарори хусусияти коррупсионидошта, ки аз тарафи мақоми дастҷамъӣ қабул шудааст, дар сурате, ки он бевосита ба манфиати роҳбари ин мақом ё хешовандони наздики ӯ ё ба манфиати шахсони сеюм равона шуда, роҳбари мақоми мазкур ба қабули ин қарор фаъолона мусоидат намуда бошад, ё ба қабули он фаъолона мамониат накарда бошад, пурра ба ӯҳдаи роҳбари ин мақом гузошта мешавад.**

2. **Дар ташкилотҳое, ки роҳбарии мақоми дастҷамъӣ аз тариқи ҷамъиятӣ, роҳбарии маъмурӣ аз ҷониби мақоми иҷроия пеш бурда мешавад, ҷавобгарӣ барои қабули қарорҳои хусусияти коррупсионидошта аз ҷониби мақоми дастҷамъӣ, дар ҳолати ҷой доштани кирдори дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ба ӯҳдаи роҳбари мақоми иҷроия гузошта мешавад.**

Меъёри мазкур яке аз муҳимтарин навигариҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" буда, бо он бори аввал дар амалияи қонунгузорӣ механизми фардикунонии ҷавобгарӣ барои амалҳои ғаразноки таҳти "райъи дастҷамъӣ" пардапӯшшуда ҷорӣ карда шудааст.

Амалия нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо бо мақсади эмин мондан аз ҷавобгарӣ

роҳбарони ташкилоту корхонаҳо маҳз аз ҳамин роҳ истифода бурда, молу мулк ва дигар сарватҳои пулию молӣ ва захираҳои табиии ба онҳо боваркардашударо тасарруф ва ташкилоту корхонаҳои худро ба кассодӣ мерасонанд.

Ба сифати мақоми дастҷамъӣ метавонанд мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (маҷлисҳои вакилони халқ), ҷамоатҳо, комиссияҳои гуногун, мақомоти идоракунии созмонҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ширкату корхонаҳои коллективӣ ва ғайра баромад кунанд.

Моддаи тафсиршавандаи Қонуни мазкур ду меъёри муайянкунандаи хусусияти коррупсионӣ доштани қарори аз тариқи дастҷамъӣ қабулшударо муқаррар намудааст:

- бевосита ба манфиати роҳбари ин мақом ё хешовандони наздики ӯ ё ба манфиати шахсони сеюм равона шудани қарор;

- ба қабули ин қарор фаъолона мусоидат намудан ё ба қабули он фаъолона мамониат накардани роҳбари мақоми мазкур.

Фаъолона мусоидат намудан ба қабули қарор метавонад дар баровардани ин қарор ба муҳокимаи мақомоти дастҷамъӣ аз ҷониби роҳбар, роҳ надодан ба муҳокимаи фаъолонаи масъала дар маҷлис, ба тарафдории қарор овоз додан ва дигар ҳаракатҳое, ки аз таваҷҷуҳи носолими ӯ ба ҳали ин масъала дарак медиҳанд, зоҳир шавад.

Фаъолона мамониат накардани роҳбар ба қабули қарори дастҷамъӣ метавонад дар худдории ӯ аз иштирок дар баҳс, барои аз рӯзномаи маҷлис хориҷ кардани масъала кӯшиш накардан ва дигар амал ё беамалии ба ин монанди ӯ зоҳир гардад.

Бояд қайд кард, ки меъёри зикршудаи Қонун аллакай ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 675 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастҷамъона қабул кардани қарори хусусияти коррупсионидошта шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима баста мешаванд.

Ин муқаррарот ба КҶ ҶТ ҳамчун ҷиноят мустақил ворид карда нашуда бошад ҳам, метавонад ҳамчун механизми муайянкунии ҷавобгарӣ ҳангоми қабули қарорҳои дастҷамъонаи хусусияти коррупсионидошта истифода шавад.

Моддаи 14. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби ба ҳисобгирии онҳо

1. Ҷиноятҳоихусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешаванд, ки аз тарафи шахсони ба ичрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробаркардашуда бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳоднамудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар ба онҳо вобастаанд.

2. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо Кодекси ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон муқарраркарда мешавад.

3. Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби ба ҳисобгирии омории онҳо бо дастурамале, ки аз тарафи мақомоти ҳамоҳангсоз таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқарраркарда мешавад.

Дар назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ақидаҳои гуногун оиди ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта вуҷуд дорад. Эътироф намудани ин ё он кирдор ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта аз худи мафҳуми коррупсия бар меояд. Бояд зикр намуд, ки мутахассисони соҳаи муқовимат бар зидди коррупсия оид ба ин масъала ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд - яке мафҳуми коррупсияро васеъ ва дигарон бошад маҳдуд маънидод мекунанд. Ақидаҳои устувори олами илмӣ дар ин самт ба профессор Н.А. Лопашенко таалуқ дорад. Бо ақидаи ӯ, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ҳатман аломатҳои дар поён зикршударо бояд дар бар гиранд:

1) аҳд байни шахси мансабдор ё хизматчии давлатӣ, аз як ҷониб, ва шахси манфиатдор, аз дигар ҷониб;

2) аҳди мазкур дуҷониба буда ба тарафҳо фоидаовар мебошад, аммо фоида на ҳама вақт моддӣ аст;

3) аҳд бояд дидаю дониста ғайриқонунӣ бошад;

4) ин аҳд дар аксари ҳолатҳо қаблан рафтори шахси мансабдор ё хизматчии давлатиро мавриди иҷрои вазифаҳои хизматӣ муайян мекунад.

Оиди ин масъала дар илм дигар ақидаҳо низ ҷой доранд. Ҳамин тавр, Гончаренко Г.С. коррупсияро васеъ маънидод намуда, ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аломатҳои зеринро дохил мекунад:

1) истифодаи мақоми хизматӣ ба мақсадҳои шахсӣ;

2) кирдори боғараз;

3) иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷиноят;

4) ҷой доштани ришва дар ҳаракатҳои тарафайн;

5) гирифтан ё додани предмети ришва.

Таҳлили таркиби қ.1 м.14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бо коррупсия" ба мо имкон медиҳад, ки аломатҳои зерини ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро қайд намоем:

1) кирдор аз тарафи шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробаркардашуда содиршудааст;

2) ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ҷойдорад;

3) бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршудааст;

4) ё ин ки ғайри қонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар ба онҳо вобастаро дар бар мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории миллӣ таҷриба ҷудо намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро дар "Дастурамали баҳисобгирии оморӣ ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо", ки 7 сентябри соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пешбини мекунад. Ҳамин тавр, дар банди 1 қисми 3 Дастурамали мазкур (Меъёрҳои мансубияти ҷиноятхо ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта) қайд шудааст:

Зимни таҳияи ҳисоботи оморӣ шакли №1-коррупсия бояд дар назар дошт, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасл ё боби махсуси ба ҷиноятҳои коррупсионӣ бахшидашуда надорад. Ин ҷиноятҳо дар таркиби фаслу бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Муайян намудани доираи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо дарназардошти мавҷудияти нишонаҳои коррупсия дар кирдори мушаххас анҷом дода мешавад.

Мутобиқи мафҳуми дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" додашуда "Коррупсия - ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд."

Аз мафҳуми мазкур аломатҳои зерини таркиби ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бармеоянд:

Субъекти ҷиноят - шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне мебошанд, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда ғайриқонунӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро ваъда, таклиф ё пешниҳод менамоянд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор инҳо мебошанд;

- шахсоне, ки мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби давлатии хизмати давлатиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", аз ҷумла дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунанд;

- шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидории давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки ҳиссаи давлат дар моликияти онҳо на кам аз нисфро ташкил медиҳад.

Ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд -

шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори ташкилотҳо новобаста аз тобеият ва шакли моликият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ; шахсоне, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба сифати номзад ба вазифаҳои давлатии интихобӣ ва аъзои мақомоти давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд.

Тарафи субъективии ҷиноят - кирдорҳои коррупсионии қасдона буда, аз рӯи ғараз ё дигар манфиатдории шахсӣ содир карда мешаванд.

Объекти ҷиноят - фаъолияти муътадил ва бо қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимшудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои давлати, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, давлат ва ҷамъият мебошад.

Тарафи объективии ҷиноят - истифода бурдани вазъи хизматӣ ё имкониятҳои он бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғаймоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ.

Дар асоси банди 2 қисми 3 Дастурамал дар сурати мавҷуд будани ҳама нишонаҳои дар боло қайдгардида, бо риояи қоидаҳои дар бандҳои 12 ва 13 ин Дастурамал пешбинишуда, ҷиноятҳои зерини дар қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардидаро метавон ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мансуб донист ва ба Ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия дохил намуд:

аз боби 26 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият":

- азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ (банди "г" қисми 2 моддаи 245, қисмҳои 3 ва 4 ҳамин модда - агар кирдорҳои дар ин бандҳо зикршуда бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошанд);

- тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (моддаи 246) агар он бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад;

- қаллобӣ, бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "г" қисми 2 моддаи 247, инчунин қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур - агар кирдорҳои дар ин бандҳо зикршуда бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошанд;

- тасарруфи воситаи фондҳои кӯмаки хориҷӣ (моддаи 257);

аз боби 27 "Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ":

- монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (моддаи 258);

- бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (моддаи 261);

- ба расмият даровардани (қонунӣ гардонидани) маблағҳои пулӣ ё амволи дигари ғайриқонунӣ ба даст овардашуда (моддаи 262);

- ғайриқонунӣ гирифтани кредит (моддаи 264) - агар он аз ҷониби роҳбари ташкилоту корхона новобаста аз шакли моликият содир шуда бошад;

- ғайриқонунӣ додани кредит (моддаи 265);

- ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ (моддаи 268);

- кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "в" қисми 3 моддаи 273);

- бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории тиҷорати оммавӣ, тендер ё музоядаҳо (ауксион) (моддаи 274);

- ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (моддаи 278):

- ришвадиҳии тиҷоратӣ (моддаи 279);

-ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ (моддаи 280);

- аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ (моддаи 287);

- контрабанда (қочоқ) аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "б" қисми 3 моддаи 289), инчунин қисми 4 ҳамин модда агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад;

- саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ бо истифодаи мақоми хизматҳ (банди "б" қисми 2 моддаи 291);

- саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ (моддаи 292);

- саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз (моддаи 293) (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.11.2007 № 600);

- сӯистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (моддаи 295);

- сӯистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ (моддаи 296);

аз боби 30. "Ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ":

- сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314);

- беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315) (қарори Хукумати ҶТ аз 30.11.2007 № 600);

- баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаи 316);

- соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор (моддаи 317);

- иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 318);

- гирифтани пора (моддаи 319);

- додани пора (моддаи 320);

- иғвои порадиҳӣ (моддаи 321)

- сохтакории хизматӣ (моддаи 323);

- гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ (моддаи 324);

- додани мукофот ба хизматчӣ (моддаи 325);

- ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории яроқи оташфишон (моддаи 326) (қарори Хукумати ҶТ аз 30.11.2007 № 600);

- ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад (моддаи 327);

аз боби 32 "Ҷиноятҳо муқобили адолати судӣ":

- монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст (қисми 3 моддаи 345);

- дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ (моддаи 348);

- дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ (моддаи 349);

- сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359);

- ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (моддаи 360);

- ҳукм, ҳалнома ё санади дигари эътибори қонунӣ пайдонамудаи судро қасдан иҷро накардани намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилот, инчунин барои иҷрои онҳо монеъ шудан (моддаи 363);

аз боби 33 "Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ":

- сӯистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият (моддаи 391).

Дар хусуси тартиб додани чунин феҳрист дар яке аз дастовардҳои корманди таҷрибадор дар ин соҳа М.Н. Халифаев (Халифазода М.Н.) изҳори ақида карда шуда буд .

Бояд дар назар дошт, ки баъзе ҷиноятҳои дар боло номбурда аз ҷумла: "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ" (моддаи 316), "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор" (моддаи 317), "Сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар" (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359) ва " Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ" (моддаи 360) дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, на ҳамеша хусусияти коррупсионӣ дошта метавонанд.

Аз ин рӯ, зимни ҳалли масъалаи ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба Ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия дохилкунии онҳо бояд ҳолатҳои мушаххаси кор, ангезаи коррупсионӣ, инчунин ҳама аломатҳои дигари таркиби ҷиноятҳои коррупсиониро доштан ё надоштани онҳо ба назар гирифта шаванд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.11.2007 № 600).

Кирдорҳои дар қисми якуми моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда "Ба расмият даровардани

(қонуни гардонидан) маблағҳои пул ё амволи дигари ғайриқонун ба даст овардашуда" ҳамчун ҷинояти коррупсион фақат дар ҳолате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар он бо барасмиятдарории (қонун гардонидани) маблағҳои пул ё амволи дар натиҷаи коррупсия бадастовардашуда вобаста бошад.

Кирдорҳои дар банди "в" қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда (ба расмият даровардани (қонун гардонидани) маблағҳои пул ё дигар амволи бо роҳи ғайриқонун ба даст овардашуда аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизмат) новобаста аз манбаъ ва шакли ғайриқонун ба даст овардани маблағи пул ё амволи ба расмият даровардашуда (қонун гардонидашуда) ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Кирдорҳои дар бандҳои дигари қисми дуюм, инчунин ҳама кирдорҳои дар қисми сеюми моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дар ҳолате ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки агар бо барасмиятдарории (қонун гардонидани) маблағҳои пул ё амволи дар натиҷаи коррупсия бадастовардашуда вобаста бошанд ё аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизмат содир шуда бошанд.

БОБИ 4. БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД

Моддаи 15. Ситонидани молу мулкиғайриқонун гирифташуда ё арзиши хизматрасонии ғайриқонун

Молу мулки ва арзиши хизматрасоние, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ба даст оварда шудаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фоидаи давлат мусодира карда мешаванд.

Моддаи тафсиршаванда асосҳои ҳуқуқии мусодираи даромадҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунии коррупсион ба даст оварда шудааст, муқаррар менамояд. Новобаста аз он ки тартиби мусодираи молу мулк дар дигар санадҳои қонунгузор, аз ҷумла КҶ ҶТ ва Кодекси иҷрои чазои чиноят муқаррар шудааст, дар моддаи тафсиршаванда бори дигар оид ба мусодира намудани даромадҳои дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ба фоидаи давлат зикр шудааст. Дар он сухан оид ба ду намуди арзишҳое меравад, ки дар натичаи ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ба даст оварда шудаанд. Инҳо молу мулк ва хизматрасон ё фоидаи хусусияти молу мулкидошта мебошанд.

Мутобиқи сархати 3 қисми 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблагузории терроризм" аз 26 марти соли 2011 молу мулк (воситаҳо)-ро ҳар гуна дороии модд ё ғайримодд, манқул ё ғайриманқул, новобаста аз тарзи ба даст овардани онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқ ё санадҳои гуногуншакл, аз чумла дар шакли электрон ё адад, ки ҳуқуқ ба чунин дороиҳо ва иштирок дар онҳоро тасдиқ менамоянд, аз ҷумла қарзҳои бонк, чекҳои роҳ, чекҳои бонк, интиқолҳои почтав, саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок, вомбаргҳо, векселҳо, аккредитивҳо ва ғайраҳо ташкил мекунад. Мутобиқи банди 13 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тафрибаи суд оид ба парвандаҳои ҷиноят марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷорат" аз 19 декабри соли 2008 хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта дар ҷиноятхои хусусияти коррупсионидошта чунин хизматрасониҳоеро фаҳмидан мумкин аст, ки беподошт расонида мешаванду аммо бояд пардохт карда шаванд. Масалан, пешниҳод намудани роҳхати сайёҳ, таъмири манзили истиқоматӣ, сохтмони бустонсаро ва ғайраҳо. Фоидаи хусусияти молу мулкидошта бошад паст кардани арзиши молу мулки додамешуда, объектҳои хусусишаванда, кам кардани пардохти иҷора, маблағи фоизи истифодаи кредити бонк фаҳмида мешавад.

Молу мулк ва дигар ашёҳои қиматноке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ёфта гирифта мешаванд, далелҳои шайъ эътирофшуда, дар асоси муқарароти қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастовардашуда ба фоидаи давлат гузаронида мешаванд.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳолати мусодираи даромадҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ба даст оварда шудааст, пешбинӣ карда шудааст:

1.Бевосита дар вақти ошкор намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ки предмети онҳоро маблағҳои пулӣ (бо асъори миллӣ ё асъори хориҷӣ) ё молу мулки дигар ташкил менамояд. Дар ин ҳолат маблағҳои пулӣ ё молу мулк чун далели шайъӣ эътироф мешавад. Мутобиқи моддаи 78 КМҶ ҶТ даделҳои шайъӣ ашёе баҳисоб меравад, ки чун олоти ҷиноят истифода шудааст ё ба худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштаст ё объекти содир шудани кирдорҳои ҷиноятӣ будаанд ё пул ва дигар арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд ё ашёи дигаре, ки барои ошкор намудани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо намудани гунаҳгорон ё рад кардани айб ё сабук кардани ҷавобгари восита шудаанд. Мутобиқи сархати 4 қисми 3 моддаи 78 КМҶ ҶТ пул ва дигар ашёи қиматноке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, бо ҳукми суд ба фоидаи давлат гузаронида шуда, ашёи дигар ба моликони қонунии онҳо баргардонида мешавад, дар мавриде, ки соҳибони онҳо муайян нашуда бошад, ба моликияти давлат гузаронида мешавад.

2.Дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои хусусиятҳои коррупсионидошта ба даст овардани маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигар ва бо онҳо содир намудани аҳдҳои гуногун бо мақсади пинҳон намудани сарчашмаи асосии пайдоиши онҳо, яъне қонуни гардонидани (ба расмият даровардани) даромадҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои хусусиятҳои коррупсионӣ ба дастовардашудаанд.

Мусодираи даромадҳое, ки дар натичаи содир намудани ҷиноятҳои хусусиятҳои коррупсионӣ ба даст оварда шудаанд, яке аз талаботҳои санадҳои байналмиллалии эътирофнамудани Тоҷикистон дар самти мубориза алайҳи коррупсия ба ҳисоб меравад. Мутобиқи Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили трансмилӣ аз 15 ноябри соли 2000 ва Конвенсияи СММ оид ба мубориза алайҳи коррупсия аз 31 октяюри соли 2003 ҳар як давлати иҷтирокчӣ уҳдадор мешавад, ки ҳамагуна аҳдҳоро бо даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашударо ғайриқонунӣ эътироф намуда, онҳоро дар сурати ба қувваи қонун даромадани ҳукми суд мусодира намояд. Масалан, моддаи 12-и Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили трансмилӣ ва моддаи 31 Конвенсияи СММ оид ба мубориза алайҳи коррупсия хар як давлати иштирокчӣ дар доираи низоми ҳуқуқии худ чораҳои имконпазирро меандешад, ки онҳо тавонад барои таъмини мусодираи чизҳои зерин лозим шаванд:

а) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда ё молу мулке, ки арзишашон ба чунин даромадҳо мутобиқ аст;

б) молу мулк ё воситаҳои дигаре, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят истифода шудаанд ё барои содир кардани ҷиноят пешбинӣ гардидаанд.

Барои таъмини ин талаботҳои меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Барои мисол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" овардан мумкин аст, ки он механизми ҳуқуқии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашударо ба танзим медарорад.

Яке аз масъалахое, ки дар амалия зиёд вомехурад ва бисёр баҳснок аст, ин пас аз ошкор шудани ҷинояти додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ бо ташабуси шахси порадиҳанда баргардонидан ё барнагардонидани маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулке мебошад, ки шахс ба сифати пора пешниход намуда буд. Вобаста ба ин масъала, дар банди 29 Карори Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи тафрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ" аз 19 декабри соли 2008 зикр шудааст, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани порадиҳанда ё шахсе, ки ришвадиҳии тиҷоратиро анҷом додааст, бо асосҳои ихтиёран дар бораи содир намудани ҷиноят хабар расонидан, маънои дар ҳаракатҳои

шахсони мазкур мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро надорад. Аз ин ру, онҳо ҷабрдида эътироф карда намешаванд ва барои баргардонидани ашёҳои қиматдори ба сифати пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ додашуда ҳуқуқи талабгор шудан надорад ва ин ашёҳо ба онҳо баргардонида намешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар нисбати шахс оид ба додани пора ё ғайриқонунӣ додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қимматнок, дигар молу мулк дар намуди ришвадиҳии тиҷоратӣ талабот арз шуда, то додани онҳо шахс ба мақомоте, ки ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро дорад, ихтиёран расонида бошаду додани маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигарро бо мақсади бо даделҳои шайъӣ дастгир намудани шахсе, ки чунин талаботро пешниҳод намудааст, таҳти назорати мақомоти мазкур амалӣ карда бошад, маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигар, ки пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошанд, ба соҳибаш баргардонида мешаванд.

Моддаи 16. Беэътибор донистани санадҳои ба коррупсия алоқаманд

Санадҳое, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд қабул гардидаанд, аз тарафи мақомоти ба қабули он ваколатдор ё мақомоти болоӣ бо ташаббуси худ ё бо эътирози прокурор ё аз тарафи суд бо даъвои прокурор ё шахсони манфиатдори воқеӣ ва ҳуқуқӣ беэътибор дониста мешаванд.

Меъёри мазкур барои беэътибор донистани санадҳои ба коррупсия алоқаманд ва мусодира намудани амвол ва ё арзиши хизматрасонии дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд бадастовардашуда ҳамчун асоси ҳуқуқии мустақил баромад мекунад.

Дар баробари ин асоси моддии ҳуқуқӣ барои беэътибор донистани чунин санадҳо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 194 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳдҳое, ки хилофи тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ баста шудаанд, эътибор надоранд. Дар сурати нияти ғаразнок доштани харду тарафи ин аҳд, агар онро харду тараф иҷро карда бошанд, тамоми даромади аз ин аҳд бадастовардаи онҳо, ва агар аҳдро як тараф иҷро карда бошад, аз тарафи дигар тамоми даромад ва амволи гирифтааш ва тамоми амволе, ки он мебоист ба тарафи аввал диҳад, ба фоидаи давлат руёнида мешаванд.

Аҳдҳои коррупсионӣ табиатан хилофи тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ буда, ба гуруҳи аҳдҳои беэътибор дохил мешаванд.

Аз ин ру онҳо метавонанд ҳатто дар сурати зоҳиран ба қонун мухолиф набуданашон низ аз ҷониби худи мақомоти ба қабули он ваколатдор ё мақомоти болоӣ бо ташаббуси худ ё бо эътирози прокурор ё аз тарафи суд бо даъвои прокурор ё шахсони манфиатдори воқеӣ ва ҳуқуқӣ беэътибор дониста шаванд.

Мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия барои бекор кардани чунин санадҳо метавонанд ба суд аризаи даъвогӣ пешниҳод намояд ва ё ба прокурори дахлдор барои аз болои онҳо овардани эътироз пешниҳод манзур намоянд.

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 17. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, моддаи 314) аз эътибор соқит дониста шавад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" бинобар қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав, агар санад ё қисми таркибии он ба меъёрҳои ба санади нав дохилшуда мухолиф ё худ ба воситаи он бекор шуда бошад, бояд аз эътибор соқит дониста шавад. Вобаста ба ин, моддаи 17-и Қонуни тафсиршаванда асосҳои ҳуқуқии бекор намудани қонуни пештар амалкунанда, яъне Қонуни Ҷумҷурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 10 декабри соли 1999-ро бинобар сабаби қабули Қонуни нав "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005 муқаррар мекунад.

Чи тавре, ки таҷрибаи қонунгузории кишвар нишон медиҳад, аввалин санади ҳуқуқие, ки мубориза бар зидди коррупсияро

ҳаматарафа ба танзим даровардааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 11-уми декабри соли 1999 мебошад. Ин қонун дар маҷмуъ ба вазъи мубориза алайҳи коррупсия дар ҷомеа таъсири мусбат расонид. Вале таҳиягарони ин қонун зикр менамоянд, ки дар баробари бартарияҳои зиёд, амалияи татбиқи он камбудӣ ва номукамалиашро нишон дод. Масалан:

-мафҳуми дар қонун додашудаи "коррупсия" нисбати фаҳмиши байналмиллалии он маҳдудтар буда, Ҳамаи шаклҳои имконпазири зоҳирёбии кирдорҳои хусусияти коррупсионӣ дошта, аз ҷумла ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро дар бар намегирифт;

-шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмиллалиро ба сифати субъекти ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ эътироф намекард;

-ҳуқуқвайронкунии интизомӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқии граждании дар он номбаршуда таркиби мушаххас надошта, байни онҳо фарқияти дақиқ гузошта нашуда буд, ки бо ин сабаб имконияти ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон кучонидани онҳо мавҷуд набуд;

-маҳдудиятҳои бо мақсади пешгирии суистеъмоли мансаб нисбати мансабдорону хизматчиёни давлатӣ пешбинишуда бе ягон тафриқа ба мансабдорону хизматчиёни ҳама гуна ташкилотҳои ғайридавлатӣ пахн карда шуда буданд, ки ин боиси маҳдудшавии ҳуқуқ манфиатҳои соҳибкорон шуда метавонист;

-чораҳои назорати молиявӣ нисбати хизматчиёни давлатӣ, аз қабили пешниҳоди эъломия оид ба вазъи дороии онҳо мушаххас танзим наёфта буд[1].

Ҳолатҳои зикршуда ба таҳия ва қабули қонуни нави мубориза алайҳи зидди коррупсия оварда расонид, ки он ба санаи 25 июли соли 2005 рост омад. Қонуни мазкур аз дебоча, 5 боб ва дар маҷмуъ аз 18 модда таркиб ёфтааст, ки аз қонуни қаблӣ тафовути зиёд дошта, камбудиҳои онро аз байн бурдаст. Аз ҷумла:

-мафҳуми "коррупсия" ба санадҳои байналмиллалӣ мутобиқ карда шуда, ба он натанҳо ғайриқонунӣ пешниҳод намудани сарвату неъматҳои моддӣ, балки ваъда додан ва таклиф намудани ин сарвату неъматҳоро фаро гирифтааст;

- -шахсони мансабдори давлат?ои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмиллалиро ба сифати субъекти ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ дохил карда шуданд;

-бори аввал ҷавобгарӣ барои қабули қарорҳои коррупсионии қабулкардаашон ба таври колегиалӣ ба расмият даровардашуда муқарар карда шудааст;

-маҳдудиятҳо бо мақсади пешгирии бархурди манфиатҳо ва суистеъмоли мансаб ҷоришаванда барои хизматчиёни давлатӣ ва роҳбарони субъектони тиҷоративу ғайритиҷоратӣ вобаста ба дастҷамъӣ (колективӣ) ё инфиродӣ будани шакли моликияти онҳо дақиқ тафриқа карда шудаанд;

-тартиб ва шакли ба амалбарории чораҳои назорати молиявӣ аз болои вазъи дороиҳои шахсони мансабдор саҳеҳтар карда шудаанд;

-кирдорҳои коррупсионӣ дақиқ ба навъҳо-интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ тасниф карда, таркибҳои мушаххаси ин ҳуқуқвайронкуниҳо ва тартиби татбиқи онҳо муқарар гардидааст, ки ин имконияти кучонидани меъёрҳои Қонунро ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси меҳнат ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад [2].

Моддаи 18. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Сарчашмаи моддаи тафсиршаванда қисми 4-и моддаи 10 Конститутсия мебошад, ки мутобиқи он "қонунҳо ва санадҳои

[1]Халифаев М.Н. Заминаҳо, таърихи таълиф ва бартариятҳои лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" дар таҳрири нав // Қонуният, №4, 2004. С.55-56.

[2]Шарипов Т.Ш., Баҳриддинов С.Э. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия: проблема ва мулоҳиза"//Мубориза бар зидди коррупсия-тақозои замон (аснои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ) 26 январи соли 2007. Душанбе, 2007. С.37.

байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд". Манбаи расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ дар Тоҷикистон мутобиқи моддаи 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ин рузномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум", инчунин Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар баробари ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд дар нашрияҳои чопӣ ва электронии ғайрирасмӣ низ интишор гарданд. Дар ин сурат, интишори ғайрирасмии санади меъёрии ҳуқуқӣ баъди интишори расмии он амалӣ мегардад. Дар ин маврид манбаи нашри расмӣ ҳатман нишон дода мешавад.

Санаи интишори расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ рузи аз чоп баромадани матни пурраи расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ дар нашрияи расмӣ ҳисобида мешавад. Дар ҳолати дар вақтҳои гуногун дар якчанд нашрияҳои расмӣ интишор гардидани санади меъёрии ҳуқуқӣ рузи интишори расмӣ ва муҳлати эътибор пайдо кардани он аз рузи аввали интишори санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ муайян карда мешавад.

ТАҚРИЗ

ба васоити таълимии номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҷабов М.Н. "Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе: Истеъдод-2012, 168с.

Дар марҳилаи рушди ҷомеаи инсонӣ илм, ҷойгоҳ ва мақоми сазовор дорад. Бояд тазаккур дод, ки пешрафти ҳамагуна давлату кишвар бо тараққиёти илм ва тадбиқи натиҷаҳои он вобаста мебошад. Миллати тоҷик низ дар илми ҷаҳонӣ дар гузашта, саҳми арзандае дошт ва то ба имрӯз олимони тоҷик баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар самтҳои муҳимтарин тадқиқотҳои илмии хешро идома дода истодаанд. Хусусан дар замони соҳибистиқлолӣ таҳия ва омода намудани адабиётҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ назаррасанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлол эътироф шуданаш дар тамоми соҳаи хоҷагии халқ ба пешравиҳои куллӣ ноил гардид. Бояд қайд кард, ки ҳуқуки гумрукӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол менамояд, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ ва аъзо шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо бе такмил додани қонунгузории соҳаи мазкур, додани илм ва омода намудани воситаҳои таълимӣ ғайри имкон мебошад. Васоити таълимии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н.Раҷабов, ки ба таҳлили илмӣ паҳлуҳои назариявию амалии ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, зарур ва саривақтӣ мебошад. Васоити таълимии мазкур яке аз нахустин кӯшишҳои илмӣ дар бахши илми ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба забони давлатӣ омода шудааст. Аз ҷониби дигар, васоити таълимии мазкур дар даврони соҳибистиқлолии давлат аввалин ба шумор рафта бо дарназардошти пайдоиши муносибатҳои нав дар ин соҳа омода гардидааст. Дар он бо истифода аз дастовардҳои илмии солҳои охир ва қонунгузории соҳаи фаъолияти гумрукӣ аз оғози солҳои истиқлолият то ба имрӯз мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шудааст. Сохти васоити таълимӣ дар робита бо ҳадафу вазифаҳои таҳлилӣ, назаривию амалӣ интихоб шудааст. Дар он мавзуҳои алоҳида баҳри таҳлили масоил ва паҳлуҳои ҷудогонаи фаъолияти гумрукӣ, сиёсати гумрукӣ, мафҳум, предмет, низоми ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои гумрукӣ, субъектҳои ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба расмиятдарории гумрукӣ, низоми гумрукӣ, тарифҳои гумрукӣ ва назорати гумрукӣ бо истифода аз натиҷаҳои илми муосир ва нуқтаҳои назари олимон пешбинӣ мешаванд. Интихоб ва тартиби ҷойгиршавии мавзуҳои васоити таълимӣ, мутобиқ ба ҳадафҳо ва талаботи таҳлилию мантиқӣ мебошад. Чунин тарзи интихоби мавзуҳо дар сохти дохили васоити таълимӣ имкон дод, ки мавзуҳои мазкур дар алоҳидагӣ омӯхта шаванд. Чунончӣ, мавзӯи аввали васоити таълимии мазкур оиди "Фаъолияти гумрукӣ ва сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз таърихи пайдоиши он ва истилоҳи гумрук возеҳу равшан баён гардидааст. Баъдан мафҳуми фаъолияти гумрукӣ ва сиёсати гумрукӣ тибқи қонунгузориҳои қабулгардида мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар васоити таълимии мазкур ҳамчунин аз тарафи муаллиф мафҳум, методҳо принсипҳо ва низоми ҳуқуқии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ ва пурра қарор дода шудааст. Бо ҳамин мақсад, мавзуҳои минбаъда аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқии гумрукӣ, муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқии гумрукӣ ва субъектҳои ҳуқуқии гумрукӣ мавриди таҳлилҳои амиқи умуминазариявӣ қарор дода шудааст. Дар мавзуҳои минбаъдаи васоити таълимии мазкур, ки бештар хусусияти амалӣ дорад муфассал кушодани суолҳои мафҳум тартиб, намудҳои барасмиятдарории гумрукӣ, мафҳум, мазмун ва шаклҳои назорати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷиистон тибқи қонунгузории амалкунанда мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки бе шубҳа метавон гуфт дар назария ва амалия васоити таълимии зикршуда ҳамчун роҳнамо дар ин соҳаи мазкур истифода гардад.

Хулосаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии муаллифи васоит, ки бо истифода аз натиҷаҳои илми муосир ва қонунгузории амалкунанда асоснок шудаанд барои таҳлилҳои минбаъдаи илмӣ аҳамияти хосса дорад. Васоити таълимии мазкур барои донишҷуён ва шахсоне, ки ба омӯзиши ҳуқуқи гумрукӣ таваҷҷуҳи хоса доранд пешбинӣ мешавад.

Муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов И.М.

Котиби илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ Ҷамшедов Ҷ.Н.

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ, ҲИФЗИ ҲУҚУҚ, МУДОФИА ВА АМНИЯТ

Дар қонунгузории соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният дар охирҳои моҳи декабри соли 2012 як қатор қонунҳои нав ва тағйиру иловаҳо ба қонунҳо қабул карда шуданд, ба монанди:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон";

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ";

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ";

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ";

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия";

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Тағйиру иловаҳои ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ворид кардашуда асосан ба масъалаҳои ба нафақа баромадан ва собиқаи корӣ ҳангоми ба нафақа баромадан бахшида шуда, фаслҳои қоидаҳои умумӣ (фасли 1) ва интихоб ва таъини судя ба вазифа, тартиби озод намудан ва бозхонди судя (фасли 2)-ро дар бар мегирад.

Тибқи тағйироте, ки ба сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 5 Қонуни конститутсионии мазкур карда шуд, мустақилияти судя ҳамчунин баробари ба нафақа баромадан таъмин мегардад.

Мувофиқи тағйироти ба қисми 2 моддаи 16-и Қонуни конститутсионии мазкур кардашуда акнун ба ҳар як судя бист машваратчии халқӣ интихоб карда мешавад.

Ҳоло дар асоси зербанди илова кардашуда ба банди 2 моддаи 18-и Қонуни конститутсионии мазкур дар асоси аризаи хаттии судя бо сабаби ба нафақа баромадан ӯро аз вазифа бозхонд ва озод намудан мумкин аст.

Тибқи тағйиру иловаҳои ба қисми 2 моддаи 19-и Қонуни конститутсионии мазкур, акнун ҳар судя бо хоҳиши худ сарфи назар аз синну сол ҳангоми на камтар аз сию панҷ сол собиқаи кории умумии ҳуқуқшиносӣ, аз он ҷумла на камтар аз бисту панҷ сол собиқаи кории судягӣ доштан, судяи Суди конистутсионӣ бошад ва накамтар аз сию панҷ сол собиқаи кории умумии ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла на камтар аз понздаҳ сол собиқаи кории судягӣ доштан тибқи асосҳои дар бандҳои 1, 5, 6, 13 қисми якуми моддаи 18 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ гардида, ҳуқуқ дорад ба истеъфо барояд.

Дар асоси тағйирот ба қисми 4 моддаи 19-и ҳамин Қонуни конститутсионӣ бошад ба судяи дар истеъфобуда, ки на камтар аз бисту панҷ сол собиқаи кории судягӣ дорад ва собиқаи кории умумиаш аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ на камтар аз сию панҷ сол аст, баробари панҷоҳ фоизи музди меҳнати вазифаи дахлдори судягӣ таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод дода мешавад, ки он мутобиқи қонунгузории ҷорӣ

индексатсия карда мешавад. Таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод ба андозаи як фоизи музди меҳнат барои ҳар як соли пурраи минбаъдаи корӣ дар вазифаи судя зиёд карда мешавад, лекин он аз шаст фоизи музди меҳнати вай зиёд шуда наметавонад.

Бо тағйироте, ки ба қисми 5 моддаи 19-и Қонуни конститутсионии мазкур ворид карда шудааст ба судяи Суди конститутсионии дар истеъфо буда, ки аз рӯи касби ҳуқуқшиносӣ ба таври умумӣ на камтар аз сию панҷ сол собиқаи корӣ умумии ҳуқуқшуносӣ, аз ҷумла на камтар аз понздаҳ сол собиқаи корӣ судягӣ доштан, баробари шаст фоизи музди меҳнати судяи ҳамин суд таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод дода мешавад. Дар мавриде, ки судяи ба истеъфо баромадаи Суди конститутсионӣ ба талаботи қисми чоруми ҳамин модда ҷавобгӯ бошад, андозаи таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод ба ӯ ба андозаи шасту панҷ фоизи музди меҳнат дода мешавад.

Тағйироту иловаҳое, ки ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, асосан бобҳои бахшида ба ҷавобгарии маъмурӣ (боби 3), мафҳум ва намудҳои ҷазои маъмурӣ (боби 4), ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (боби 19), ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андоз (боби 33), ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ (боби 34), судя, мақомоти ваколатдор (шахси мансабдор)-е, ки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ менамоянд дар бар мегирад.

Тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани мухолифати байни қонунҳо, мукаммал ва мутобиқ намудани меъёрҳои Кодекси мазкур ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, моддаҳои 29, 607, 608, 617, 618 дар таҳрири нав баён гардида, ба моддаҳои 39, 325, 599 иловаҳо ворид карда шуда, санксияи баъзе моддаҳои дигар бошад тағйир дода шудааст.

Моддаи пештар амалкунандаи 29 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии шахси мансабдор ва шахси ба ӯ баробаркардашударо пешбинӣ намуда, шахсони воқеие, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатномаи бақайдгирӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ анҷом медоданд, бо шахсони мансабдор баробар карда шуда буданд.

Аммо, меъёрҳои қисми махсуси Кодекси мазкур ба ин муқаррарот мухолифат дошта, дар санксияҳои моддаҳои 599-602, 6031, 604, 607, 611, 612-616, 621, 625, 645, 647-648 шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродиро ҷудо намуда, ҷавобгарии маъмурӣ барои ин субъектҳо дар алоҳидагӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бо тағйироту иловаҳои ворид кардашуда ин ихтилофот бартараф карда шуда, дар моддаи 29 мафҳуми соҳибкорони инфиродӣ ва ҷавобгарии онҳо мушаххасан дар қисмҳои алоҳида пешбинӣ шудааст.

Ин тағйирот дар моддаи 39 Кодекс идома ёфта, дар он ҳадди ниҳоии ҷаримаи маъмурӣ нисбати шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродӣ бо назардошти вазъи ҳуқуқии онҳо, дар алоҳидагӣ пешбинӣ шудааст, ки онҳо ба меъёрҳои қисми махсуси Кодекс мутобиқ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки қисми зиёди тағйироти ба қисми санксияи моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, маҳз ба Кодекси мазкур ворид намудани мафҳуми "соҳибкори инфиродӣ" вобастагӣ доранд, масалан, моддаҳои 599-601, 607, 608, 611-616.

Оиди ҳаракати нақлиёт дар роҳҳо барои ба самти муқобили хати ҳаракати воситаҳои нақлиёт баромадан, дар сурате ки роҳбандон ба вуҷуд омада бошад ё дар ин ҳолат ба чорроҳа дохил шудан, мувофиқи тағйироти ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, акнун ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи қисми 4-и ба моддаи 325 нисбати вайронкунандагони меъёри мазкур ба андозаи аз панҷ то ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба муҳлати аз се то шаш моҳ таъйин карда мешавад.

Вобаста ба ин илова ба моддаи 696 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда

шуда, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунӣ аз рӯи қисми 4 моддаи 325 Кодекси мазкур аз ҷониби судҳо баррасӣ карда мешаванд.

Оид ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар қисми риоя накардани талаботи аломатҳои роҳ, нишонаҳои қисми гузаргоҳ ва дигар қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба қисм 1-и моддаи 324 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйирот ворид карда шудааст, ки акнун барои нигоҳ доштани воситаҳои нақлиёт дар хатҳои ҳаракати роҳ, ба ғайр аз хати якуми ҳаракат дар ҳамон самт, инчунин дар ҳудуди чорроҳаҳо ва роҳҳои пиёдагард низ ҷазои маъмурӣ таъйин карда мешавад.

Ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андоз низ тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд.

Тибқи тағйироти ба қисми 4 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардашуда акнун барои нигоҳдорӣ ва ё интиқол додани моле, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда бояд дорои тамғаҳои аксизӣ бошад, низ ҷазои маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" воридшуда, асосан бобҳои бахшида ба ташкил ва адои хизмати давлатӣ (боби 2) ва вазъи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ (боби 3)-ро дар бар мегирад.

Мувофиқи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", номи Қонун ва бобҳои он бо ҳарфҳои калон навишта мешаванд. Дар сархати панҷуми қисми 3 моддаи 11 пас аз калимаи "Конститутсияи" калимаи "(Сарқонуни)", дар моддаи 24 баъди калимаи "қарори" калимаи "(амри)", дар сархати шашуми қисми 1 моддаи 28 пас аз калимаи "фармон" калимаи ", фармоиш", илова карда шудааст.

Тибқи тағйироти ворид кардашуда қисми 1 моддаи 14-и Қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шудааст:

"1. Делои шахсии хизматчиёни давлатӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми дахлдори давлатӣ тартиб дода шуда, рафти адои хизмати давлатӣ дар он қайд карда мешавад.".

Дар қисми 2 моддаи 18 калимаи "онҳо" ба калимаи "онро" иваз карда шуда, дар қисми 2 моддаи 21 калимаҳои "муайян менамояд" хориҷ, пас аз калимаи "мегардад" калимаҳои ", муайян менамояд" илова карда шудааст.

Қисмҳои 1 ва 2 моддаи 22 муттаҳид карда шуда, дар таҳрири зайл ифода карда шудаанд:

"Тартиби пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатиро, ки маълумотро дар бораи хизматчиёни давлатӣ дар бар мегирад, мақоми ваколатдор дар соҳаи хизмати давлатӣ муайян менамояд.".

Тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бештар ба моддаи 7 таалуқ дорад.

Тибқи тағйиру иловаҳо ба моддаи мазкур, дар қисми 1-и он дар сархати панҷум баъд аз калимаи "терроризм," калимаи "таҳрибкорӣ," илова карда шуда, дар сархати ҳафтуми ҳамин қисм бошад калимаҳои "қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ" ба калимаҳои "тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ" иваз карда шудааст.

Дар сархати панҷуми қисми 2-и моддаи мазкур калимаҳои "ба кор барад" ба калимаҳои "истифода барад" иваз карда шудааст.

Тағйиру иловаҳое, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" бошад, масъалаҳои номи қонун, муқаддимаи он, фаслҳо, бобҳои бахшида ба муқаррароти умумӣ (боби 1), қайди ҳарбӣ (боби 2), ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардани шаҳрванд (боби 3), даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ (боби 4), хизмати ҳарбӣ (боби 6) ва эҳтиёти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 8)-ро дар бар мегирад.

Тибқи тағйироти ворид кардашуда номи қонун бо ҳарфҳои калон навишта шуда, фаслҳои қонун ва рақамҳои римии он ба бобҳо ва рақамҳои арабӣ иваз карда шудаанд. Дар тамоми матни Қонун сархатҳо бо аломати дефис "-" ишора карда шудаанд.

Муқаддимаи Қонун дар таҳрири нав бо мазмуни зерин ифода карда шудааст:

"Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии ба иҷрои уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ алоқамандбудаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим намуда, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии қайди ҳарбӣ, ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардан, даъват намудан, дохил шудан, тартиби адо ва рухсат шудан аз хизмати ҳарбӣ,

бақайдгирии эҳтиёти Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар ин соҳа муқаррар менамояд.".

Ҳамчунин ба моддаҳои 1, 3, 4, 7-9, 13, 14, 23-27, 32, 46-и Қонуни мазкур тағйирот ворид карда шуда дар қисми зиёди онҳо калимаҳои "ноҳия ё шаҳр" ба калимаҳои "шаҳр ё ноҳия", калимаи "санадҳои" ба калимаи "асноди", калимаҳои "ҷамоатҳо", "ҷамоати", "ноҳиявию шаҳр" ва ҷамоат" мувофиқан ба калимаҳои "мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот", "мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти", "шаҳр ё ноҳия" ва "мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" иваз карда шудааст.

Мутобиқи тағйироти ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардашуда, дар қисми 4 моддаи 47 ва қисми 2 моддаи 49-и он калимаҳои "бо санксияи прокурор" ба калимаҳои "бо розигии прокурор ва қарори суд", дар қисми 6 моддаи 58 бошад калимаҳои "иҷозати суд" ба калимаҳои "қарори суд" иваз карда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки 3 боб ва 17 модда иборат мебошад дар соли сипаришуда, бозгӯи фаъолияти босамари қонунгузорӣ мебошад.

Қонуни мазкур нахустин санади ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида мешавад, ки фарогири низоми гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорад ва омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бартараф менамояд.

Боби 1-ум "Муқаррароти умумӣ" ном дошта, ба мақсади Қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мафҳумҳои асосӣ бахшида шудааст.

Тибқи моддаи 1 Қонун, ки ба мақсади он бахшида шудааст, пешбинӣ намудааст, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмуъ низоми пешгирии коррупсияро дар ҳамаи ҳаёти ҷомеаи имрӯза танзим менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ аз кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашма мегирад дар моддаи 2-юми қонун ба мазмуни зайл омадааст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад. Чи тавре ки аз мазмуни моддаи мазкур маълум мегардад, қонунгузорӣ оид ба экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танҳо аз Қонуни мазкур иборат набуда, муносибатҳои дар ин самт бавуҷудомада ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун ба танзим дароварда мешавад. Яъне сарчашмаи асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро коррупсия пеш аз ҳама, ба асосҳои сохтори конститутсионӣ таъсир расонида, талаботи принсипҳои конститутсионӣ, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро вайрон мекунад. Дар танзими муносибатҳо дар ин самт баъд аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ҷойи худро ишғол менамояд.

Ба ғайр аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла кодексҳои ҷиноятӣ, граждани, гумрук, андоз, меҳнатӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", "Дар бораи хизмати давлатӣ", "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи

хусусигардонӣ", "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ", "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳа" ва ғайра дохил мешаванд.

Тибқи талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, аз ҷумла Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия, Кодекси рафтори шахсони мансабдори мақомоти тартиботи ҷамъиятиро таъминкунанда ва ғайраҳо қисми таркибии низоми қонунгузории ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Мафҳумҳои асосие, ки дар қонун истифода шудаанд дар моддаи 3-юм инъикоси худро ёфтааст. Дар моддаи алоҳида овардани мафҳумҳо имконияти фаҳмиши ягона ва аз байн бурдани духӯрагии онҳоро фароҳам меорад. Чунки дар моддаҳои алоҳидаи Қонуни зикршуда мазмуни пурраи ин мафҳумҳо кушода дода шудааст.

Дар сархати якуми моддаи 3 мафҳуми "экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" дода шудааст, ки мувофиқи он экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - фаъолият оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ваколатдор амалӣ гашта, аз натиҷаи он ҷиҳати баррасии ҳатмӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ (минбаъд - субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда) хулоса дода мешавад.

Боби 2-юм "Асосҳои ташкил ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ном дошта, ба принсипҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, намудҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, объектҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор, асосҳо барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, вазифаҳои мақомоти давлатӣ оид ба ирсоли ахборот ва мусоидат барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ваколати Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он оид ба ошкору бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Мувофиқи моддаи 4 Қонуни мазкур принсипҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инҳоянд: асоснокӣ, холисӣ (беғаразӣ), айният ва имконпазирии санҷиши натиҷаҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; салоҳиятнокии шахсоне, ки экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронанд; мустақилият ва ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда вобаста набудани экспертҳо; ҳатмӣ будани гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҳатмӣ будани баррасии хулосаи

экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шаффофият ва таъмини имконияти шинос шудан бо натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; масъулияти субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор барои сифати экспертизаи зиддикоррупсионӣ.

Дар моддаи 5-уми Қонун омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия муқаррар шудааст ва ин меъёрест, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқ, ки мухолифат мекунанд ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ба барномаҳои (стратегияҳои) давлатӣ дар самти муковимат бо коррупсия, шароит муҳайё кардан барои бархӯрди манфиатҳо, вайрон намудани одоби касбӣ ва риоя кардани принсипҳои шаффофият, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо додани ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо тибқи қоидаҳои умумӣ, ҳамчунин пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояш мушкил ва монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад.

Ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ, ихтиёрдорӣ ва имконияти татбиқи беасоси истисноҳо, ки аз қоидаҳои умумӣ бар меоянд ин васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда, муайян кардани салоҳият аз рӯи қоидаи ҳуқуқ доштан, интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо, озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ, қабули санади меъёрии ҳуқуқии берун аз доираи салоҳият, ихтилофҳои меъёрӣ, мукаммалгардонии норасоиҳои дар қонунгузории санадҳои зерқонунӣ бидуни ба таври қонунгузорӣ ваколатдор шудан, мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ, даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо (музоядаҳо), мавҷудияти талаботи барзиёд нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад, меъёрҳои имконияти суиистифода намудани ҳуқуқро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахсони мансабдори онҳо бавуҷудоваранда омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мебошанд.

Қонун дар моддаи 6 ду намуди экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст - экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионӣ. Тибқи меъёри мазкур экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ аз ҷониби субъектҳои ваколатдор, ки дар моддаи 8-уми Қонуни мазкур дарҷ гардидаанд, гузаронида мешаванд. Экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошад аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолият мекунанд, гузаронида мешавад.

Объектҳое, ки мавриди экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қарор мегиранд, дар моддаи 7-уми Қонун зикр гардидаанд, ки инҳо қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаи онҳо мебошанд.

Доираи субъектҳое, ки ваколати гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсиониро доранд дар моддаи 8-уми Қонуни мазкур муайян карда шудааст.

Дар моддаи 9-уми Қонун бошад асосҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян гардидааст. Тибқи меъёри мазкур пеш аз ҳама асос барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ин таҳия намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Дигар асосҳое, ки барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ

зарур мебошанд, ин мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар бораи ҷой доштани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст.

Дар боби 3 бошад масъалаҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз қисми 2 моддаи 24-и Кодекси мазкур рақамҳои "135, 136" хориҷ карда шудааст, ин маънои онро дорад, ки ҷиноятҳои дар моддаҳои 135, 136 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, минбаъд парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ эътироф карда нашуда, пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда қатъ карда намешавад.

Тағйиру иловаҳои ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардашуда асосан бобҳои бахшида ба муқаррароти умумӣ (боби 1), санади ҳуқуқии маъмурӣ (боби 2), расмиёт аз рӯи санади маъмурӣ (боби 3), мурофиаи маъмурӣ дар дохили мақомоти маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ аз болои санади маъмурӣ (боби 5), мурофиаи маъмурӣ дар суд (боби 6)-ро дар бар мегирад.

Тибқи тағйиру иловаҳои ба Кодекси мазкур кардашуда дар қисми 1 моддаи 1 ва қисми 2 моддаи 3 пас аз калимаи "мурофиаи" калимаи "расмиёти", дар қисми 2 моддаи 96 баъд аз калимаи "дар бораи" калимаҳои "рад кардани", дар номи боби 6 пас аз калимаи "МУРОФИАИ" калимаи "РАСМИЁТИ", дар номи §1, қисми 2 моддаи 114, қисми 2 моддаи 115, моддаҳои 116, 117, номи §2, моддаҳои 118, 119 ва номи §4 пас аз калимаҳои "мурофиаи" ва "Мурофиаи" калимаи "расмиёти" илова карда шуда, дар моддаи 22 дар сархати сеюми қисми 2 калимаи "ғайричашмдошт" ба калимаи "пешбининашавандае", дар қисми 6 ҳамин модда калимаҳои "амволи" ва "ба ин маблағу амвол" мувофиқан ба калимаҳои "молу мулки" ва "Баргардонидани ин маблағ ва молу мулк", дар қисми 7 ҳамин модда калимаи "амвол" ба калимаҳои "молу мулк", дар қисми 2 моддаи 45 калимаҳои "бад мешуда бошад" ба калимаҳои "вазнин гардад", дар қисми 3 моддаи 72 калимаҳои "ваколати гардиши иҷрои санади маъмуриро ҳам якдафъаина ва ҳам" ба калимаҳои "ваколатро оид ба гардиши иҷрои санади маъмурӣ якдафъаина ё", дар номи боби 5 калимаи "МУРОФИАИ" ба калимаи "РАСМИЁТИ", дар матни моддаи 130 калимаи "оҷил" ба калимаи "суръатнок" иваз карда шудааст.

Қисми 1 моддаи 53 Кодекси мазкур дар таҳрири зайл ифода карда шудааст:

"1. Дар ҷаласаи мақомоти маъмурии коллегиалӣ дар сурати ҳузур надоштани роҳбараш яке аз муовинони ӯ раисӣ мекунад.".

Бо тағйиру иловаҳои ба Кодекси мазкур кардашуда номи моддаҳои 129 ва 130-и Кодекси мазкур дар чунин шакли ифода ёфтааст:

"Моддаи 129. Мурофиаи соддакардашудаи расмиёти маъмурӣ дар суд";

"Моддаи 130. Мурофиаи суръатноки расмиёти маъмурӣ дар суд".

Тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия" ворид кардашуда ба моддаҳои 10 (вазифаҳои милитсия) ва 15 (истифодаи яроқи оташфишон) Қонуни мазкур дахл доранд.

Ба қисми 1 моддаи 10-и Қонуни мазкур, банди 23) бо мазмуни зайл илова карда шудааст:

"23) воҳидҳои муҳофизатии ташкилотҳоро бозрасӣ намояд, доир ба ислоҳи камбудиҳои дар мустаҳкамкунии техникии объектҳо ҷойдошта, инчунин оид ба таъмини амнияти моликияти давлатӣ ва моликияти дигар дастур диҳад. Тартиби бозрасӣ намудани воҳидҳои муҳофизатии ташкилотҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;".

Дар сархати сеюми қисми 2 моддаи 15 калимаҳои "иншооти муҳим ва ҳифзшаванда" ба калимаҳои "объектҳои муҳим ва ҳифзшавандаи таҳти муҳофизати ҳатмӣ қарордошта иваз карда шуда, қисми 9-и моддаи мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шудааст:

"Меъёрҳо, тартиби ба категорияҳо ҷудо намудан ва Феҳристи объектҳои муҳим ва ҳифзшаванда, ки таҳти муҳофизати ҳатмии мақомоти корҳои дохилӣ қарор мегиранд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.".

Иловаҳое, ки ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда

шудаанд, ба масъалаи ҳуқуқи овардани шикоят ва эътироз бахшида шудааст. Тибқи иловаҳои ба қисми 4 моддаи 357 Кодекси мазкур ворид кардашуда дар қатори даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо инчунин ба дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо ҳукм халалдор шудааст, дар қисми ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии халалдоршуда ҳуқуқ дода шудааст, ки ба ҳукм дар қисми вобаста ба даъвои гражданӣ шикоят оранд.

Бо иловаҳои ба қисми 1 моддаи 15 Кодекси мазкур ворид кардашуда инчунин ба дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо ҳукм халалдор шудааст, ҳуқуқ дода шудааст, ки дар бораи аз сари нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори суде, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба истиснои қарорҳои раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суди марҳилаи назоратӣ шикоят намоянд.

Табаров Н.А.,
и.в. сардори шуъбаи
қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ,
ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ГРАЖДАНӢ, ОИЛАВӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

28 декабри соли 2012 як қатор қонунҳое ба имзо расид, ки онҳо қаблан аз тарафи Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва ҷонибдорӣ гардида буданд. Дар ин давра дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ 2(ду) қонуни нав қабул гардида, ба 5 (панҷ) қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, аз ҷумла:

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28.12.2012 № 928

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" аз 28.12.2012 № 931

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз 28.12.2012 № 912

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол"" аз 28.12.2012 № 913

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи иҷозатдиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" аз 28.12.2012 № 911

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ" аз 28.12.2012 № 908

7.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарики давлат ва бахши хусусӣ" аз 28.12.2012 № 907

8.Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012 № 933

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)" аз 28 декабри соли 2012 №928 моддаи нав бо мазмуни зайл - 1741 "Ҳифзи шаъну шараф ҳангоми туҳмат ё таҳқир" илова карда шуд. Бояд қайд кард, ки пас аз хориҷ кардани меъёрҳо оид ба туҳмат ва таҳқир аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он шахс барои содир намудани ҷинояти мазкур ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуд, меъёри мазкур ба Кодекси гражданӣ ҷой дода шуд, ки мувофиқи он шахс ба ҷавобгарии гражданӣ кашида мешавад.

Пас аз қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" дар таҳрири нав баҳри бартараф кардани мухолифат дар қонунгузории амалкунанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" қабул шуд, ки мувофиқи он банди 20 моддаи 29 аз Қонуни мазкур хориҷ карда шуд. Баъди тағйироти даровардашуда ташкилотҳои маблағгузории хурд дар асоси танҳо иҷозатномаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" , ки мувофиқи он ба қисми 3 моддаи 1, қисми 10 моддаи 4, моддаҳои 6, 11, 34 тағйиротҳову иловаҳо дохил карда шуда, тибқи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати муайян намудани қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дода шудааст. Ҳамчунин, пардохт, барои нигоҳдории Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи мазкур ё додани маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект дар ҳаҷми ду нишондиҳандаи барои ҳисобҳо ба ҳисоби мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, пешбинӣ гардид.

Ба қисми 2 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" низ тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки он мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидорро дар бозори молӣ муайян менамояд. Дар ин тағйирот калимаҳои " панҷоҳ фоиз ва аз он зиёдро " ба калимаҳои

"аз сию панҷ фоиз зиёдро" иваз карда шуда, ҳамчунин дар қисми сеюм калимаҳои "аз панҷоҳ" ба калимаҳои "аз сию панҷ" ва калимаҳои "аз сию панҷ" ба калимаҳои "аз бисту панҷ" иваз гардид. Тағйиротҳои мазкур сӯистифодаи субъектҳои хоҷагидорие, ки дар бозори моли муайян мавқеи ҳукмфармоиро ишғол менамоянд, пешгирӣ менамоянд.

Дар соли сипаришуда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ба моддаҳои 5, 10, 14, 17 тағйироту илова ворид карда шуд, ки мувофиқи тағиротҳои воридшуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати додан ва бекор кардани иҷозатномаи фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дода шудааст.

Ҷиҳати мутобиқ намудан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба моддахои 1, 4, 10, 11, 16,20, 18,19, 23, 24- и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ" тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарики давлат ва бахши хусусӣ" қабул карда шуд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарики давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд. Он аз 5 Боб ва 50 модда иборат аст.

Вобаста ба танзими муносибатҳои ҳуқуқии фаъолияти шаҳрсозӣ Кодекси нави шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии муносибатҳо дар соҳаи шаҳрсозӣ, муқаррар намудани ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва мусъулияти мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии соҳаи шаҳрсозиро муайян менамояд қабул карда шуд. Қонуни мазкур аз 2 Фасл, 14 боб ва 89 модда иборат аст. Баъди қабули қонуни мазкур як қатор қонунҳо, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 1994 "Дар бораи сохтмон манзилҳои шахсӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 "Дар бораи масъулияти иқтисодии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо барои қонуншиканӣ дар соҳаи сохтмон ва саноати масолеҳ, конструкция ва маснуоти бинокорӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 "Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ" аз эътибор соқит гардид.

Каримова Ф.Ш.,
мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба муносибатҳои граждани, оилавӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ МОЛИЯ, АНДОЗУ ГУМРУК ВА ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

Дар давоми се моҳи аввали соли 2013 ба се лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Аз ҷумла:

1. Тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" аз 28 декабри соли 2012 №905,

2. Тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба "Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28 декабри соли 2012 №906,

3. Илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012" аз 5 январи соли 2013 №934.

Зарурияти ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои дар боло зикргардида аз паёми соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ сарчашма гирифта бо мақсади бартараф намудани мухолифатҳои дар қонунгузории амалкунанда ҷойдошта ва баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ равона карда шудааст.

Бояд иброз намуд, ки ҳамчунин бо мақсади кам кардани шумораи андозҳо, боҷҳои давлатӣ ва дар заминаи он ҳавасманд кардани андозсупорандагон тағйироту иловаҳои мазкур ба қонунҳои зикргардида ворид карда шуданд. Тағйироти мазкур ба сархати 1 моддаи 3, банди 8 қисми 3 моддаи 4, банди 1 қисми 1 моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" ворид шудаанд, ки дар он калимаи "аппелятсионӣ" хориҷ карда шуд. Ҳамзамон банди 5 қисми 5 моддаи 4 аз матни қонуни мазкур хориҷ карда шуда, бандҳои 6 ва 7 қонун бошад мутаносибан бандҳои 5 ва 6 ҳисоб карда шуд. Бояд тазакур дод, ки хориҷ кардани калимаи "аппелятсионӣ" дар қонуни мазкур зарур ва саривақтӣ буда, ба иштирокчиёни мурофияи судӣ боз доштани пардохти такрории боҷи давлатиро муқаррар мекунад.

Тағйироту иловаҳое, ки ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати кам кардани боҷҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд давоми мантиқии гуфтаҳои боло аст.

Бо назардошти аз байн бурдани камбудиҳои техникӣ ба Кодекси мазкур як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки ба қисми 1 моддаи 10, банди 3 қисми 3 моддаи 80, қисми 5 моддаи 131, қисми 3 моддаи 147, банди 2 моддаи 314, моддаи 345, банди 2 қисми 1 моддаи 488, моддаи 494 ва илова намудани моддаҳои нав яъне моддаҳои 5001 ва 5022 Кодекс рост меояд. Бояд қайд намоем,ки банди 3 қисми 3 моддаи 80 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмунан тағйир наёфтааст, вале бо мақсади шаффоф, осон, оммафаҳм ва ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ" ҷавобгӯ будан дар таҳрири нав пешниҳод карда шуд. Қисми 5 моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар таҳрири нав ифода карда шуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки акнун қисми 5 моддаи мазкур на аз 10 банд, балки аз 5 банд иборат мебошад. Яъне банде, ки пардохтҳои андозҳо ва боҷҳои гумрукиро вобаста ба шароити низоми гумрукӣ ва талаботҳои ҳатмии стандартҳое, ки сертификатро сарфи назар аз низоми гумрукӣ, ҳамчунин меъёре, ки гувоҳномаи бақайдгириро дар мақомоти андоз муқаррар мекарданд, хориҷ карда шуд. Дар қисми 3 моддаи 147, банди 2 қисми 1 моддаи 149 ва қисми 2 моддаи 314 Кодекси гумрук бо мақсади ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ҷавобгӯ будан баъзан калимаҳо илова, иваз ва хориҷ карда шуданд.

Моддаи 345 Кодекси мазкур, ки муносибатҳоро оид ба озодкунии мол оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ муқаррар мекунад, дар таҳрири нав қабул карда шуд. Дар матни пештараи моддаи мазкур танҳо дар 8 банд номгӯи молҳое, ки аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод буданд, муқаррар шуда буд. Имрӯз бошад шумораи ин гуна молҳое, ки аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озоданд дар 11 банди моддаи мазкур ифода ёфтаанд. Аз ҷумла озод намудан аз пардохти нахи пахта ва алюминийи аввалия, воридоти маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон ва ғайра.

Меъёри моддаи 488 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои қатъи хизмат

дар мақомоти гумрукро муайян мекард, тибқи тағйиру иловаҳо, ки ба он акнун ҳавола мекунад илова карда шуд. Тағйироту иловаҳое, ки ба моддаи 494 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд, барои мутобиқ гардидани Кодекси мазкур ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Бояд қайд намоем, ки дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ду моддаи нав яъне моддаи 5001 ва 5002 илова карда шуданд. Моддаи 5001 аз се қисм иборат буда муносибатҳоро оид ба маҳдудиятҳои сину соле, ки барои хизмат дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳлати адои вазифа ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зарурии кормандро дар ин самт муқаррар кардааст. Моддаи 5002 аз як қисм иборат буда, муносибатҳоро оид ба кӯмакпулии яквақта ба кормандоне, ки аз хизмат дар мақомоти гумрук ҷавоб шуданд муқаррар мекунад. Ҳамзамон дар матни моддаи мазкур вобаста ба муҳлати хизмат дар мақомоти гумрук андозаи маоши таъминоти пулӣ муқаррар гардидааст. Моддаҳои иловагардида ба Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва саривақтӣ мебошад. Зеро муносибатҳои мазкур то ин дам дар Кодекси мазкур арзи вуҷуд надошт ва дар мавриди татбиқ намудани онҳо аз ҷониби дигар санадҳои қонунгузорӣ кормандони мақомоти мазкур ба як қатор нофаҳмию мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешуданд.

Илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012" аз 5 январи соли 2013 №934 бошад чуноне, ки сарвари давлат дар Паёми худ соли 2011 қайд карда буданд, "Ҷиҳати амалӣ намудани ислоҳот дар бахши андоз ба хотири ҳарчи содда гардонидани низоми андозбандӣ ва кам кардани шумораи андозҳо, афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ бо роҳи ҳавасманд намудани андозсупорандагон ва андозбандии пурра, бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ дар лоиҳаи Кодекси андоз номгӯи андозҳо то 50 фоиз кам карда, аз ҷумла андоз аз фурӯши чакана пурра ихтисор ва воридоти тамоми номгӯи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ озод карда шавад.

Дар баробари ин, ҷиҳати такмили маъмурикунонии андоз, кам кардани вақт ва хароҷоти соҳибкорон тавассути содда ва сабук намудани расмиёти андозсупорӣ шумораи эъломияҳо аз рӯи андозҳо ва пардохтҳои алоҳида то 40 фоиз, ҳисобҳои андозӣ то 60 фоиз, инчунин миқдори ҳуҷҷатҳо ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ то 30 фоиз кам карда шавад"[1].

Вобаста ба ин бо мақсади иҷрои супориши Президенти мамлакат ва ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонидани қонунҳои амалкунанда зарурат ба миён омад, ки моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013"-ро дар таҳрири зайл ифода намояд.

"Таҷҳизоти маълумотҷамъкунӣ барои шиносномаҳои биометрии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарордод байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати Muhlbauer-Plasst 1, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зиёд кардани марказҳои маълумотҷамъкунӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ворид мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад". Яъне аз мазмун ва моҳияти моддаи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки шиносномаҳои биометрие, ки ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, бе пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ ба шаҳрвандон дода мешавад, ки ин як намуди дастгирии давлат нисбати шаҳрвандонаш мебошад.

Дамонов Б.,
мутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ
оид ба молия, андозу гумрук
ва фаъолияти бонкӣ

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2011 www.mmk.tj

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ МЕҲНАТ, ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГ

Вобаста ба талаботи ҳаёти ҷомеа ва инкишофёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз 28 декабри соли 2012 дар қонунгузории соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳанг як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, аз ҷумла ба:

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" аз 12 январи соли 2010, №595.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" аз 2 августи соли 2011, №753.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо" аз 10 майи соли 2002, №262.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ" аз 3 марти соли 2006, №178.

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" аз 3 сентябри соли 1999, №825.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ", ки 12 январи соли 2010 қабул гардида буд, ба он 28 декабри соли 2012 таҳти №909, тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар соҳаи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ, инчунин барои амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ тағйироту иловаҳо ба моддаҳои 1, 3, 7, 8, 10, 11, 12, 13, 14, 16, 17, 18, 19, 20, 22, 24, 25, 26, 27, 28, 29,30, 31, 33, 34, 39,45,50,55,57, 59 ворид гардида, моддаҳои 35, 36,37 хориҷ карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тағйироти воридгардида дар ном ва матни қисме аз моддаҳои мазкур нуқсонҳои дар Қонуни амалкунанда ҷойдоштаро аз байн мебарад. Ба монанди иваз намудани калимаҳои "саҳмияи" ба "саҳмҳои", "саҳмияи суғуртавиро супоридааст" ба "саҳмҳои суғуртавиро пардохт намудааст", "нафақа буда" ба "нафақа, ки", "ба шахсони суғурташаванда" ба калимаҳои "аз рӯи сину сол", "суғуртаи нопурра" ба "суғуртавӣ бо собиқаи суғуртавии нопурра", "яке аз падару модар" ба "падар ё модар", "фавтидаро нигоҳубин кунанд" ба "фавтидаро, ки", "ҳуқуқ доранд" ба "нигоҳубин кунанд", "ҳаққи суғурта" ба "Саҳмҳои суғуртавӣ", "18- солаи бе саробон " ба "18- солае, ки аз падар ё модар маҳрум шудаанд", "суғуртавиро аз рӯи синну сол (якумра)" ба "суғуртавӣ", ва калимаи "индексатсия" ба "бозҳисобии нафақа" иваз карда шуданд.

Ҳамчунин баҳри баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии маъюбон як қатор имтиёзҳо дар моддаҳои 31, 33 ва 39 пешниҳод гардиданд, ки баҳри фароҳам овардани имконият ва заминаҳои ҳуқуқӣ ба маъюбон ва гуруҳи алоҳидаи шаҳрвандон бахшида шудааст.

Минбаъд фоизи нафақаҳои заминавӣ муқарраршуда ба маъюбони гуруҳи I, маъюбони гуруҳи I ва II аз овони кӯдакӣ, кӯдакони маъюби то 18- сола ва ноболиғони то 18 - солаи пурра ятим (хонандагони муассисаҳои таълимии рӯзона, то хатми таълимгоҳҳои мазкур, вале на калонтар аз сини 23) - ба андозаи 100 фоиз, ба маъюбоне, ки дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ва ба хизматчиёне, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд, барои маъюбони гуруҳи 3 ба андозаи 60 фоиз инчунин нафақаи иҷтимоӣ бо сабаби маҳрум шудан аз саробон ба ҳар як узви ғайриқобили меҳнати оилаи хизматчии ҳарбии фавтида, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудааст, ба андозаи 60 фоизи карда мешаванд.

Гузашта аз ин, муайян гардидааст, ки ба нафақаи таъингардидаи гуруҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон аз ҳисоби маблағи буҷети маҳаллӣ низ вобаста ба имкониятҳои молиявии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иловапулӣ муқаррар кардан мумкин аст.

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯзи муроҷиат намудан барои таъини он, ба истиснои ҳолатҳои зерин таъин ва пардохт карда мешавад;

- ба маъюбон аз рӯзи муқаррар намудани маъюбӣ ба шарте, ки барои таъини нафақа дар давоми се моҳ муроҷиат карда бошад;

- барои маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пайдо намудани ҳуқуқ ба нафақа, аммо на зиёда аз шаш моҳ.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 33 Қонуни мазкур аз як намуд ба намуди дигари нафақаи

иҷтимоӣ гузаронидан аз рӯзи аввали моҳе, ки шаҳрванд муроҷиат намудааст, амалӣ карда мешавад.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" аз 2 августи соли 2011 санаи 28 декабри соли 2012 таҳти № 917 тағйироту иловаҳо ворид гардид. Аз он ҷумла, бо мақсади танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба сархати сеюми моддаи 2 Қонун меъёри нав бо мазмуни "Рӯзи кормандони соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ -25 январ" ворид карда шуд. Илова бар ин, дар санаи мазкур таҳти № 918 ба сархати бисту шашуми моддаи 2 Қонуни зикргардида барои мукаммал намудани он, пас аз калимаи "муҳити зист" калимаҳои "ва рӯзи обуҳавосанҷони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ворид гардидааст.

Инчунин, санаи 28 декабри соли 2012 таҳти № 919 тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо" ворид гардид.Тағйироту иловаҳо ҷиҳати аз байн бурдани камбудиҳо ва норасоиҳо дар Қонуни мазкур ворид карда шуданд. Ба монанди, номи моддаи 1 ки он дар таҳрири нав, яъне "Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурезаҳо" ва моддаи 2 "Мафҳумҳои асосӣ" ифода карда шудаанд. Дар моддаи 3 ва қисми 1 моддаи 9 калимаҳои "оиди" ба "оид ба", дар қисми 1 моддаи 5 сархати чорум калимаҳои "ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии" ба "санадҳои меъёрии ҳуқуқии", дар сархати ҳафтум калимаи "волидайн" ба калимаи "падару модар", дар сархати чордаҳум "ва шахсони воқеъию ҳуқуқӣ" ба "шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ", дар сархати 4 ва 7 моддаи 6 калимаи "меъёрию" ба "меъёрии", дар қисмҳои 6 ва 13 моддаи мазкур калимаҳои "яке аз волидайн" ва "волидайн" ба калимаҳои "падар ё модар" ва "падар ва модар" иваз гардиданд. Ҳамчунин, барои мувофиқ гардонидани истилоҳоти ягона дар қонунгузории соҳавӣ калимаи "маълумоти" ба "таҳсилоти" иваз карда шуданд, ки аз лиҳози мутобиқати истилоҳоти забон низ равону оммафаҳм мебошад.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 28 декабри соли 2012 таҳти №922 "Дар бораи туризм" ба моддаҳои 1, 2, 4, 5, 6, 7, 8, 10, 12, 13, 14, 15, 16, 18 як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Бо мақсади такмили меъёрҳои Қонуни номбурда ва мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои қонунгузорӣ дар муқаррароти умумии Қонуни мазкур матлаби танзими ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст; аз он ҷумла муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ҳамчунин қоидаҳои ягонаи фаъолияти туристиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, корию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути сайёҳат (тур) ва буду боши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ, барои фароҳам овардани шароити хуб ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои онҳо бо талаби турист танзимгари (агенти) туристӣ, ки барои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба суғуртакунии дигар хатарҳои ба сайёҳат вобастабуда мусоидат менамояд. Суғуртаи хатарҳо дар туризм, ки ба хавфи зиёд ба ҳаёту саломатии туристон алоқаманд буда, харочоти зиёдро барои наҷотдиҳӣ талаб мекунанд, аз тарафи субъекти фаъолияти туристӣ бо ризоияти туристон амалӣ мегардад.Туристони маҳаллӣ ва хориҷие, ки ба намудҳои ғайримоддии (экстремалии) туризм машғул мешаванд, бояд дорои полиси суғуртавии дараҷаи байналмилалӣ бошанд.

Қобили қайд аст, ки дар Қонуни мазкур як қатор мафҳумҳо барои саҳеҳ ва оммафаҳм шудан дар таҳрири нав ифода гардида, истилоҳҳои нав илова карда шуданд, аз ҷумла:

- туризм- шуғле мебошад, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути сайёҳат ва буду боши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ, ба роҳ мондаанд;

- квотаи туристӣ- маҳдудияти миқдори ташриф ба объектҳои туристию сайёҳӣ ё хатсайрҳо, ки бо таркиби захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буда, бо зарурати нигоҳдорӣ аз вайроншавӣ ва дигар шартҳои ифодакунандаи он алоқаманд мебошанд;

- роҳҳати туристӣ - ҳуҷҷати инфиродии тасдиққунандаи ҳуқуқ ва хизматрасонии сайёҳӣ мебошад;

- шикори байналмиллалӣ -яке аз намудҳои фаъолияти туристӣ, бо тартиб ва шартҳои

пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби субъектони фаъолияти туристии дорои иҷозатномаи дахлдор ташкил карда мешавад;

- хизматрасонии туристӣ - амалӣ гардонидани фаъолияти танзимгари туристӣ ё агенти туристӣ аз рӯи салоҳдиди худ ва ё талаботи аниқи дархосткунанда, ки барои таъмин ва барқароркунии қувваи ҷисмонии турист, нигаҳдории фаъолияти ҳаёти муътадил, барқароркунии робитаи корӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва зеҳнии ӯ равона шудааст.

Аз санаи 28 декабри соли 2012 таҳти №921 тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ" бо риояи техникаи қонунгузорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ", мутобиқати дохилии қонуни амалкунанда ва аз байн бурдани номувофиқатиҳои он бо меъёрҳои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ як қатор тағйиротҳо ворид карда шуд.

Аз ҷумла, муқаддимаи Қонун дар таҳрири нав пешниҳод карда шуда, ба он моддаҳои алоҳида бо номи "Моддаи 11. Мафҳумҳои асосӣ" бо назардошти истилоҳҳои нав, ба монанди объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ҳифзи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, экспертизаи таърихию фарҳангӣ, феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, минтақаҳои ҳифзи объектҳои ғайриманқули таърихию фарҳангӣ, барқарорсозии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ва "Моддаи 51. Ҳудуди объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ" илова карда шуданд. Инчунин баъзе моддаҳо аз ҷиҳати услуби расмии забони адабӣ ва техникаи қонунгузорӣ дар таҳрири нав ифода карда шуданд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки дар даврони соҳибистиқлол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду нумӯи фарҳанг, аз ҷумла ҳифзу истифодаи мақсадноки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҳамзамон объектҳои мазкур пайваста зери назорати мақомоти дахлдор қарор гирифта, ҷиҳати нигаҳдорӣ, омӯзишу тарғиби фарҳанги қадимаю ғании кишвар корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд.

Розиқова А. Р.,
мутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ
оид ба меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ,
фарҳанг, илм ва маориф

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ як қатор навигариҳо вобаста ба қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ба вуҷуд омад, ки тақозои шароити имрӯза ба шумор меравад. Махсусан дар ин замина қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон" аз 28 декабри соли 2012 муҳим арзёбӣ мегардад.

Зимнан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон" 12-уми январи соли 2010 қабул гардида аз 3 боб ва 17 модда иборат мебошад. Вобаста ба рушд ва вусъат ёфтани муносибатҳои байналмилалии башардӯстона ва такмилёбии қонунгузории дохилӣ зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур ба вуҷуд омад. Бо назардошти такмилдиҳӣ ва ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мувофиқ намудани Қонуни мазкур дар матни он як қатор тағйиру иловаҳои муайянкунанда ворид карда шуданд. Аз ҷумла, дар моддаи 1 Қонуни мазкур номгуйи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки асосан ба фаъолияти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дахл мекунанд тариқи содда ва мухтасар ифода гардида, ҳамчун "Конвенсияҳои Женева (с.1949) ва Протоколҳои иловагӣ (с.1977)" пешбинӣ шуданд. Ба ҳамин монанд дар сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 5 Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, калимаҳои "Ҳаракати Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар"ба калимаи "Ҳаракат" иваз карда шуданд.

Навигарии дигаре, ки дар моддаи 6 Қонуни мазкур ворид гардид, муқаррар намудани нақши мусоидаткунандаи Ҳаракат ба мақомоти давлатӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Конвенсияҳои Женевагӣ (с.1949) ва Протоколҳои иловагӣ (с.1977) мебошад.

Дар таҳрири нав ифода ёфтани моддаи 10 Қонуни мазкур вобаста ба тартиби истифода ва ҳимояи аломату номи Салиби Сурх ва Ҳилоли Ахмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номи Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинӣ гардидаанд.

Ҳамзамон, навигарии дигаре,ки дар қисми 4 моддаи 11 Қонуни мазкур ворид карда шуд, мақомоти ҳокимияти давлатиро уҳдадор менамояд, ки хамаи маълумотҳои пешбининамудаи Конвенсияҳои Женева (с.1949) ва Протоколҳои иловагиро (с.1977) оид ба шахсоне, ки тибқи ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ниёзманди ҳимоя мебошанд дар муддати 15 руз сарпарасташонро муқаррар ва пешниҳод намояд.

Дар таҳрири нав ифода гардидани ибораҳое, ки мазмуни Қонунро коста намуда буданд ва ба талаботи қонунгузории амалкунанда мутобиқат намекард, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур ба равонии мазмун ва матн мусоидат менамояд.

Сафарова Ф.С.,
мутахассиси пешбари
шуъбаиҳуқуқи байналмилалӣ

МИЗИ МУДАВВАР ОИД БА КОНСЕПСИЯИ ТАКМИЛИ ҚИСМИ ЯКУМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тибқи нақшаи чорабиниҳои Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи 12 то 14 декабри соли 2012 дар осоишгоҳи Хоҷа Оби Гарм бо иштироки олимон, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, инчунин кормандони амалия, мизи мудаввар оид ба Консепсияи такмили қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ифтитоҳи чорабинии мазкур Директори Марказ Раҳимов М.З. аз иштироки ҳозирин изҳори қаноатмандӣ намуда, аз мақсади ҳамоиш ва ҷалби мутахассисони соҳа ба масъалаҳои ҷойдошта оид ба қонунгузории гражданӣ ибрози ақида намуд. Аз ҷумла зикр намуд, ки қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 1999 қабул шуд ва ба бобҳои алоҳидаи он то имрӯз 7 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардидааст. Ҳарчанд ба Кодекси мазкур 12 майи соли 2007 тағйиру иловаҳои зиёде ворид карда шуда бошад ҳам вале то ба имрӯз баъди қабул шуданаш дар маҷмуъ комилан такмил наёфтааст. Вобаста ба такмил додани Кодекси гражданӣ дар маҷмуъ омилҳое мавҷуданд, ки моро водор менамояд баҳри рафъи мухолифатҳо ва камбудиҳои Кодекси амалкунанда бетараф набошем. Раҳимов Маҳмад Забирович илова намуд, ки пеш аз ҳама раванди босуръати инкишофи муносибатҳои маданӣ дар кишвар ва ҷаҳонишавии он, баъдан қабули қонунҳои дигар вобаста ба муносибатҳои гражданӣ, мухолифати дохилии қонунҳои амалкунанда ва Кодекси гражданӣ, инчунин аз ҷиҳати истилоҳоти забонӣ коста будани мазмуну мундариҷаи Кодекси гражданӣ, ки татбиқи онҳоро дар амал душвор мегардонанд имрӯз моро гирди мизи музокира ҷамъ овардааст.

Дар таҳияи консепсияи такмили қонунгузории гражданӣ ҳар як давлатҳои ИДМ баҳри рушди қонунгузории давлати худ низ кор карда истодаанд, аз ин рӯ Тоҷикистон низ набояд аз ин ҷараён дур бошад. Зеро қисми асосии муомилот дар бозор маҳз тавассути меъёрҳои Кодекси гражданӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар ин ҷараён Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021 ва Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №96 тасдиқ шудааст. Аз ин лиҳоз санадҳои мазкур моро водор менамояд, ки Кодекси гражданиро такмил дода, мутобиқати онро бо қонунҳои дигар таъмин намоем.

Зимни суханронӣ Директори Марказ қайд намуд, ки азбаски қисми якуми Кодекси гражданӣ масъалаҳои гуногуни умумиро дар бар мегирад, бинобарин таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷараёну газариши хеле мураккаб аст. Пеш аз таҳияи чунин санад зарурат ба миён меояд, ки консепсияи такмили қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардад ва баъдан дар заминаи он лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия карда хоҳад шуд.

Бо ҳамин мақсад дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи корӣ таъсис дода шуд, қайд намуд Раҳимов М.З, ки дар натиҷаи таҳлилу омӯзишҳо консепсияи мазкур омода гардид ва имрӯз барои баррасӣ ва муҳокима ба шумо ҳозирини гиромӣ пешниҳод карда шудааст. Бинобарин ҳар як мутахассис дар алоҳидагӣ ба боб ва моддаҳои Кодекс метавонад ақидаҳои худро иброз намояд.

Рӯзи аввал дар асоси барномаи мизи мудаввар қаблан муҳокимаи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили фасли 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои муқаррароти умумӣ, субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ, объектҳои гражданӣ, аҳдҳо муҳлати

даъво ва дигар масоили ҳуқуқуқии вобаста ба он мавриди муҳокима қарор дода шуд. Сипас дар рӯзи дуюм оид ба масъалаҳои ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи маҳдуди молу мулкӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ ва ғайраҳо масъалагузорӣ гардид. Дар ҷамъбасти мизи мудаввар рӯзи дигар иштирокчиён таклифҳоро ҷамъбаст намуда ба таври мушаххас ба ҳайати гуруҳи корӣ пешниҳод намуданд.

Ҳамчунин дар мизи мудаввар оид ба илова ва ворид намудани боби нав бо номи "Соҳибӣ", "Ҳуқуқҳои ашёӣ ва ҳифзи он", истифодаи маҳдуди амволи ғайриманқул ва дигар тағйротҳои куллиро, ки дар такмили консепсия пешбинӣ гардида буд ҳозирин ҷонибдорӣ намуданд. Дар баробари таклифҳои ифодагардида мутахассиси соҳа Раҳимов М.З., Тағойназаров Ш ва Ғаюров Ш ва дигарон пешниҳод намуданд, ки бо ворид намудани тағйиротҳо номи Кодекси граждани дар асоси фалсафаи гузаштагон ва фарҳанги муосир ба Кодекси маданӣ иваз карда шавад. Зеро имрӯз бо пуштибонӣ аз забон ва фарҳанги худ, баҳри ба талабот ҷавобгӯ будани қонунҳо бояд замина гузошт, ки маҳз Кодекси маданӣ метавонад посухе бошад ба баъзе мухолифати меъёрҳо ва масоили дохилии қонунҳо.

Аз ҷумла дар баҳсу музокираҳо мутахассисони соҳа Раҳимов М.З., Исмоилов Ш.М,, Бобоҷонов И., Тағойназаров Ш., Ғаюров Ш., Меликов У.А., Бадалов Ш., Сулаймонов Ф., Носиров Х., Александрова Лариса иштирок намуда, дар мавриди истифодаи ибораҳои "ҷуброн", "рӯёнидан", "ситонидан", "товон" масоили мазмунан тарҷума шудани калимаҳо, дар мавридҳои гуногун ҳифз гардидани манфиатҳои кредитор, нигоҳ доштани ҳадди ниҳоии сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, дастрасӣ ба феҳрасти ягонаи бақайдгирӣ дар шабакаи интернет ва ғайраҳо, ки вобаста аз ҳолат бояд истифода шавад суханронӣ намуда, таклифҳои худро пешниҳод намуданд.

Ҳаминтарз дар мизи мудаввар масъалаҳои гуногуни қонунгузории граждани матраҳ гардида, мавриди баррасии мутахассисони соҳа қарор гирифт. Қайд кардан ба маврид аст, ки чорабинии зикршуда дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) баргузор гардида, ҷиҳати рушди қонунгузории граждани ва ошкор намудани камбудиҳою мушкилоти ҷойдошта мусоидат намуда, ҳамзамон дар таҳлили илман асосноки ҷабҳаҳои гуногуни муносибатҳои зикршуда дар ин соҳа саҳми муфиде хоҳад дошт.

Дар қисмати ҷамъбастӣ иштирокчиён аз баргузории чунин як чорабинӣ изҳорӣ қаноатмандӣ намуда иброз доштанд, ки модели пешниҳодшуда дар рушди қонунгузории граждани заминаи мустаҳкаме хоҳад гузошт. Ва ба муаллифон барои ҳарчи тезтар омода намудани он муваффақиятҳои илмию-эҷодӣ таманно намуданд.

Малоҳати Зайниддин
сармутахассиси шуъбаи умумӣ,
масъалаҳои кадрҳо ва корҳои махсус

ҲИСОБОТИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2012

30 январи соли 2013 тибқи нақшаи ташкил ва баргузории нишастҳои матбуотӣ дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи фаъолиятҳо дар соли 2012 ва вазифаҳо барои соли 2013 нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Зимни нишасти матбуотӣ Директори Марказ Раҳимов М.З. аз натиҷаи фаъолиятҳо дар соли сипаришуда ба намояндагони ВАО гузориши муфассал дод. Дар соли ҳисоботӣ Маркази миллии қонунгузорӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳияю пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, тафсири илмӣ-амалии қонунҳои амалкунанда, дастрасии иттилоотию ҳуқуқӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Аз тарафи Кормандони Марказ ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунҳо, бартараф кардани мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мукаммалсозии онҳо ба зиёда аз 160 лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаҳои илмӣ- амалӣ дода шуд, ки дар маҷмӯъ зиёда аз 1000 пешниҳодҳоро дар бар мегиранд. ҳамзамон кормандони Марказ дар ҳайати зиёда аз 20 гуруҳҳои кории байнидоравӣ ва 10 гуруҳи кории дохилӣ оид ба таҳияи консепсияҳо, лоиҳаи қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ширкат намуда , дар таҳия ва такмил қонунгузории кишвар саҳм гузоштанд.

Дар давраи сипаригардида аз ҷониби кормандони Марказ тадқиқотҳо дар соҳаи омӯзиши вазъи ҳуқуқии бедарак гумшудаҳо, оид ба пешгирии бемориҳои Вируси норасоии масунияти одам, таъмини ҳуқуқии фаъолиятӣ соҳибкории инфиродӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии танзими фаъолияти интернет ба анҷом расонида шуд. Дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" , "Дар бораи муқовимат бо вируси пайдошудаи норасоии масунияти одам" таҳия ва пешниҳод карда шуд. Инчунин таҳия ва пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи иттилоотонӣ", "Дар бораи ҳифзи иттилоот", "Дар бораи воситаҳои ахбори омма", "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи вобаста ба он", "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ", "Доир ба имзои электронии рақамӣ", "Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон" ва дигар қонунҳо дар назар дошта шудааст.

Маркази миллии қонунгузорӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи "Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 19 феврали соли 2011, №1021 шаш Барномаи давлатиро оид ба татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самт ва соҳаҳои гуногун барои солҳои 2012-2015 таҳия намуд ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Тибқи барномаҳои мазкур таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо амалӣ шуда истодааст.

Дар соли 2012 тибқи нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази миллии қонунгузорӣ конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявиро бахшида ба "20 солагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони милали муттаҳид", инчунин симпозиуми ҷумҳуриявиро дар мавзӯи "Нақши таърихии иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории тоҷикон" дар ҳамкорӣ бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо иштироки намояндагони ҳукумат, ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, олимону зиёиён баргузор намуд. Аз ҷониби Марказ дар мавзуҳои гуногуни ҳуқуқӣ як қатор мизҳои муддавар, аз ҷумла оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии муҳоҷират,

такмили қонунгузории бонкӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ , қонунгузории замин , соҳибкорӣ , гражданӣ гузаронида шуд, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни такмили қонунгузорӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуд.

Кормандони Марказ дар асоси омӯзиш ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 90 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, инчунин 11 китоби илмӣ, методӣ ва тафсирҳоро барои кормандони мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти судӣ ва соҳаҳои дигари идоракунӣ эҷод карда ва ба онҳо ройгон дастрас намуданд. Аз ҷумла, тафсири қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", тафсири қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", тафсири қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Тафсири кодекси мурофиаӣ граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" , монографияҳои " Таъмини ҳуқуқии фаъолиятӣ соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Шартномаи консесияи тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон" ва ғ-ҳо.

Ғайр аз ин Марказ ҳамчун муассис нашри маҷаллаи илмӣ-таҳлилии "Қонунгузорӣ"-ро мунтазам ба роҳ монд. Баҳри амалӣ намудани ташфиқоту тарғиботи қонунгузорӣ ва бо мақсади баланд бардоштани маърифат ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон кормандони Марказ бо намояндагони аҳолӣ вохӯриҳо гузаронида, дар воситаҳои ахбори омма баромадҳо намуданд. Дар маҷмуъ соли сипаришуда зиёда аз 100 баромад дар телевизиону радио ва 15 вохӯрӣ бо аҳолӣ гузаронида шуд. Фаъолияти сомонаи Марказ тибқи нишондодҳо соли 2012 назаррас буда, ҳамарӯза тамоми маълумотҳо, хабарҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ бо ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) ба зиёда аз 300 ҳазор нафар шаҳрвандон, муассисаю ташкилотҳо дастрас гардида, дар қатори 10 сомонаҳои беҳтарини идораҳои давлатӣ сомонаи марказ низ ворид гардид.

Бо мақсади таҳким ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ соли 2012 Марказ бо Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди ҳукумати Федератсияи Русия, бо Маркази миллии қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои ҳуқуқии маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Белорус, Институти илмию тадқиқотии ҳуқуқи хусусии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Қазоқистон, Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Федератсияи Русия, Раёсати Комиссари Олии Созмони Миллали Муттаҳид оиди кор бо гурезагон, Намояндагии раёсати туркӣ ҳамкорӣ ва рушди назди Девони вазирони Ҷумҳурии Туркия (ТИКА), Ҷамъияти Олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ), лоиҳаи "Дастгирии ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судӣ дар Тоҷикистон", Филиали Ассотсиасияи Шведсарӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон "Хелветас", Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ҳамкориҳои байналмилалии худро давом дода истодааст.

Дар соли ҳисоботи се нафар кормандони Марказ рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуда, ду нафар корманди Марказ рисолаи номзадиро ба ҳимоя пешкаш кардааст. Ҳамзамон барои баланд бардоштани савияи забондонии кормандон дар Маркази миллии қонунгузорӣ аз моҳи сентябри соли 2012 омӯзиши забони немисӣ ба роҳ монда шуд.

Дар фарҷоми нишасти матбуотӣ аз ҷониби намояндагони ВАО ба роҳбарияти Марказ саволҳо пешниҳод гардид, ки ҷавобҳои мушаххас дода шуд.

Ҳамзамон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани Рушду такмили қонунгузорӣ ва масоили ҷойдошта дар қонунгузории имрӯза аз ҷониби рӯзноманигорон таклифҳо пешниҳод карда шуд.

ТАФСИРИ ҚИСМИ СЕЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Китоби тозанашри Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм)" зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимов М.З ва ҳайати муаллифон барои кормандони мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ, донишҷуёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва доираи васеи хонандагон таҳия шуда, дар он масъалаҳо оид ба қонунгузории граждани оид ба моликияти зеҳнӣ, мерос ва ҳуқуқӣ байнахалқии хусусӣ бо назардошти талаботи қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи судӣ мавриди шарҳ қарор дода шудааст.

Дар сарсухани китоби зикршуда аз ҷумла қайд карда шудааст, ки қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 марти соли 2005 қабул шудааст. Бо қабули қисми мазкур бо таври куллӣ мазмуни муносибатҳо оид ба моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи меросӣ, муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи граждании дорои унсури хориҷидошта дигаргун гардида, дар ин раванд як қатор қонунҳои соҳавӣ қабул карда шуд, ки танзими муносибатҳои зикршударо таъмин менамояд ва ҳамзамон зарурат ба тафсирро доранд.

Дар китоб масъалаҳои вобаста ба моликияти зеҳнӣ тафсир шудаанд, зеро айни ҳол ба масъалаҳои мазкур, ҳангоми ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва рушди ҳукумати электронӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии эҷодкорон ва ҳуқуқҳои молумулкии онҳо, дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода бурдани дастовардҳои илмию эҷодӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ бо таври васеъ шарҳ дода шудааст.

Фасли дигари китоб тафсири масъалаҳои вобаста ба меросро дар бар мегирад. Имрӯзҳо баробари масоили дигар соҳаҳо масъалаҳо доир ба мерос дар таҷриба бинобар рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ зиёд шуда истодаанд. Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки на ҳамавақт ҳуқуқҳои меросхӯрон риоя мегардад, зеро савияи дониши ҳуқуқии мардум доир ба ин масъала коста мебошад. Масъалаҳои тартиби васиятнома додан, иҷрои васиятнома, муҳлати кушода шудани мерос, навбати меросхӯрон, қабул ва даст кашидан аз мерос, ҳифзи амволи меросӣ ва дигар масъалаҳои муҳим доир ба мерос дар китоби мазкур таҳлил ва тафсир шудааст.

Дар фасли дигари китоб бошад ба масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тафсир дода шудааст, ки масъалаҳои мазкур дар раванди ҷаҳонишавӣ, муомилоти байналмилалӣ ва муносибатҳои сармоягузорӣ ниҳоят муҳим мебошанд. Дар қисмати дигари тафсир муаллифон хусусан ба муносибатҳои шартномавии байни соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқии онҳо, муайян намудани қонунгузории татбиқшаванда дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ва дигар масъалаҳои зарурӣ изҳори ақида намудаанд.

Дар назар аст, ки тафсири мазкур дар амалия ва татбиқи ҷабҳаҳои гуногуни муносибатҳои зикршуда мавриди истифода қарор гирифта, дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мутахассисони соҳа ва аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

Б. С. САИДВАЛИЕВА. УГОЛОВНО-ПРАВОВЫЕ И КРИМИНОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ АМНИСТИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН МОСКВА, "ЮРИСПРУДЕНЦИЯ", 2013

Монография является первым в истории Республики Таджикистан комплексным научным исследованием, рассматривающим проблемы института амнистии с позиций отраслей права уголовно-правового цикла. В ней исследуются теоретические и практические вопросы амнистии, анализируется правовая природа амнистии. Проведен анализ действующего таджикского законодательства регламентирующего порядок и основания применения амнистии. Самостоятельному рассмотрению подвергнуты результаты изучения личности амнистированных. На основе проведенного исследования сформулированы предложения по совершенствованию норм, регулирующих институт амнистии на современном этапе.

Изложенные в монографии материалы могут быть использованы в научно-педагогической деятельности юридических факультетов вузов страны, а также при разработке новых законов об амнистии и в практике их применения.

Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: "20 - **солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид" / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. - Душанбе** : "2 **март**", 2013, 429 **саҳ.**

Китоби мазкур ба масъалаҳои 20 соли ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид бахшида шудааст. Дар доираи он масъалаҳои гуногунпаҳлӯи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ ҳамаҷониба баррасӣ гардидаанд.

Китоб барои донишҷӯён, аспирантон, устодони мактабҳои олӣ, кормандони илм ва ҳамаи он шахсоне, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид мароқ доранд, тавсия карда мешавад.

НОВОСТИ ПРОГРАММЫ "СОДЕЙСТВИЕ ПРАВОВОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ"

КАЗАХСТАН

Изданный в начале прошлого года Сборник административно-процессуальных законов различных стран имел большой спрос. Поэтому Программа GIZ решила выпустить новое издание и включить туда другие законы на русском языке. 2-е издание Сборника законов по административной юстиции опубликовано в декабре прошлого года.

Недавно вышел из печати новый сборник, который содержит соответствующие законы об административных процедурах на русском языке.

КЫРГЫЗСТАН

1 февраля 2013 года распоряжением руководителя аппарата Президента Кыргызской Республики были утверждены составы экспертных рабочих групп для разработки законопроектов, направленных на совершенствование процессуальных и иных норм права при отправлении правосудия. В их числе также был утвержден состав экспертной рабочей группы по разработке проекта Гражданского процессуального кодекса КР, о поддержке которой ранее программа GIZ выразило свое согласие.

18 февраля 2013 года экспертная рабочая группа провела свое очередное заседание при поддержке и участии представителя программы Рустама Мадалиева, который вошел в состав данной рабочей группы. На заседании были обсуждены основные направления (концепция), в рамках которых рабочая группа будет разрабатывать новый Гражданский процессуальный кодекс КР. Рабочей группой было принято решение при разработке нового ГПК взять за основу законопроект, который ранее в 2011 году был разработан при поддержке программы, а также учитывать дополнительные консультации от привлекаемых экспертов GIZ.

ТАДЖИКИСТАН

Программа "Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии" в Таджикистане, совместно с Советом юстиции Республики Таджикистан инициировали проект по внедрению информационно коммуникационных технологий в судебную систему Республики Таджикистан в целях повышения доступа к информации через Интернет. Этот проект является первым шагом к развитию системы электронного правосудия (E-Justice) в системе судов Таджикистана.

Проектом предполагается способствовать решению ряда задач, как:

- разработка и внедрение информационной системы управления документооборотом суда для повышения оперативности деятельности суда и соблюдение процессуальных правил и норм;

- разработка Интернет платформы обеспечивающей доступность к информации о судебных актах и решениях в режиме 24 часа 7 дней в неделю и повысить прозрачность в деятельности судов;

В рамках данной инициативы на базе функционирующего сайта Совета юстиции Республики Таджикистан (http://shuroiadliya.tj/) планируется открыть дополнительные информационные страницы для районных, городских и областных судов на которых будут доступны их судебные акты и решения. Электронная система документооборота будет внедрена в эксплуатацию пилотно в одном из судов г.Душанбе. В свою очередь, судьи пройдут обучение по использованию технологий в своей

деятельности. По завершению проекта будет проведена оценка эффективности электронной системы судопроизводства и его адаптация в остальных судах РТ.

ТУРКМЕНИСТАН

В Туркменистане в рамках правовой программы GIZ продолжается работа над первым Комментарием к Гражданскому Кодексу Туркменистана. 14 февраля состоялось первое в этом году заседание рабочей группы, которая находится на пороге завершения комментирования очередной части ГК Туркменистана - Особенной части обязательственного права, посвященной институтам, регламентирующим отдельные виды обязательств, а также нормам права, регламентирующим обязательства, возникающие из причинения вреда и неосновательного обогащения. Следующим этапом туркмено-германского сотрудничества в таком формате станет комментирование наследственного права и права об интеллектуальной собственности.

Поэтому неслучайным было проведение 15 февраля семинара по авторскому праву, во время которого были освещены основные нормы данного права, гарантирующие свободу литературного, художественного, научного, технического и других видов творчества. В мероприятии приняли участие представители Меджлиса, различных министерств и ведомств Туркменистана, в том числе Института демократии и прав человека, Института государства и права, Академии государственной службы при Президенте Туркменистана, Государственной издательской службы, вузов, общественных организаций, средств массовой информации и др.

Международные эксперты и туркменские правоведы представили участникам семинара доклады по общим положениям авторского права, его теоретическими и практическими аспектам. В частности, с докладами о международном опыте в области правоприменительной практики выступили эксперты GIZ - директор вышеупомянутого регионального проекта, судья административного суда города Берлин Йорг Пуделька, профессор Университета города Киль (ФРГ) Ладо Чантурия, а также сотрудница программы в Таджикистане Нигина Негматуллаева.

УЗБЕКИСТАН

В Узбекистане состоялось второе заседание недавно учрежденной рабочей группы по разработке комментария к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Узбекистан. В качестве экспертов в заседании приняли участие проф. Ладо Чантурия, Ханс Йоахим Шрамм, а также Йорг Пуделька. Рабочая группа, состоящая из высокопоставленных лиц из различных учреждений и судов, включая заместителя министра юстиции Узбекистана, уже разработала первый проект комментария и обсудила его подробно с экспертами. Наряду с этим была также продолжена работа над Законом об административных процедурах.

Кроме того, в сотрудничестве с Министерством юстиции готовиться к созданию новая рабочая группа по комментированию Закона о нормативно-правовых актах, принятый недавно Парламентом, который в особенности регулирует иерархию и выработку различных нормативных актов.

Публикация двух сборников с законами об административных процедурах и по административному процессу почти завершена. Те, кто заинтересован в (бесплатном) получении этих книг, могут обратиться в проектный офис в г. Ташкенте, либо по указанным контактам в конце рубрики.

Масъули чоп
Ответственный за выпуск **Назаров Д.**

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуда, дар матбааи «Азия-Принт» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.

Ба матбаа 19.04.2013 супорида шуд. Ба чопаш 22.04.2013 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии № 1 (9). Андозаи 84х108 1/16. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10. Адади нашр 250 нусха. Супориши № 22/4

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

734024. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13
телефон/факс 227-47-71
Индекси обуна 77710

Журнал подготовлен для печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии «Азия-Принт».

Сдан в печать 19.04.2013 г. Разрешен к печати 22.04.2013 г. Бумага офсетная типографская № 1 (9). Формат 84х108 1/16. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10. Тираж 250 экз. Заказ № 22/4

Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан

734024. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13
телефон/факс 227-47-71
Подписной индекс 77710

ТИПОГРАФИЯ ООО «АЗИЯ-ПРИНТ»
Ул. Н.Мухаммад 5/2/26

Маҷаллаи "Қонунгузорӣ" оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва таҳлилӣ нашр карда, доир ба чорабиниҳои муҳими сиёсию ҳуқуқии ҷумҳурӣ маълумот медиҳад ва бо мақсади фаҳмо гардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тафсирҳо таҳия намуда, аз мутахассисони варзидаи соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба саволҳои мубрами хонандагони худ посух меҷӯяд ва бо фаъолияти густурда ҷиҳати боло рафтани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон саҳм мегирад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯши чакана бароварда мешавад. Беҳтарин роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи "Қонунгузорӣ" дар ҳамаи шуъбаҳои алоқа идома дорад.

Индекси обуна: 77710

Нархи яксолаи обуна - 112 сомонӣ

Реквизитҳои бонкӣ:

Ташкилоти дастраскунанда: Маркази миллии қонунгузориии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бонки масъул: Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

с 20204972712010100002, с/м 22402972000002, МФО 350101800,

РМА 010082702.

В журнале "Законодательство" публикуются научные, научно-популярные и аналитические статьи по вопросам права и законодательства, размещается информация о важнейших политических и правовых мероприятиях страны, а также с целью разъяснения основных требований нормативных правовых актов -соответствующие комментарии к ним. Также на страницах журнала можно найти ответы высоко - классных специалистов в области права на вопросы читателей, которые позволят поднять уровень правовой образованности широких масс населения.

В связи с тем, что в розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве, наилучшим условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на издание осуществляется во всех отделениях связи республики.

Подписной индекс: 77710

Цена на годовую подписку - 112 сомони

Банковские реквизиты:

Получатель: Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан

Банк получателя: Главная управления центрального казначейства Министерства финансов РТ

Р/с 20204972712010100002, к/с 22402972000002, БИК 350101800,

ИНН 010082702.